**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ

**АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ХОЛМУРОДОВА МЕҲРАФРӮЗ БУРИЕВНА**

# ТАЪРИХИ РАВАНДИ ОШТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН ДАР ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

**(солҳои 1991-2001)**

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи
ихтисоси 6D020300 – Таърих

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор Абдуллоев М.Х

Кӯлоб – 2020

МУНДАРИҶА


Муқаддима........................................................................................ 3

**БОБИ I. ТАЪРИХИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН** 19

1.1. Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон…………….. 19

1.2. Марҳилаҳои асосии гуфтушуниди тарафҳои бо ҳам муқобил……………………………………………… 51

**БОБИ II. РАВАНДИ ОШТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН ВА НАҚШИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ……………………………………………….** 86

2.1. Заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ........................................................ 86

2.2. Нақши ИДМ ва созмонҳои байналмиллалӣ дар ноил гардидан ба оштии миллии тоҷикон................................ 113

2.3. Масъалаи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ: натиҷа ва мақоми таърихии он ........................ ............................................. 138

Хулоса........................................................................................ 152

Рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда............................ 157

# Муқаддима

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ.** Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он барои мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини рушди ояндаи мамлакат аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими халқу мамлакат аз он зиёни ҷиддӣ дида буданд, мамлакатро бӯҳрони ҷиддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ фаро гирифта буд. Ҳатто хавфи аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон низ аз эҳтимол дур набуд ва баъзе омилҳои аз даст рафтани истиқлолияти бадастомада низ имконпазир гардида буд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос неруҳои сулҳофар ва ақлҳои солим тавонистанд, ки мамлакатро аз вартаи нестшавӣ наҷот диҳанд ва садҳо ҳазор шаҳрвандони сарсону саргардонро ба ҳаёти осоишта раҳнамун созанд. Инчунин дарки моҳияти оштии миллии тоҷикон имкон медиҳад, ки дар мамлакат аҳамият ва арзиши Ваҳдати миллиро дар замири ҷавонон ба таври зарурӣ талқин намоем ва онҳоро аз ҳикмати сулҳу субот ва амнияту оромӣ бархӯрдор намоем.

Моҳи декабри соли 2016 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки ба давраи баъди таҷлили 25-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рост омад, аз солҳои сипаригардида ёдовар шуда чунин иброз намуданд: «Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола ақиб партофт ва мардуми Тоҷикистонро маҷбур сохт, ки барои бартараф кардани харобию хисороти он солҳо заҳмати шабонарӯзӣ ва мушкилоту монеаҳои басо гаронро таҳаммул намоянд. Қариб даҳ соли истиқлолият тамоми неру ва талоши Ҳукумати кишвар барои барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар фирориён, барқарорсозии баъдиҷангӣ, таъмини сулҳу субот ва

ваҳдати миллӣ равона гардид».[1] Воқеан ҳам даҳ соли аввали даврони соҳибистиқлолӣ барои кишвари мо давраи басо мушкил ва ҳассос ба шумор мерафт. Мамлакатро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд. Як қисми аҳолӣ аз Ватан ба сифати гурезагон фирор намуда буданд ва қисми дигари онҳо барои пайдо намудани макони боамн дар дохили мамлакат ҷойи зисти худро тарк намуда буданд. Одамон аз нарасидани маводи хӯрока азият мекашиданд. Тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фалаҷ гардида буд.

Дар раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир ва таъмини оштии миллӣ як қатор мушкилот ва душвориҳо ба амал меомаданд, ки онҳо дар аксар маврид ба таври сунъӣ бо мақсади монеа гардидан ба сулҳи тоҷикон ташкил карда мешуданд. Бинобар ин, раванди омӯзиши таърихи оштии миллӣ имкон медиҳад, ки ҷонибдорон ва мухолифони сулҳи тоҷикон муайян карда шуда, нисбат ба воқеаҳои хунини мамлакат хулосаҳои дуруст бароварда шавад. Инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот ва аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ як қатор созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ва ҳамчунин як гурӯҳ давлатҳои дигар низ фаъолона ширкат варзиданд. Зеро онҳо низ аз сулҳи тоҷикон манфиатдор буданд ва намехостанд, ки вазъият дар Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардад. Бодарназрадошти ин, раванди омӯзиши сулҳи тоҷикон имкон медиҳад, ки давлатҳои аз сулҳи тоҷикон ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон манфиатдор муайян карда шаванд. Зеро дар баробари неруҳои сулҳофар, ки барои таъмини сулҳу субот кӯшиш меварзиданд, инчунин таҳмилгарони бесуботӣ низ ҳамчун омили муҳими ҷанги шаҳрвандӣ аз мавҷудияти худ дарак медод. Бинобар ин, дар шароити муосир ҳамаҷониба таҳлил намудани таърихи оштии миллии тоҷикон, муайян сохтани сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ошкор намудани монеаҳои раванди сулҳофарӣ барои ҷомеаи тоҷик хеле муҳим мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи таърихи раванди оштии миллии тоҷикон оид ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-2001-ум, ки ба муносибати хотима

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22-юми декабри соли 2016. [Маводи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739

ёфтани он ҳамасола 27-уми июн Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон таҷлил мегардад, на танҳо аҳамияти таърихӣ, балки зарурияти таҳлилу таҳқиқи илмию амалӣ дорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Бояд гуфт, ки то ба имрӯз паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ, раванди баргузории марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир ва раванди ба даст омадани сулҳи тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Марҳилаи аввали ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар асарҳои илмию таҳлили олимони рус В.И.Бушков ва Д.В.Микулский[1] таҳлил гардидаанд. Мутассифона олимони мазкур марҳилаи аввали даргириҳои ҷанги шаҳрвандиро таҳлил намуда, ба масъалаи раванди оштии миллии тоҷикон таваҷҷӯҳ накардаанд. Сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар мақолаҳои илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ таҳлил гардидааст. Дар миёни онҳо С.Аҳмадов, А.М.Ғафуров, А.Гушер, М.Хрусталев, Н.В.Солоник ва чанде дигарон кӯшиш намудаанд, ки масъалаи мазкурро ҳамаҷониба таҳлил намоянд[2].

Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ нисбатан муфассал дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[3] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[4] инъикос ёфтааст. Дар ин асарҳо сабабҳо ва равти ҷанг, давраҳои гуфтушунид ва натиҷаҳои он тҳлил шудаанд. Аммо раванди гуфтушуниди байни тоҷикон ба таври муфассал баён нашудаанд.

---

[1] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). –М., 1996. – 160 с.; Бушков В.И., Микульский Д.В. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). – М., 1994. – 310 с.

[2] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017); Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М.Гафуров. [Электронный ресурс]. URL: http://ia-centr.ru/expert/1920/ (дата обращения: 10.10.2016); Гушер А. Война и мир в современном Таджикистане / А.Гушшер // Азия и Африка сегодня. – 1998. – №3. – С.6-13.; Хрусталев М.Гражданская война в Таджикистане: истоки и перспективы. –М., 1997. – 74 с.; Солоник Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане // Вестник Пермского государственного технического университета. Социально-экономические науки. –2011. №11. –С.25-41.

[3] История таджикского народа. Новейшая история. - Т.6. – Душанбе, 2011. – С. 438-487.

[4] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2016. 462с.

Инчунин муҳаққиқони дигар Абулҳаев Р, Абдуллоев Н., Акрамӣ З., Бобохонов Р.С., Ганҷакова М.Г., Ғоибов Ғ . Мирзоев Ҷ.А., Шарафиева О.Х.[1] дар таҳқиқоти худ паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро таҳлилу таҳқиқ намуда, вобаста ба сабабҳои сар задани он, хусусиятҳои дохилию минтақавии он ва раванди оштии миллӣ андешаҳои худро иброз доштаанд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши омилҳои динию мазҳабӣ ва этникию маҳаллии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои илмии гуногун баррасӣ гардидааст. Дар миёни олимони тоҷик М.А.Олимов ва С.К.Олимова[2] дар омӯзиши мсъалаҳои мазкур корҳои хеле муҳим анҷом додаанд. Нақш ва мавқеи исломи сиёсӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар мақолаҳои илмию таҳлилии муҳаққиқи тоҷик А.Ниёзӣ таҳлил гардидааст.[3]

Баъди солҳои 2000-ум олимону муҳаққиқони мамлакат паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва заминаҳои асосии сулҳи тоҷиконро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар доираи таҳқиқоти илмӣ рисолаҳои

---

[1] Абдуллаев Н. Гражданская война в Таджикистане // Мир и политика. – 1994. - № 1; Абдулов К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Ҷ.6. Монография / К. Абдулов. – Хуҷанд: Ношир, 2002; Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016; Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016; Акрамӣ З. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих / З. Акрамӣ. – Душанбе, 2017; Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3; Бобохонов Р.С. Некоторые вопросы историографии Таджикистана нового и новейшего времени / Р.С. Бобохонов. – М., 2012.; Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015; Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006; Мирзоев Ҷ.А. Инъикоси ҷанги шаҳрванди Тоҷикистон(1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. №1; Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук. – Томск, 2010.

[2] Олимов М.А. Об этнополитической и конфессиональной ситуации в Таджикистане и вероятности межэтнических конфликтов [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_12_olimov.shtml (дата обращения: 15.01.2017); Олимов М.А., Олимова С.К. Таджикистан: национальное примирение и вооруженные формирования объединенной оппозиции // Вестник Евразии. – 2000. –№4. –С76-98.; Олимов С.К. Коммунистическая партия Таджикистана в 1992-1994 гг. [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_05_olimova.shtml (дата обращения: 10.10.2016); Олимова С.К.Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/journal/cac-05-1999/st_23_olimova.shtml (дата обращения: 25.08.2016) и др.

[3] Ниязи А. Возрождение ислама в Таджикистане: традиция и политика [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/journal/cac-06-1999/nijazi.shtml (дата обращения: 12.01.2017); Ниязи А. Таджикистан: ислам и общество // Азия и Африка сегодня. – 1996. –№7. –С.26-31.

алоҳида омода намудаанд. Пеш аз ҳама, дар самти омӯзиши масъалаҳои мазкур нақши муаррихон ва сиёсатшиносон хеле калон аст. Аз ҷумла, муаррих Саъдуллоев И.И.[1] дар таҳқиқоти худ фаъолияти Комиссияи оштии миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши онро дар таҳкими сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон нишон додааст. Ғайр аз ин, муҳаққиқи дигар Ганҷакова М.Г.[2] дар рисолаи илмии худ таърихи сиёсии солҳои 90-умро таҳқиқ намуда, дар доираи таҳқиқоти худ паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро баррасӣ кардааст. Инчунин масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби олимони рус низ дар доираи рисолаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар миёни онҳо рисолаи илмии Шарафиева О.Х.[3] бевосита ба омӯзиши ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ӯ дар рисолаи илмии худ сабабҳои пайдоиши ҷанги шаҳрвандӣ ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро таҳлилу баррасӣ намудааст. Аммо бинобар сабаби аз ҷониби ӯ камтар истифода гардидани адабиёти олимони тоҷик дар рисолаи мазкур мухтасарбаёнӣ бештар дида мешавад. Муҳаққиқи дигари тоҷик Г.Р.Мирзоев[4] дар рисолаи номзадии худ сабабҳои дар Тоҷикистон сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди танзими онро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Дар масъалаи пайдоиш ва инкишофи ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охирҳои солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум рисолаи Абдуллоев И.Р. низ хеле ҷолиб аст, ки дар он китобҳои Б.Каримов «Қурбонии дузахин», Ҳайдаров Г.Х., Иномов М.И. «Таджикистан: трагедия и боль народа», Шокиров Б., Маҳмадкаримова А. «Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо

---

[1] Саъдуллоев И.И. Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. .. канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. –Душанбе, 2006. – 159 с.

[2] Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г.Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[3] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане. 1990-1997 гг.: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.03 / О.Х.Шарафиева. –Томск, 2010. – 242 с.

[4] Мирзоев Г.Р. Преодоление конфликтной ситуации в Республике Таджикистан. Россия и восстановление мира (90-е годы XX века): дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / Г.Р.Мирзоев. –М., 2004. – 192 с.

(солҳои 1989-1992)» мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд. Бояд тазаккур дод, ки маводҳои чопшуда барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ маълумоти арзишманди ҷамъбасткунанда дода метавонанд[1]. Инчунин, муҳаққиқ соҳаи таърих Мирзоев Ҷ.А.[2] низ масоили омӯзиши саҳифаҳои мудҳиши таърихи халқи тоҷикро дар солҳои 90-уми асри ХХ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар доираи мақолаҳои илмияш мавриди таҳлил қарор додаст. Ӯ махсусан ба ба инъикоси заминаҳо, сабабҳо, омилҳои дохилӣ ва хориҷии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с.1992-1997) ва нақши Иҷлосияи ХУ1-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таърихи давлатдории навини тоҷикон баррасӣ намудааст.

Ҳамчунин сиёсатшиносони тоҷик ба масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ ва оштии миллии тоҷикон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар доираи китобу рисолаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни воқеаҳои солҳои 90-умро таҳқиқ намудаанд.

Аз ҷумла прфоссор А.Н.Маҳмадов дар китоби «Тоҷикистон дар масири истиқлолият» масъалаҳои умдатарини идиологияи раванди музокирот, вазъи нави геополитикӣ дар Осиёи Миёна ва Консепсияи амнияти миллиро ҳамчун ҳуҷҷати муттаҳидсози нерӯи миллат мавриди таҳлил қарор додаст. Ӯ қайд менамояд, ки «Дар натиҷаи кушишҳои зиёди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва гуфтушунидҳои сиёсӣ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳукумати Тоҷикистон тавонист Созишномаи сулҳи асоснокро ба имзо расонад, ки он тағйиротҳои сохтори кониститутсионӣ, ҳалли масъалаҳои низомӣ, ҳуқуқӣ ва проблемаҳои гурезагонро пешбинӣ намуда буд. Баробари ба фаъолият шуруъ намудани Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ), татбиқи созишномаҳои имзогардида ва ҳамкории мунтазами он бо Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси қатъи амалиётҳои низомии доманадор

---

[1] Абдуллоев И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х и начале 90-х годов: автореф. дисс. … канд. ист. наук. –Худжанд, 2000. –С.6-8.

[2] Мирзоев Ҷ.А. Инъикоси ҷанги шаҳрванди Тоҷикистон(1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №1.

ва ба эътидол омадани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ гардид.[1] Муҳаққиқи дигар Саймуддинов Ш.[2] дар рисолаи илмии худ раванди ба вуқуъ омадани оштии миллӣ дар Тоҷикистон ва аҳамияти онро таҳлил намуда, бештар ба омилҳои дохилии ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ғайр аз ин, ҷанбаъҳои сиёсии оштии миллӣ ва ваҳдати миллӣ дар рисолаи илмии Восиев Ф.К.[3] таҳлил гардидааст. Дар рисолаи илмии мазкур ҳарчанд масъалаҳои оштии миллӣ ва раванди ҳалли низоъҳои сиёсии байни тоҷикон таҳқиқ гардида бошанд ҳам, онҳо дар доираи масъалагузории илмҳои сиёсӣ сурат гирифтааст, ки барои соҳаи таърих норасогиҳои методологӣ ва хронологӣ дорад.

Бояд гуфт, ки ба омӯзиши масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳои сар задани он, марҳилаҳои асосии танзими даргириҳои сиёсӣ ва раванди ба даст омадани сулҳи тоҷикон шумораи зиёди адабиёти илмӣ ва мақолаҳои илмӣ бахшида шудаанд. Аммо аксари онҳо аз солҳои 1997 то 2005 чоп гардидаанд, ки воқеияти даҳсолаи охирро ифода карда наметавонанд. Дар таҳқиқоти мазкур натиҷаҳои муҳими сулҳи тоҷикон ва дастовардҳои миллати тоҷик баъди ба даст омадани ваҳдати миллӣ дида намешаванд. Бо дарназардошти чунин ҳолат омӯзиши масъалаи раванди оштии миллӣ дар шароити муосир аҳамияти хеле муҳим касб менамояд. Махсусан, дастовардҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисод, ки дар муддати даҳ соли охир ба даст омадаанд, ҳамагӣ бо шарофати сулҳу субот ва оромии ҷомеа имконпазир гардидааст. Аз ин рӯ, дар доираи таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додани таърихи раванди оштии милли тоҷикон ва вобаста ба он нишон додани дастовардҳои муҳими стратегии давлату миллат иқдоми саривақтӣ мебошад. Хушбахтона, дар мамлакат ҳамасола дар арафаи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ чорабиниҳои гуногуни илмӣ баргузор

---

[1] Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият (таҷрибаи таҳлили низоъ ва раванди иҷтимоию сиёсӣ). Душанбе 200.- с 4.

[2] Саймуддинов Ш. Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Ш.Саймуддинов. –Душанбе, 2002. – 152 с.

[3] Восиев Ф.К. Национальное примирение и национальное единство: проблемы становления и развития (Опыт Таджикистана): дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Ф.К.Восиев. – Душанбе, 2010. – 165 с.

мегарданд, ки дар он таърихшиносон ва дигар олимону муҳаққиқони мамлакат дар атрофи ваҳдат ва сулҳу субот андешаҳои худро иброз медоранд, вале масъалаи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-2001-ум то ҳол паҳлуҳои гуногун дорад, ки ба таҳқиқоти илмӣ ниёзмандӣ пайдо менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзӯъҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва таърихи ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 дар мавзӯи "Таърихи халқи тоҷик, Қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихи *(давраи муосир)"* омода гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** – мавриди омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-2001-ум, баррасӣ намудани мушкилот ва монеаҳои он мебошанд. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот дар диссертатсия ҳалли чунин масъалаҳо муҳим дониста шуд:

– дар асоси таҳлил ва омӯзиши омилҳои дохилию хориҷӣ муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва нишон додани заминаҳои гуногуни ташаккулёбии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолият;

– мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои даргир;

– нишон додани заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ ва мавриди баррасӣ қарор додани самтҳои фаъолияти онҳо;

– нишон додани нақши неруҳои сулҳофари ИДМ ва созмонҳои байналмилалӣ дар раванди оштии миллии тоҷикон;

– муайян намудани заминаҳои таърихии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ, натиҷа ва мақоми таърихии он.

**Объекти таҳқиқот** – таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2001) мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – воқеаҳои таърихию сиёсии даҳсолаи аввали даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, раванди ба амал омадани он, марҳилаҳои гуногуни гутуфшунидҳо, ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва фаъолияти ҳайати тарафҳои раванди оштии миллиро дарбар мегиранд.

**Доираии хронологии таҳқиқот** бо мақсади таҳқиқот алоқаманд гардонида шуда, аз лаҳзаҳои аввали ба вуқуъ омадани нооромиҳои сиёсии мамлакат (1991) оғоз гардида, натиҷаҳои ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро (2000) дарбар мегирад, ки онро шартан ба се марҳила ҷудо намудан мумкин аст: якум, оғози бетартибиҳои сиёсӣ дар пойтахти мамлакат ва тағйирёбии вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии кишвар (1991-1992); дуюм, оғози ҷанги шаҳрвандӣ, баргузор гардидани марҳилаҳои гуногуни гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1992-1997); сеюм, таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ, дар самтҳои гуногун ба роҳ мондани фаъолияти онҳо ва натиҷаҳои фаъолияти комиссияҳои мазкур (1997-2000).

**Методологияи таҳқиқот**. Барои дар амал татбиқ намудани мақсади таҳқиқот дар раванди омӯзиши мавзӯи мазкур як қатор меъёрҳои илмӣ ва муносибатҳои методологӣ истифода гардидаанд. Истифодаи меъёрҳои илмии объективӣ ва таърихнигорӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, системавӣ ва муқоисавӣ барои инъикоси воқеияти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, хусусиятҳои муҳими раванди ба даст омадани оштии миллии тоҷикон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд. Дар рисолаи мазкур, инчунин бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаҳову ҳодисаҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муқоисаи равандҳои сиёсӣ ва инъикоси омилҳои манфӣ ва мусбат нишон дода шудаанд.

**Сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда.** Сарчашмаҳоеро, ки дар раванди таҳқиқот истифода гардидаанд, шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои расмии ташкилоту муассисаҳои гуногун (муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ), матбуоти даврӣ, манбаъҳои электронии шабакаи Интернет.

**Ба гурӯҳи аввал** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ дохил мешаванд. Қонунҳое, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-ум дар ҶШС Тоҷикистон қабул гардидаанд, барои асоснок намудани дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии мамлакат аҳамияти хеле калон доранд. Чунончи, Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи забон», ки дар он бори аввал ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуда буд, қонунҳои ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» ва «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон», ки онҳо барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ заминаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварданд. Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатии ҶШС Тоҷикистон» ва изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ барои асоснок намудани сабабҳои пайдоиши ҷанги шаҳрвандӣ ҳуҷҷатҳои хеле муҳим мебошанд. Таҳлили барномаҳои сиёсию идеологии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии Тоҷикистон, ки дар ибтидои солҳои 90-ум пайдо гардида буданд, барои дарки таркиби иҷтимоии неруҳои сиёсӣ ва барои шарҳи муносибатҳои тезутунди неруҳои ҳукуматӣ ва мухолифин хеле аҳамиятнок мебошанд.

Ба таври объективӣ нишон додани таърихи оштии миллии тоҷикон бе омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмии созмонҳои байналхалқие, ки дар раванди ҳалли низои Тоҷикистон ширкат варзидаанд, ғайриимкон аст.

**Гурӯҳи дуюми** сарчашмаҳоро ҳуҷҷатҳои расмӣ ташкил медиҳанд. Дар миёни онҳо фаъолияти намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ нақши хеле калон бозидааст. СММ дар раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир ба сифати тарафи сеюм ва ҳамчун миёнарав баромад намуда, роҷеъ ба вазъияти ҷангии

Тоҷикистон пайваста гузориш омода намудааст, ки омӯзиши ҳуҷҷатҳои мазкур барои нишон додани омилҳои дохилии ҷанги шаҳрвандӣ хеле аҳамиятноканд[1]. Инчунин дар раванди ҳалли низои Тоҷикистон давлатҳои узви ИДМ низ фаъолона ширкат варзидаанд. Ҳуҷҷатҳое, ки вобаста ба вазъияти Тоҷикистон аз ҷониби сарони давлатҳои узви ИДМ ба имзо расидаанд, барои таҳлили таърихи оштии миллии тоҷикон хеле аҳамиятнок мебошанд[2]. Як қатор ҳуҷҷатҳои дар раванди таҳқиқот истифодагардида ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар раванди баргузории гуфтушунидҳо вобаста ба масъалаҳои мушаххас баъди ба мувофиқа расидани ҷонибҳои даргир ба имзо расидаанд[3]. Аввалин ҳуҷҷате, ки ҷонибҳои даргир ба имзо расонидаанд, ба масъалаи гурезагон бахшида шуда буд[4]. Вобаста ба масъалаи қатъи амалиётҳои ҳарбӣ ду ҳуҷҷати дигар ба имзо расонида шуда буд[5]. Инчунин дар раванди таҳқиқот ҳуҷҷатҳои муҳимтарини дар раванди гутушунидҳо ба имзорасида, ки замимаҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд[6].

---

[1] Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 16 августа 1993 г.; Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 14 ноября 1993 г.; Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 5 мая 1994 г.; Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 12 мая 1995 г.; Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 16 сентября 1995 г. и т.д.

[2] Решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сил в Республике Таджикистан, 15 апреля 1994 г.; Учредительный договор о создании Фонда помощи Республике Таджикистан, Москва, 15 апреля 1994 г.; Устав Фонда помощи Республике Таджикистан; Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств; Положение о Коллективных силах по поддержанию мира в Содружестве Независимых Государств и т.д.

[3] Совместное коммюнике по итогам первого раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению от 19 апреля 1994 г.; Совместное коммюнике по итогам второго раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению от 28 июня 1994 г.; Совместное коммюнике по итогам третьего раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению от 31 октября 1994 г.;

[4] Протокол о создании Совместной комиссии по проблемам беженцев и винужденных переселенцев из Таджикистана от 19 апреля 1994 г.

[5] Соглашение о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны на период переговоров; Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны на период переговоров.

[6] Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане, 17 августа 1995 г.; Протокол по политическим вопросам, Бишкек, 18 мая 1997 г.; Соглашение Президенте Республики Таджикистан Э.Ш.Рахмонова и руководителя Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури по итогам встречи в Москве 23 декабря 1996 г.; Протокол об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению, Москва, 23 декабря 1996 г.;

Дар рисолаи мазкур инчунин маводи иттилоотии матбуоти даврӣ ва мақолаву андешаҳои аъзоёни КОМ низ мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки **гуруҳи сеюми** сарчашмаҳои истифодашударо ташкил медиҳанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот маводи электронии сомонаҳои интернетӣ низ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки ба **гурӯҳи чоруми** сарчашмаҳо онҳоро метавон ворид намуд. Махсус бояд таъкид намуд, ки ҳуҷҷатҳои муҳими дар раванди гутушунидҳо ба имзорасида дар сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид ҷойгир карда шудаанд.

**Навоварии таҳқиқот** – дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ бори аввал дар чунин шакл ба таври комплексӣ таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-2001 мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба таври зерин нишон дода мешавад:

– бо мақсади мушаххасан нишон додани сабаб ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили саршавии бетартибиҳои дохилӣ, оғози амалиётҳои ҳарбӣ, бархӯрди неруҳои сиёсӣ ва дар маҷмӯъ таърихи ҷанги шаҳрвандӣ (1991-2001) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

– марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, монеаҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва баъзе хусусиятҳои давраи баргузории гутушунидҳо муайян карда шудааст;

– таърихи таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, нақш ва саҳми онҳо дар танзими ҷанги шаҳрвандии байни тоҷикон нишон дода шудааст;

– нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои узви ИДМ дар танзими ҷанги шаҳрвандӣ, дар самти муҳайё намудани шароит барои

---

Протокол о гарантиях осуществления Соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане, Тегеран, 28 мая 1997 г.; Дополнительный протокол к протоколу «Об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению», Мешхед, 21 февраля 1997 г.; Протокол по военным проблемам, Москва, 8 марта 1997 г.; Протокол по вопросам беженцев, Тегеран, 13 января 1997 г.; Положение о Комиссии по национальному примирению, Мешхед, 21 февраля 1997 г.

баргузор намудани гуфтушуниҳдҳо ва дар самти расонидани кӯмакҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию гуманитарӣ возеҳу равшан гардонида шудааст;

– раванди дар амал татбиқ гардидани талаботи Созишномаи уммии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, натиҷа ва мақоми таърихии он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, натиҷаҳои амалии он нишон дода шудааст.

**Ҳолатҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1.Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сабаби ягона надорад. Зеро он дар зери таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва берунӣ ба вуқуъ омадааст. Баъди оғози бозсозӣ дар ҶСШ Тоҷикистон як қатор қонунҳое қабул мегарданд, ки онҳо барои фаъолгардии мухолифини исломию демократӣ шароити сиёсию ҳуқуқӣ фароҳам меоваранд. Аз чунин имконият истифода намуда, доираҳои муайяни хориҷӣ низ бо роҳи кӯмак расонидан ба мухолифини демократию исломӣ ба равандҳои сиёсии дохили мамлакат таъриасонӣ менамуданд. Дар чунин шароит Ҳукумати Тоҷикистон, ки давраи хеле ҳассосро аз сар мегузаронид, худро бо воқеият ва дигаргуниҳои босуръат бамалоянда мутобиқ карда натавонистанд ва аз уҳдаи ба эътидол даровардани вазъият набаромаданд. Тайи ду соли аввали ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҳалокат расида, қариб 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат ба сифати гуреза тарки ватан намуданд ва дар пайи ҷангу хунрезиҳо зиёда аз 55 ҳазор кудакон ятим монданд. Хоҷагии халқ зарари хеле зиёд дида, ҷомеа ба бухрони шадиди иқтисодӣ гирифтор гардида буд. Бархӯрдҳои мусаллаҳона гоҳе ором мегардиданд ва гоҳе аланга мегирифтанд. Аммо бо роҳи ҳарбӣ ғайриимкон будани ҳали низои сиёсӣ аллакай маълум гардида буд. Зеро амалиётҳои ҳарбӣ натиҷаи дилхоҳ намедоданд.

2. Кӯшиши танзим намудани низои сиёсии байни тоҷикон аз рӯзҳои аввали муборизаҳои мусаллаҳона оғоз гардида буд. Аммо баъди оне, ки ба воситаи неруҳои ҳарбӣ ҳал намудани низоъ самараи дилхоҳ ба бор наовард ва ҷонибҳои низоъ манбаъҳои худро пурра сарф намуда, ба ҳолати ногувор дучор гардиданд, зарурати баргузор

намудани гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил ба миён омад. Аз моҳи апрели соли 1994 зери ҳимояти СММ марҳилаи хеле тӯлонии гуфтушунидҳо дар миёни мухолифини тоҷик ва ҳукумати Тоҷикистон оғоз гардида, 27 июни соли 1997 бо имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом ёфт. Дар натиҷаи анҷом додани машваратҳои зиёд ва баргузор гардидани вохуриҳо ва гуфтушунидҳо ҷонибҳо имкон пайдо намуданд, ки дар атрофи масъалаҳои ҳассоси ҷанги шаҳрвандӣ ба созиш оянд. Баъди ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» низ вазъияти сиёсӣ дар мамлакат ҳамоно ноором буд. Аммо ин ҳуҷҷати тақдирсоз имкон дар самти демократикунонии ҷомеа ва ҳамроҳ намудани мухолифин ба системаи ҳокимияти давлатӣ имконияти хуб фароҳам овард.

3. Раванди танзими низои сиёсии байни тоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро аз рӯзҳои аввали баргузории гуфтушунидҳо ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар доираи фаъолияти комиссияҳои якҷоя ҳаллу фасл намудани мушкилоти дар мамлакат ҷойдоштаро дар маркази диққат қарор дода буданд. Ташкили комиссияҳои муштарак имкон медод, ки ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар ҳайати онҳо ба таври баробар шомил гардида, масъалаҳои мавҷударо бо дарназардошти манфиатҳои тарафйн баррасӣ намоянд ва роҳҳои хубтару беҳтари ҳалли онҳоро пайдо созанд. Инчунин таъсиси комиссияҳои муштарак барои ҳалли низои сиёсии байни тоҷикон имкон дода буд, ки дар миёни ҷонибҳои даргир фазои боварӣ ва иродаи сиёсӣ устувортар гардад. Махсусан дар самти амалишавӣ ва риояи талаботи ҳуҷҷатҳои баимзорасида фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ хеле назаррас буда, дар таъмини раванди оштии миллии тоҷикон нақши муҳим бозидааст.

4. Низои сиёсии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва пурпечидаи баъди фурӯпошии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид миёни ҷонибҳои

низоъ дар шароитҳои душвори сиёсӣ ва бuҳронӣ ба амал омадаанд, ки чунин ҳолат аз мураккабии он дарак медиҳад. Дар самти ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва ташкили раванди оштии миллии тоҷикон дар баробари як қатор омилҳои дохилӣ, инчунин фаъолияти намояндагони расмии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ хеле назаррас мебошанд. Махсусан, таъсиси Неруҳои дастаҷамъии сулҳофари ИДМ дар Тоҷикистон фаъолияти назаррас нишон медиҳад. Чунин навъи фаъолият дар самти таъмини сулҳу субот иқдоми аввалини ИДМ ба шумор мерафт, ки он ҳам бошад дар ҳамкорӣ бо СММ ва САҲА дар амал татбиқ мегардид. Ҳарчанд ҳамаи кӯшишҳои неруҳои сулҳофари ИДМ бо муваффақият анҷом наёфта бошанд ҳам, нақши ин иттиҳод дар таҳкими сулҳу субот ва танзими низои байни тоҷикон хеле назаррас буд. Ин буд, ки Шӯрои Амнияти СММ кӯшишу талошҳои Нерӯҳои сулҳофари ИДМ-ро ба инобат гирифта, фаъолияти онро ҷонибдорӣ намуда буд. Бинобар ин, минбаъд СММ аз кумакҳои ИДМ дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон ва баргузор намудани гуфутушунидҳои ҷонибҳои низоъ ба таври васеъ истифода намуда, онҳоро на танҳо ба сифати нозир, балки масъулони баргузории воқеаҳои таърихӣ интихоб намуд.

5. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз мегардад. Яке аз талаботҳои асосии созишномаи мазкур ташкили Комиссияи оштии миллӣ буд, ки дар кори он намояндагони ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик бояд ширкат меварзиданд. Комиссияи мазкур ҷанги шаҳрвандиро бояд ба сулҳи шаҳрвандӣ табдил медод. Дар давраи амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷонибҳо ба мушкилиҳои зиёд рӯбарӯ гардида буданд. Ҳатто баъди сипарӣ гардидани се сол, яъне дар соли 2000-ум ҳанӯз ҳам дар мамлакат дастаҳои гуногуни ҷиноӣ ва силоҳбасдастон амалҳои ҷиноӣ содир менамуданд. Бо кушишу талошҳои шабонарӯзии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин лаҳзаҳои душвортарин роҳу усулҳои гуногуне пайдо намуда, ҳалли бисёр масъалаҳоро ба дӯши худ мегирифт. Баъди қатъ гардидани фаъолияти Комиссияи оштии

миллӣ 1-уми апрели соли 2000-ум бо Амри махсуси Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи ҳукуматӣ таъсис дода мешавад, ки он барои андешидани тадбирҳо баҳри минбаъд муътадил гардидани вазъ, фароҳам овардани шароити мусоид барои солимгардонии вазъи криминалӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши хеле муҳим бозидааст. Комиссияи мазкур бо роҳбарони дастаҳои саҳроии минтақаҳои мазкур вохӯриҳо гузаронида, аксари онҳоро ба корҳои мулкӣ сафарбар намудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асосии таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмии дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ баимзорасида воқеияти сиёсӣ ва бухрони ҳарбии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмии рисола барои омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, таърихи сиёсии Тоҷикистон ва умуман барои омӯзиши таърихи раванди оштии миллии тоҷикон барои кормандони соҳаҳои илм маводи илмӣ ва фактологӣ ба шумор меравад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Маводи диссертатсия дар раванди таълим барои омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои омӯзиши даҳсолаи аввали таърихи навини Тоҷикистон аҳамияти муҳиму хосса дорад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани воқеияти сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси чанд соли марҳилаи баъдиҷангӣ, инчунин аз ҷониби омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ низ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар натиҷагирии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои нашргардида ва матбуоти даврии солҳои 1990-ум доир ба раванди оштии миллии тоҷикон бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқотӣ мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯхтани сарчашмаҳои гуногун муаллиф онҳоро дар маҷмӯъ таҳлил намуда, роҳҳои минбаъдаи ҳалли мунокишаҳои сиёсиро дар мисоли раванди оштии миллии тоҷикон пешгӯӣ менамояд.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи таърих халки точики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ омода ва муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар як монография ва шаш мақолаи илмии муаллиф дарҷ гардидаанд.

**Шумора ва тавсифи интишорот.** Маҷмӯи асосии диссертатсия дар 1 монография, 10 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 161 номгӯйро фаро мегирад.

# БОБИ I. ТАЪРИХИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН

## 1.1. Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон

Санаи муайяни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз 5-уми майи соли 1992 пазируфта шудааст, аммо аксари муҳаққиқон оғози ҷанги шаҳрвандиро бо гирдиҳамоии моҳи апрели соли 1992 алоқаманд менамоянд. Зеро дар ин гирдиҳамоӣ мухолифин имкон пайдо намуда буданд, ки ба сари қудрат биёянд. Ҳарчанд, ки нооромии ҷомеа як сол қабл оғоз гардида бошад ҳам, маҳз баъди гирдиҳамоии моҳи апрели соли 1992 бархӯрди шадид миёни неруҳои гуногун ба вуҷуд меояд ва муборизаҳои мусаллаҳона оғоз мегарданд. Аммо ду сол қабл аз ин воқеа рӯзҳои 11-14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоии шадид баргузор гардида буд, ки онро баъзан «воқеаҳои февралӣ» муаррифӣ менамоянд. Он замон дар ҷомеа овозае паҳн мегардад, ки гӯё гурезагони армание, ки минтақаи амалиётҳои ҳарбии сарзамини худро тарк намуда ба Тоҷикистон паноҳ оварда буданд, дар шаҳри Душанбе бо хонаҳои истиқоматӣ таъмин гардидаанд. Воқеаҳои февралӣ дар аввал бар зидди арманиҳо равона гардида буданд, аммо аз он сабабе, ки ҳукумат ақидаҳои мардумро нодида мегирифт, оҳиста-оҳиста он ба ҳаракати зиддиҳукуматӣ табдил меёбад.

Мавриди қайд аст, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро метавон ба ду давра ҷудо кард. Давраи аввал аз санаи 5-уми майи соли 1992, ки аксари кули муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, оғоз шуда, то моҳи декабри ҳамон сол, яъне то ба анҷом расидани иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ низ таҳавулот ворид кард, давом кардааст. Давраи мазкур марҳилаи аз ҳама шиддатноки ҷанги шарвандӣ буда, дар ин муддат қариб 50 ҳазор нафар тоҷикистониён қурбон гардиданд. Тибқи маълумоти Комиссариати олии СММ оид ба масоили фирориён, 600 ҳазор, яъне даҳяки аҳолии мамлакат маҷбур шуданд, ки ҷои истиқомати доимии худро дигар кунанд. 80

ҳазор нафар дар марзи Афғонистон паноҳ бурданд[1] . Хисороти иқтисодие, ки ба ҷумҳурӣ расонида шуд, тахминан 300 млрд. рублро ташкил медод. 80% нерӯи саноатии мамлакат аз кор бозмонд, ҳаҷми даромади миллӣ дар соли 1992 дар муқоиса ба соли 1991 31 % кам гардид [2]. Дар охири соли 1992 иқтисодиёти мамлакат як ҳолати ногуворро дошт. Эҳтимолияти аз ҷумҳурӣ ҷудо шудани вилояти Ленинобод ба миён омад. Роҳбарияти вилояти Бадахшони Кӯҳӣ масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод кард. Хатари ҳамчун давлат аз байн рафтан Тоҷикистонро таҳдид мекард.

Давраи дуюм аз моҳи январи соли 1993, яъне баъд аз анҷоми иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе ба кор шурӯъ намудани роҳбарияти тозаинтихоби давлат оғоз ёфта, то 27 июни соли 1997 – ба имзо расидани "Созишномаи умумии истиқрои сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" давом кардааст. Давраи дуюмро муҳаққиқи тоҷик Мирзоев Ҷ.А. ба ду марҳила ҷудо намудааст. Марҳилаи аввал аз моҳи январи соли 1993 то моҳи апрели соли 1994, оғози даври аввали гуфтушуниди байни тоҷикон (5-19 апрели соли 1994)-ро, ки дар дили мардуми тоҷик шӯълаи оштии миллӣ ва сулҳу амониро афрӯхт, фаро мегирад. Марҳилаи дуюм аз моҳи апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 давом карда, бо имзои "Созишномаи умумии истиқрои сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" ба анҷом расидааст.[3]

Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ сабаби ба вуқуъ омадани чунин вазъият камшавии боварии мардум нисбат ба қобилиятҳои сиёсию идории Ҳизби комунистӣ дониста мешавад. Аз ин сабаб, тирамоҳи соли 1991 мухолифини зиддиҳукуматӣ ташаккул меёбад, ки мақсади онҳо сарнагун кардани ҳокимияти Ҳизби коммунистӣ ба шумор мерафт.

---

1 См.: История таджикского народа/ под общей редакции Масова Р.М.-Душанбе,2011-.6-С.438-488.

2 См.: Кузьмин А. И. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А.И. Кузьмин [Электронный ресурс]. URL: http: / militaryarticle.ru/obozrevatel/1993-obozrevatel/12799/ (дата обращения: 01.02.2019).

3 Мирзоев Ҷ.А. Инъикоси ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон(1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.2019.№1-С .115.

Инчунин тирамоҳи соли 1992 аз ҷониби тоҷикон ва узбекони муқими Афғонистон сарнагун кардани ҳукумати Наҷибулло Муҳаммад низ ба вазъияти Тоҷикистон таъсири манфӣ расонидааст. Зеро тоҷикони муқими Афғонистон, ки дар сарнагун кардани ҳукумати худ ғолибият ба даст оварда буданд, тоҷикони муқими Тоҷикистонро барои пайвастан ба сафи онҳо ва ташкил намудани як ҳудуди тоҷикони умумӣ ҳамаҷониба кумак ва дастгирӣ менамуданд.[1] Аммо ин омил сабаби ягонаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дониста намешавад. Онро танҳо омили таъсиррасон ва заминаи муташанниҷ гардидани вазъияти сиёсӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Ҳанӯз 11 феврали соли 1990 дар назди бинои Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон як гурӯҳ мухолифини ҳукумат бе иҷозати пешакӣ гирдиҳамоӣ баргузор менамоянд. Барои пароканда намудани тазоҳургарон ҳукумат аз неруҳои мусаллаҳ ва сохторҳои қудратӣ истифода менамояд ва дар натиҷаи ин бархӯрд 17 нафар тазоҳуротчиён ба ҳалокат мерасанд. Баъди ин воқеа дар шаҳри Душанбе бетартибиҳо оғоз мегарданд ва қатлу ғорати мардуми осоишта низ сар мешавад. Бинобар сабаби яку якбора ноором гардидани вазъияти шаҳри Душанбе Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон маҷбур мегардад, ки бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти мардуми осоишта аз соати 22-00 рӯзи 12 феврал дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҳолати фавқулода эълон намояд ва аз соати 22-00 то 6-00 субҳ соати комендантӣ ҷорӣ кунад.[2]

Аммо вазъият аллакай аз зери назорати ҳокимияти марказӣ берун гардида буд ва дар чунин ҳолат заифии ҳукумат ва аз уҳдаи ба эътидол овардани вазъият набаромадани он эҳсос мегардид. Иштирокчиёни чандҳазорнафараи гирдиҳамоӣ истеъфои ҳукумат ва котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ Қаҳҳор Маҳкамовро талаб менамуданд. Ҳукумат то омадани нерӯҳои ҳарбии иловагӣ барои истеъфо додан розӣ мегардад. Баъди он, ки ба шаҳри Душанбе неруҳои ҳарбии иловагӣ ворид карда мешавад, ҷаласаи

[1] Богатуров А.Д., Аверков А.В. История международных отношений. 1945-2008. – М.: Аспект Пресс, 2010. – С. 359.
[2] Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С.Кобилова. – Худжанд, 2007. – С.30.

фаврии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ баргузор мегардад, ки дар он истеъфои Қ.Маҳкамов ва ҳукуматро қабул наменамоянд. Дар ҷаласаи мазкур инчунин як қатор мухолифони ҳукумат, ки ба сафи тазоҳургарон пайваста буданд, аз ҳайати КМ ҲКТ бароварда мешаванд.[1]

Дар давоми чанд моҳи оянда оид ба сар задани бетартибиҳо тафтишот бурда мешавад ва як қатор сабабгорону ташаббускорони воқеаҳои февралӣ муайян карда мешаванд, аммо ҳанӯз ҳам ба таври мушаххас гуфта наметавонистанд, ки барои сар задани воқеаҳои мазкур ҷавобгарӣ бар дӯши кист. Ҳукумат мухолифинро гунаҳкор намуда, онҳоро сабабгори сар задани воқеаҳои февралӣ номид. Аммо ба ақидаи мухолифин, сохторҳои қудратии Тоҷикистон гунаҳкори асосии ин воқеаҳо мебошанд. Зеро онҳо барои дар зери фишор қарор додани мухолифин имконият ҷустуҷӯ менамуданд. Дар миёни арманиҳо бошад сар задани чунин воқеаҳоро кори дасти озарбойҷониҳо медонистанд.[2]

Роҷеъ ба вазъияти баамаломада муҳаққиқи ҷанги шаҳрвандӣ М.Амиршо чунин андешаронӣ намуда буд: «Тақдир ба мо истиқлолиятро тухфа намуд, аммо тоҷикон натавонистанд онро ба даст гиранд ва хуҷаини он бошанд. Баръакс, кашмакашҳои бемаъно оғоз гардида, пора-пора кардани Тоҷикистон сар шуд. Мамлакат ба маҳаллаҳо тақсим гардида буд. Дар қишри болоии ҷомеа маҳаллагароён қарор гирифта буданд. Онҳое, ки орзӯи ҳокимият, мансаб ва курсиро доштанд, гирдиҳамоӣ барпо менамуданд. Чунин руҳияи бад ба ҳар як сокини мамлакат таъсир расонид, ки аз худ оқибатҳои нохуберо боқӣ гузошт. Одамон ба гурӯҳҳо ва қавмҳо ҷудо гардиданд, бародар душмани бародар гардид».[3]

Донишманди тоҷик профессор Маҳмадов А.Н. иброз медорад, ки «истиқлоли ғайричашмдошт бадастомада ва дарки нокифояи

---

[1] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017)

[2] Калишевский М. От площади Ленина к площади Шахидон: К 20-летию февральской трагедии в Душанбе [Электронный ресурс]. URL: http://www.fergananews.com/articles/6470 (дата обращения: 12.01.2017)

[3] Амиршо М. Раненные страницы. – М., 2001. – С.17.

озодии сиёсӣ аз ҷониби як зумра тоҷикистониён ва ба доми фиреби бегонагон афтидани равшанфикрон Тоҷикистонро ба чунин ҳодисаҳои фоҷианок ва хунин оварда расонид. ... Тоҷикистониён туҳфаи бузурги ногаҳонӣ гирифтанд, ки корбурди он барояшон мушкилиҳои зиёдеро ба бор овард».[1]

Ҳарчанд дар воқеаҳои февралӣ мухолифин бо роҳи ташкил намудани тазоҳурот барои барканор намудани роҳбарияти сиёсии он замон муваффақият пайдо карда натавониста бошанд ҳам, онҳо тавозуни қувваҳоро тағйир дода тавонистанд. Инчунин бо истифода аз вазъияти баамаломада мухолифин заифии роҳбарияти сиёсии онвақтаро эҳсос намуда, барои барпо намудани тазоҳуроти навбатӣ заминагузорӣ намуданд. Ба андешаи таҳлилгари воқеаҳои февралӣ С.Қобилова, фоҷеаҳои дар моҳи феврали соли 1990 рухдода ба амалиёти пешакӣ тарҳрезишуда хеле шабоҳат дошт ва ноором сохтани вазъият дар шаҳри Душанбе, сипас дар қаламрави мамлакат ҳадафи асосии он буд. Инчунин мухолифин роҳбарияти сиёсиро барои саривақт ҳал накрадани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ гунаҳкор намуда, бо ин роҳ мехостанд эътибори онҳоро дар назди мардум коҳиш диҳанд.[2] Воқеаҳои февралӣ дар таърихи навини Тоҷикистон аввалин фоҷеаҳои даҳшатнок ба шумор мераванд. Ин нооромиҳо бо фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва кандашавии алоқаҳои иқтисодӣ рост меомад, ки чунин вазъият раванди муташанниҷ гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва вазъияти сиёсӣ дар Тоҷикистонро метезонид.

Марҳилаи навбатии ноором гардидани вазъият дар мамлакат фаъолгардии неруҳои сиёсии гуногун ба шумор мераванд. Одатан неруҳои сиёсии мамлакат бар зидди режими сиёсии мавҷуда баромад менамуданд. Дар миёни онҳо ҳаракати сиёсии «Растохез», ки фаъолияти худро ҳамчун гурӯҳи зиёиёни тоҷик оғоз намуда буд, мавқеи хеле мустаҳкам дошт. Пайравони ҳаракати сиёсии «Растохез» худро ҳамчун ҳомиёни забони тоҷикӣ ва пайравони фарҳангу ниёгони

[1] Ниг.: Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 100.
[2] Ниг.: Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С.Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – С.63.

тоҷик муаррифӣ намуда, мардумро аз паси худ бурдан мехостанд. Дар моҳи феврали соли 1990 ҳаракати «Растохез» яке аз неруҳои пуртаъсиртарини мамлакат ба шумор мерафт. Ҳарчанд роҳбарияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ҳаракати «Растохез»-ро дар фитнаангезию иғвогарӣ гунаҳкор дониста бошад ҳам, фаъолияти онро ғайриқонунӣ муаррифӣ намекард. Дар ин марҳила ҳаракати исломӣ низ хеле фаъол гардида буд. Ҳукумат бо дарки ин гуна таҳдид кӯшиш менамуд, ки пеши роҳи онро гирад. Бо ин мақсад 5 октябри соли 1990 парлумони Тоҷикистон қароре қабул менамояд, ки дар он гуфта мешуд: «Дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон таъсиси шуъбаи минтақавии Ҳизби наҳзати исломии умумииттифоқӣ ва умуман дар мамлакат ташкили ҳизби исломӣ номумкин дониста шавад». Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда 6 октябри соли 1990 конфронси минтақавии махфии «умумияти исломӣ» ташкил карда мешавад. Ин конфронс дар клуби деҳаи Чортути собиқ ноҳияи Ленин дар наздикии шаҳри Душанбе баргузор мегардад ва дар ҷамъомади мазкур шуъбаи тоҷикистонии Ҳизби наҳзати исломии умумиитифоқӣ ташкил карда мешавад. Раиси шуъбаи минтақавии он Муҳаммадшариф Ҳимматзода интихоб мегардад.[1]

29 ноябри соли 1990 вазифаи президенти ҶШС Тоҷикистон ҷорӣ карда мешавад, ки Шӯрои Олӣ ба ҳайси аввалин президент Қаҳҳор Маҳкамовро интихоб менамояд. Дар мамлакат дар зери таъсири неруҳои гуногуни сиёсӣ ва умуман бухрони сохтории Иттиҳоди Шӯравӣ вазъият рӯз то рӯз бадтар мегардид. Махсусан, баъди табаддулоти давлатие, ки 19-21 августи соли 1991 дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия бенатиҷа анҷом ёфт, мавқеи Қ.Маҳкамов, ки аз ин табаддулоти давлатӣ пуштибонӣ менамуд, низ хеле заиф гардид. Дар пайи ин ҳодиса дар Тоҷикистон низ ба монанди давлатҳои дигари шӯравӣ масъалаи барҳам додани ҳизби коммунистӣ ва аз сари қудрат дур намудани роҳбари он ба миён омада буд. Баъди аз сари ҳокимият дур намудани Қ.Маҳкамов 22 сентябри соли 1991 раиси Шӯрои Олӣ Аслонов Қадриддин, ки муваққатан иҷрокунандаи вазифаи сарвари

[1] Ниг.: Ниязи А. Возрождение ислама в Таджикистане: традиция и политика [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/journal/cac-06-1999/nijazi.shtml (дата обращения: 15.01.2017)

давлат ба ҳисоб мерафт, дар бораи манъ намудани фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон фармон содир намуд. Аммо баъди як рӯз фармони ӯ аз ҷониби Шӯрои Олӣ бекор карда шуда, ҷойи ӯро ба Раҳмон Набиев медиҳанд. Моҳи сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоии зиддикоммунистӣ оғоз мегардад. Дар раванди тазоҳурот бори аввал ҳаракати исломӣ мухолифини дунявиро ҷонибдорӣ менамояд. Ҳизби демократии Тоҷикистон, ҳаракати «Растохез» ва ташкилоти ҷамъиятию сиёсии «Лаъли Бадахшон» ба сифати мухолифини бо назари дунявӣ баромад менамуданд. Ҳаракати якҷояи онҳо ба иттиҳоди исломию демократӣ монандӣ пайдо намуда буд. Сарварони исломӣ намояндагони худро ба кучаҳо мебароварданд. Онҳо бо мақсади мубориза бурдан бо ҳизби коммунистӣ ва роҳбарияти коммунистӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои мамлакат муттаҳид гардида истода буданд. Бо роҳи зери фишор қарор додани роҳбарияти сиёсии мамлакат сарварони исломӣ мавқеи худро дар ҷомеа мустаҳкам менамуданд.[1]

Бояд гуфт, ки соли 1991 Ҳизби демократӣ, ҳаракати «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва «Ташкилоти ҷавонони озод» қаноти неруҳои демократии Тоҷикистонро ташкил намуда, дар муқобили Ҳизби коммунистӣ қарор гирифта бошанд ҳам, аммо дар интихобот ҳамагӣ 30% овозҳоро соҳиб шуда буданд. Бинобар ин сабаб онҳо худро мухолифи ҳукумат эълон намуданд. Моҳи ноябри соли 1991 Раҳмон Набиев дар интихоботи президентӣ бо гирифтани 57% овозҳо ғолибият ба даст меорад. Баъди ғолибият ӯ дубора фаъолияти Ҳизби коммунистиро иҷозат медиҳад. Дар ин давра дар миёни президент Раҳмон Набиев ва роҳбарони мухолифин созишномае ба имзо расонида шуда буд, ки мувофиқи он Р.Набиев ӯҳдадор мегардид, ки роҳбарони мухолифинро таъқиб нанамояд ва ҷонибҳои муқобил бошанд барои анҷом додани фаъолияти қонунӣ ва даст кашидан аз ҳар гуна амалҳои зиддиҳукуматӣ розигӣ доданд.[2] Моҳи декабри соли 1991 ҳукумат Ҳизби наҳзати исломиро расман ба қайд мегирад, ки дар

---

[1] Шарипов С.И. Таджикистан: демократизация политических отношений. – Душанбе, 2000. – С.70.
[2] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)

ҳудуди Осиёи Марказӣ ин аввалин ҳолати қонунӣ гардонидани фаъолияти ҳизби исломӣ ба шумор мерафт.[1] Ҳизби наҳзати исломӣ якҷоя бо ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти сиёсии «Лаъли Бадахшон» таҳти унвони «Наҷоти Ватан» штаби якҷоя ташкил менамоянд, ки он то ба истеъфо рафтани Р.Набиев мавҷудияти худро нигоҳ медошт.

Р.Набиев ба созишномаи байни ӯ ва мухолифин басташуда нигоҳ накарда, бо нияти пурра аз байн бурдани онҳо аллакай баҳори соли 1992 барои резонидани обрӯи онҳо ва коҳиш додани мавқеи онҳо як қатор меъёрҳои нав ҷорӣ намуд. Масалан, 26 марти соли 1992 дар пахши мустақими телевизиони давлатӣ, ки ҷаласаи Шӯрои Олиро намоиш медод, раиси Шӯрои Олӣ Кенҷаев С. вазири корҳои дохилӣ Навҷувонов М.-ро барои суйиистифода аз мансаб гунаҳкор намуда, истефои онро талаб намуд. Навҷувонов М. намояндаи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба шумор мерафт. Бинобар ин, баъди чанд рӯз дар майдони Шаҳидон дар назди бинои ҳукумат зиёда аз 500 нафар, ки аксари онҳо намоядагони Бадахшони кӯҳӣ буданд, ҷамъ омада, истеъфои С.Кенҷаевро талаб намуданд.[2] Баъди гузашти якчанд рӯз гирдиҳамоӣ на танҳо хомӯш нагардид, балки ба сафи он намояндагони минтақаҳои дигари мамлакат низ пайваст гардиданд. Тазоҳургарон аз ҳукумат талаб намуданд, ки дар ҳалли як қатор масъалаҳои сиёсӣ расидагӣ намояд. Чунончӣ, тазоҳургарон талаб менамуданд, ки: ҷаласаи фаврии Шӯрои Олӣ ташкил карда шавад ва роҳбарияти он ва махсусан раиси он С.Кенҷаев ба истеъфо раванд; лоиҳаи Конститутсияи нав баррасӣ карда шуда, барои ташкили парлумони дар асоси бисёрҳизбӣ амалкунанда интихоботи нав ташкил карда шавад. Роҳбарияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон иброз намуданд, ки агар ҳукумат пешниҳодҳои мухолифинро нодида гирад, дар акси ҳол онҳо бар зидди ҳукумат Анҷумани миллии халқи тоҷикро ташкил намуда, ба он ҳамаи мухолифин, аз ҷумла қаноти демократии коммунистонро низ ҳамроҳ хоҳанд кард. Роҳбарияти

---

[1] Гушер А. Война и мир в современном Таджикистане / А.Гушшер // Азия и Африка сегодня. – 1998. – №3. – С.6.

[2] Липов М. Таджики - за демократию на многоклановой основе / М.Липов. Журнал «КоммерсантЪ». – №115. – 13 апреля 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://kommersant.ru/doc/4083 (дата обращения: 14.10.2016)

ҳукумати Тоҷикистон бошад дар посух иброз медоштанд, ки неруҳои мухолифин рӯ ба таназзул овардаанд (мардум аз гирдиҳамоии пай дар пай монда гардидаанд). Ба ақидаи ҳукумат, дар оғози баҳор, яъне дар оғози кишту кори баҳорӣ гирдиҳамоӣ худ ба худ аз байн меравад. Дар чунин шакл посух гардонидан ба талаби мухолифин бори дигар нишон медод, ки роҳбарияти сиёсии мамлакат ба вазъияти баамаломада баҳои объективӣ дода наметавонистанд.

Шиддати руҳияи норозигии ҷонибҳо то дараҷае рафта расид, ки ҳукумат низ маҷбур гардид, ки ба ин раванд ҳамроҳ шавад. 1 апрели соли 1992 Кумитаи ҷамъиятӣ оид ба ҳимояи сохти конститутсионӣ дар майдони Озодӣ ба муқобили мухолифин гирдиҳамоии ҷавобӣ ташкил намуд. Рӯз то рӯз шиддати ҷонибҳо афзун мегардид ва ба сафи тазоҳургарон одамони зиёд пайваст мегардиданд. Дар пайи зиёд шудани шумораи тазоҳургарон талаби ҷонибҳо низ ҷиддитар мегардиданд. Дар чунин шароит ҳукумати мамлакат аз уҳдаи танзими вазъият баромада натавонист ва ба пайравони худ низ ҳеҷ кумаке ҳам нарасонид. Дар натиҷа фишори мухолифин зиёд гардида, ба амалиётҳои зиддиякдигарӣ оғоз бахшиданд. 21 апрели соли 1992 мухолифин 20 нафарро ба сифати кафили иҷроиши талаботи худ гаравгон мегиранд, ки дар миёни онҳо 16 нафар вакили Шӯрои Олӣ ва 2 нафарашонро муовинони раиси ҳукумат ташкил медоданд. Ҳанӯз ҳам мухолифин истеъфои С.Кенҷаевро талаб менамуданд. Баъди чунин воқеа Шӯрои Олӣ маҷбур мегардад, ки дар атрофи як қатор масъалаҳо гузашт намояд. Аз ҷумла, ба ҳайати Шӯрои Олӣ намояндагони мухолифин – роҳбари мусулмонони Тоҷикистон, қозӣ Акбар Тураҷонзода ва ҷонишини раиси Ҳизби демократӣ А.Соҳибназаровро шомил намуда, С.Кенҷаевро аз вазифа сабукдӯш намуданд. Ҳарчанд ҳукумат барои қабули талаби мухолифин баъзе гузаштҳо карда бошад ҳам, аммо хеле дер шуда буд. Шояд бо дарки чунин вазъият буд, ки 24 апрели соли 1992 С.Кенҷаев раиси Кумитаи амнияти миллӣ ва 3 майи ҳамон сол бошад ба сифати спикери Шӯрои Олӣ таъин мегардад.

Дар ин давра неруҳои ҷониби сеюм пайдо мегарданд, ки раванди муқобилиятҳои сиёсии мамлакатро хеле шиддатнок мегардонанд. 29 апрели соли 1992 ба гирдиҳамоии майдонҳои Шаҳидон ва Озодӣ, инчунин дар майдони Садриддин Айнӣ гирдиҳамоии дигар ташкил мегардад. Гирдиҳамоии мазкур аз ҷониби ҷавонони шаҳри Душанбе ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он роҳзанон ва ғоратгарон шомил гардида буданд.  Аз ин давра сар карда гурӯҳҳои ҷиноӣ низ ба равандҳои сиёсии мамлакат ворид гардиданд.

30 апрели соли 1992 паси дарҳои пӯшида ҷаласаи фавқулодаи Шӯрои Олӣ баргузор мегардад, ки дар он президент Раҳмон Набиев ба вакилон пешниҳод менамояд, ки ба муҳлати ним сол идоракунии президентӣ ҷорӣ намоянд. Инчунин дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои ташкили неруҳои мусаллаҳи ҷумҳуриявӣ ва лоиҳаи нави конститутсия низ баррасӣ мегарданд. 1 майи соли 1992 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар бораи ташкили Комиссияи якҷоя, ки ба ҳайати он намояндагони ҳукумат ва мухолифин бояд шомил мегардиданд, қарор қабул менамоянд. Аммо чунин кӯшишҳо ҳарчанд барои ба эътидол овардани вазъият анҷом дода шуда бошанд ҳам, хеле дер шуда буд ва ҳукумат дигар вазъияти бамаломадаро танзим карда наметавонист. Худи ҳамон рӯз бо мақсади мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ  Р.Набиев дар бораи ба муддати ду ҳафта ташкил намудани баталёни махсус аз ҳисоби неруҳои таъиноти махсус фармон содир менамояд ва инчунин фармон медиҳад, ки ба иштирокчиёни гирдиҳамоии ҷонибдорони ҳукумат зиёда аз 2 ҳаз. яроқи оташфишони навъи автомат тақсим намоянд. 5 май вазъияти фавқулода эълон мегардад ва фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва баргузории гирдиҳамоӣ манъ карда мешавад ва дар пайи ин дар шаҳри Душанбе соати коммендантӣ ҷорӣ мегардад. Аз минтақаҳои гуногун ҳам ҷонибдорони ҳукумат ва ҳам ҷонибдорони мухолифин ба шаҳри Душанбе меомаданд. Вақте ки аз минтақаи Кӯлоб ҷонибдорони ҳукумат ба шаҳри Душанбе меомаданд, аҳолии маҳаллӣ, ки бо дастгирии мухолифин ташкил карда шуда буд, онҳоро ба шаҳр роҳ намедоданд. Дар натиҷа ба ҷониби гурӯҳҳои маҳаллии

мухолифин тирпаронӣ оғоз мегардад, ки дар рӯзи аввал 4 нафар кушта ва 10 нафар ярадор мегарданд. Дар посух ба ин амали ҳукумат дастаҳои ҷиноии мухолифин як қатор объектҳои давлатиро забт карда мегиранд. Аз ҷумла, бинои телевизиони давлатӣ, фурудгоҳ ва роҳҳои даромадгоҳ ба шаҳри Душанбе дар зери назорати онҳо қарор мегирад. Ҳамчунин намояндагони милитсияи шаҳрӣ, дастаҳои таъиноти махсуси давлатӣ, мушовири президент оид ба масъалаҳои ҳарбӣ генерал-майор Б.Раҳмонов ба ҳайати мухолифн мепайванданд. Генерал-майор Б.Раҳмонов бошишгоҳи президентро ба мухолифин месупорад. Дар ин вақт президент аллакай ба бинои Шӯрои Олӣ рафта буд.[1]

Муқовимати сиёсӣ рӯзҳои 5-6 май идома намуд ва рӯзи 7 май президент Раҳмон Набиев маҷбур гардид, ки дар бораи ба эътидол овардани вазъият қарор қабул намояд. Ӯ оид ба қонеъ намудани талаби мухолифин протоколеро ба имзо расонид, ки дар он чунин қарор дида мешуд: ташкили ҳукумати коалитсионӣ ва ба истеъфо рафтани чунин мансабдорони давлатӣ: С.Кенҷаев, ноиби президент Н.Дӯстов, прокурори генералӣ Н.Ҳувайдуллоев, раиси кумитаи радио ва телевизион О.Сайфуллоев, раиси Кумитаи мудофиа Ф.Ниёзов.[2] Ҳокимияти давлатӣ бояд дар ихтиёри Кумитаи Олии машваратӣ мегузашт, ки онро мухолифин таъсис дода буданд. Он рӯз аз ҷониби президент Р.Набиев як қатор фармонҳои дигар ба имзо расонида шуд:

– Фармон оид ба бекор намудани вазъияти фавқуллода ва соати коммендантӣ, ки ду рӯз пеш эълон гардида буд;

– Фармон дар бораи барҳам додани баталёни алоҳида ва бригадаи таъиноти махсус, супоридани яроқи онҳо ба Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон;

– Фармон оид ба ихтиёран супоридани яроқе, ки дар дасти аҳолӣ қарор дошт. Ба онҳое, ки ихтиёрӣ яроқи худро ба ҳукумат месупорад,

---

[1] Липов М. Эпоха ушла – Набиев остался / М.Липов [Электронный ресурс]. Журнал «КоммерсантЪ». – №119. – 11 мая 1992 г. URL: http://kommersant.ru/doc/4610 (дата обращения: 25.12.2016)

[2] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)

ҳеҷ гуна таъсири маъмурӣ расонида намешавад ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида намешавад;

– Фармон дар бораи аз тобеияти президент ба тобеияти Кабинети вазирони ҷумҳурӣ гузаронидани Кумитаи амнияти миллӣ ва Кумитаи мудофиаи Тоҷикистон;

– Фармон дар бораи Рӯзи мотами миллӣ эълон намудани рӯзи 8 май барои хотираи ҳалокшудагони воқеаҳои хунин.[1]

Ҳарчанд чунин иқдомот муваққатан шиддати иҷтимоиро барҳам зада бошад ҳам, ихтилофҳои асосии ҷомеаро аз байн бурда натавонист. Гирдиҳамоӣ дар майдони Шаҳидон бо неруҳои иловагӣ фаъол гардиданд ва фаъолони он ба бинои Кумитаи амнияти миллӣ ҳамла намуданд. Аммо онҳо аз ҷониби неруҳои ҳарбии дивизияи 201-уми Русия тирборон гардиданд. Ин воқеа ҳарбиёни русро, ки пештар мавқеии бетарафии худро эълон намуда буданд, ба низои сиёсӣ ворид намуд. Баъди ин воқеа дар Тоҷикистон муносибати мухолифин бо аҳолии русзабон комилан тағйир меёбад ва ин буд, ки русзабонон қаламрави мамлакатро бо суръати баланд тарк менамуданд.

11 май гуфтушунид байни роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ва мухолифин баргузор мегардад, ки дар он ҷонибҳо дар атрофи як қатор масъалаҳо ба мувофиқа мерасанд ва дар натиҷа Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ташкил карда мешавад. Дар ҳукумати навтаъсис мухолифин аз се як ҳиссаи мақомҳои давлатиро (8 мақоми давлатиро) соҳиб мегарданд. Аз ҷумла чунин соҳаҳо дар зери назорати мухолифин вогузор мегарданд: Кумитаи амнияти давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радио, вазорати корҳои хориҷӣ, вазорати маориф ва вазорати хоҷагии қишлоқ[2]. Неруҳои мухолифин фаъолони гирдиҳамоии майдони Озодиро дастгир намуданд, аммо ҷурат

[1] В Таджикистане власть переходит к Высшему консультативному совету. 7 мая 1992 г. Новости «Интерфакс». [Электронный ресурс]. URL: http://www.interfax-religion.ru/?act=archive&div=8073 (дата обращения: 25.01.2017)

[2] Представители оппозиции заняли ключевые пости в новом кабинете: кто есть кто. 20 мая 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.interfax-religion.ru/?act=archive&div=8205 (дата обращения: 14.09.2016)

накарданд, ки онҳоро ба қатл расонанд ва каме дертар онҳоро озод намуданд[1].

Созишномае, ки дар миёни Р.Набиев ва мухолифин баста шуд, дар миёни аҳолии вилоятҳои Ленинобод ва Кӯлоб норозигии зиёдро ба вуҷуд овард. Роҳбарияти сиёсии вилояти Кӯлоб қайд намуданд, ки фармонҳои зиддиконститутсионии президент Р.Набиев ва қарорҳои ҳукумати ғайриқонунӣ дар ҳудуди вилояти Кӯлоб эътироф ва иҷро намегарданд. Вакилони вилояти Кӯлоб талаб менамоянд, ки дар ҷойи боамн ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Олии мамлакат баргузор карда шуда, дар он вазъияти сиёсӣ баррасӣ гардад ва сохтори конститутсионии давлат, ҳукумати ба таври қонунӣ интихобшуда ва вазъияти ороми мамлакат барқарор карда шавад.[2] Ғайр аз ин, пайравони фаъоли Ҳизби комунистӣ дар шимоли мамлакат ҳукумати коалитсиониро ба он хотир эътироф наменамуданд, ки ба андешаи онҳо президент ба мухолифин ваколатҳои хеле зиёд додааст. Аммо дар ҷануби Тоҷикистон мухолифини исломию демократӣ ҳанӯз аз он норозӣ буданд, ки сафи онҳо дар ҳукумат хеле кам аст. Ду гурӯҳи охир номбаршуда, ки дар ҳукумат намояндагони онҳо мақомҳои давлатиро соҳиб гардида буданд, ба кори ҳокимияти марказӣ халал мерасониданд. Дар ин давра дар қисми ҷанубии мамлакат бархӯрдҳои мусаллаҳона сар шуд, ки он аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дарак медод.

Ҳамкории дохилии «Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ» дер давом накард. Аллакай дар нимаи дуюми моҳи июн мухолифини исломию демократӣ аз он изҳори норозигӣ баён менамуданд, ки дар самти тақсими ҳокимият низоми кӯҳнаи коммунистӣ бетағйир мондааст. Ҳатто раиси Ҳизби демократӣ Ш.Юсуф талаб намуд, ки Р.Набиев ба истеъфо равад ва ҷаласаи фаврии Шӯрои Олӣ ташкил карда шавад.

Дар ин давра унсурҳои минтақавии низоъ оҳиста-оҳиста ошкор мегардиданд. Нерӯҳои ҳукуматӣ барои пешбурди сиёсати давлатӣ ҳеҷ дурнамо ва ҳеҷ барономаи сиёсиеро пешниҳод карда

---

[1] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017)

[2] Кулябская область Таджикистана не выполняет решений коалиционного правительства. 26 июня 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.interfax-religion.ru/new/?act=archive&div=8096 (дата обращения: 28.01.2017)

наметавонистанд. Нерӯҳои минтақаи Кӯлоб ҳанӯз сарвари ягона надоштанд, аммо неруҳои шимоли мамлакат, ки дар низоми давлатдорӣ намояндагони зиёд доштанд, рӯ ба таназзул оварданд. Як қисми намояндагони шимоли мамлакат аллакай ба неруҳои мухолифин пайваста буданд. Оҳиста-оҳиста неруҳои сиёсии шимоли мамлакат аз раванди муборизаи сиёсӣ берун карда мешуданд. Ба ақидаи муҳаққиқи низои сиёсии байнитоҷикон А.Гушер, дар ин давра мавқеи неруҳои минтақаи Кӯлоб аз ҳисоби аз ҷониби шахсиятҳои маъруфи ҷаҳони ҷиноӣ ва сарварони расмии руҳонӣ идора гардидани онҳо мустаҳкам мегардид.[1] Дар ин давра роҳбарияти сиёсии вилояти Кӯлоб рӯйхати аъзоёни минтақавии Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломӣ ва ҳаракати «Растохез»-ро тартиб медиҳанд, ки дар натиҷа ҳамаи фаъолони ин иттиҳодияҳо аз минтақаи Кӯлоб барои наҷот додани ҷони худ роҳи гурезро пеш мегиранд. Неруҳои минтақаи Кӯлобро аллакай шахсияти маъруфи ҷаҳони ҷиноӣ Сангак Сафаров роҳбарӣ менамуд. Неруҳои вилояти Ленинобод бошад мавқеи марказгурезиро пеша намуда, ҳатто дар шимоли мамлакат андешаи сохтани Ҷумҳурии Ленинободро тарғиб менамуданд. Бо ин мақсад дар шаҳри Хуҷанд ҳукумати нав бо сарварии А.Абдуллоҷонов ташкил карда мешавад, ки онҳо президент Р.Набиевро эътироф менамуданд. Дар ин давра дар вилояти Кӯлоб ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳона оғоз гардида буд, ки он минбаъд барои ташкили Фронти халқӣ заминагузорӣ намуд.

Мухолифатҳо дар дохили ҳокимияти марказӣ низ тезу тунд гардида буд. Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон масъалаи дида баромадани салоҳиятҳои президент ва ҳатто барҳам додани ин мансаби олиро баррасӣ менамуд. Ҳокимияти марказӣ бо дарназардошти фаъолгардии амалиётҳои ҳарбӣ ва бо дарки вазъият, ки дигар онро танзим карда наметавонистанд, аз дивизияи 201-уми неруҳои ҳарбии Русия дархост намуданд, ки объектҳои дорои аҳамияти стратегиии мамалакатро аз нобудшавӣ ҳифз намоянд. Ба объектҳои мазкур инҳо дохил мегардиданд: Неругоҳи барқи обии

[1] Гушер А. Война и мир в современном Таджикистане / А.Гушшер // Азия и Африка сегодня. – 1998. – №3. – С.9.

Норак, комбинати электромеханикии Ёвон, корхонаи азотии Вахш, як қатор объектҳои ҳарбӣ, як қатор минтақаҳои муҳим дар шоҳроҳои воқеъ дар вилояти Кӯлоб ва Қурғонтеппа.[1] Ба ақидаи таҳлилгари масоили сиёсии Тоҷикистон С.М.Акимбеков, иттиҳоди намояндагони водии Қаротегин ва Помир, ки дар ҳайати коалитсияи демократию исломӣ афзалияти бештар доштанд ва дар шаҳри Душанбе аллакай ба сари қудрат омада буданд, ба таври объективӣ бо манфиатҳои намояндагони водии Ҳисор ва минтақаи Кӯлоб мухолифат доштанд. Мубориза и байни онҳо дар натиҷаи ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо гардидани неруҳои ҷанубии Тоҷикистон, ки онҳоро роҳбарони дастаҳои саҳроӣ идора менамуд, оҳиста-оҳиста ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил меёбад.[2]

Ҳамин тариқ, 27 июни соли 1992 неруҳои минтақаи Кӯлоб, ки дар натиҷаи муҳосира гардидани ноҳияҳои вилояти Қурғонтеппа алоқаи онҳо бо маркази мамлакат имконнопазир гардида буд, бо мақсади аз муҳосира озод намудани худ ба ҷануби Тоҷикистон ба ҳуҷум гузаштанд. Зеро дар Колхозобод одамони силоҳбадаст ба баровардани панҷ ҳазор тонна гандум ба мошинҳо иҷозат надоданд, ки он барои вилояти Кӯлоб муқаррар гардида буд ва автомобилҳои боркашро ба ақиб баргардониданд. Дар ин давра бо фармони қозикалон А.Тӯраҷонзода роҳи Душанбе-Кофарниҳон (Ваҳдат)-Кӯлоб баста шуда буд. Вазъияти бе ин ҳам вазнини озуқаворӣ таҳдиди ба гуруснагӣ табдил ёфтан дошт. Косаи сабри мардум лабрез шуд ва онҳо яроқ ба даст гирифтанд.[3] Аз рӯзи 28 июн сар карда муқовиматҳои шадид миёни неруҳои исломӣ ва неруҳои минтақаи Кӯлоб ба амал меоянд. Дар мамлакат ҷанги дорои миқёси васеъ оғоз гардид ва аҳолии осоишта минтақаҳои даргирро тарк намуда, ҳатто аз ватан берун мегардиданд. Аммо вазъият каме пештар вазнин гардида буд, яъне замоне, ки неруҳои исломӣ аз ҷониби Афғонистон силоҳу

---

[1] Пока создается свой Минобороны – поможет российский / Журнал «КоммерсантЪ». – №138. – 21 сентября 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.kommersant.ru/doc/6863 (дата обращения: 15.10.2016)

[2] Ниг.: Акимбеков С.М. Афганский узел и проблемы безопасности Центральной Азии. Алматы, 1998. – С.144.

[3] Ниг.: Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 96.

аслиҳа ва неруҳои иловагӣ мегирифтанд. Бояд гуфт, ки дар ин давра вилояти Кӯлоб қариб тули се моҳ буд, ки дар муҳосираи иқтисодӣ қарор гирифта буд ва чунин вазияътро ба фалокати гуманитарӣ монанд кардан мумкин аст. Аҳолии осоишта аз нарасидани хӯрока хеле зиёд азият мекашиданд ва дар ин давра барои зинда мондан хеле зиёд ҷонканиҳо менамуданд. Бинобар ин дар ин минтақа сафарбарнамоии ҳарбӣ ташкил карда мешавад, ки он ба ду даста тақсим гардида, дастаи якум ба вилояти Қурғонтеппа ва дастаи дуюм ба самти Норак сафарбар мегарданд. Дар минтақаи Норак онҳо мехостанд ағбаи Чормағзакро, ки аҳамияти муҳими стратегӣ дошт, ба даст оранд ва дар Қурғонтеппа бошад аллакай шаҳраки Калининободро дар итоати худ даровარданд.[1]

Рӯзҳои 26-27 июли соли 1992 дар шаҳри Хоруғ гуфтушунид дар миёни ҷонибҳои даргир баргузор мегардад. Дар ин вохӯрӣ намояндагони вилоятҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа, ноҳияи Ғарм, Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократӣ (Ш.Юсуф), ҳаракати «Растохез» (Т.Абдуҷаббор) ва иҷрокунандаи вазифаи раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров ширкат меварзанд.[2] Дар охири ин вохурӣ ҷонибҳо дар атрофи як қатор масъалаҳо қарор қабул намуданд: аз соати 10-00 рӯзи 28 июл эълон намудани оташбас; озод намудани гаравгонон; аз шоҳроҳҳо бардоштани дидбонгоҳҳои ҳарбӣ; озод намудани биноҳо ва объектҳои ишғолнамуда; пароканда намудани гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷонибҳо; супоридани ярoқ; барҳам додани штабҳои ҳарбии ҷонибҳо; дар ҳалли низоъҳо ва ихтилофҳои сиёсӣ даст кашидан аз истифодаи зурӣ. Ин аввалин кӯшиши ба таври осоишта ҳал намудани низои дар ҳоли рушд қарордошта ба шумор мерафт, аммо талаботи он риоя нагардид ва он бенатиҷа монд. Роҳбарони Ҳзби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломӣ, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» неруҳои ҳарбии худро пароканда накарданд ва яроқҳои худро низ насупориданд.[3] Дар чунин

---

[1] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017)
[2] Кенджаев С. Табаддулоти Точикистон. - Китоби 2. Тошканд, 1994. – С.17.
[3] Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М.Гафуров. [Электронный ресурс]. URL: http://ia-centr.ru/expert/1920/ (дата обращения: 10.10.2016)

шароит неруҳои минтақаи Кӯлоб низ аз супоридани яроқи худ даст кашиданд. Ба ақидаи онҳо то он замоне, ки ҳукумати оштии миллӣ, ки онро ғайриқонунӣ меҳисобиданд, арзи ҳастӣ намояд, онҳо ҳеҷ гоҳ яроқи худро намесупоранд. Ҳамин тариқ, вазъият рӯз то рӯз муташанниҷ мегардид ва ҷонибҳо истеъфои президент ва ё умуман барҳам додани ин мансаби сиёсиро талаб менамуданд.

24 августи соли 1992 ба қатл расонида шудани прокурори генералии Тоҷикистон Н.Ҳувайдуллоев, ки дар куштори ӯ намояндагони коалитсияи демократию исломӣ гунаҳкори асосӣ дониста мешуданд, дар зодгоҳи марҳум ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод ва дар шаҳри Кӯлоб гирдиҳамоии оммавиро ба вуҷуд овард. Дар гирдиҳамоии мазкур истеъфои ҳукумат талаб гардида, ташкилотҳои динӣ маҳкум карда шуданд. Роҳбарони мухолифин дар ин куштор даст доштани худро инкор намуда, иброз доштанд, ки Р.Набиев барои муташанниҷ намудани вазъият ва сипас барои кӯмак даъват намудани неруҳои ИДМ ва бо ин роҳ нигоҳ доштани ҳокимияти худ чунин амалҳоро иҷро намуда истодааст. Ҳатто роҳбарони мухолифин таъкид намуданд, ки Р.Набиев нақшаи дастгир намудани роҳбарони мухолифинро омода намудааст.[1]

Рӯзи 31 август гурӯҳи ҷавонони шаҳри Душанбе ба бошишгоҳи президент ворид гардида, 48 нафарро ба гарав гирифтанд. Худи президент бошад аз ҳодисаи ҳуҷум каме пештар хабардор гарида, ба бошишгоҳи дивизияи 201-ум паноҳ мебарад. Ин гурӯҳи ҷиноятӣ дар ивази озод намудани гаравгонон истеъфои президентро талаб намуданд, аммо президент бошад истеъфо додан намехост.

Дар ин давраи бисёр ҳассос дар заминаи коалитсияи неруҳои минтақаи Кӯлоб ва водии Ҳисор «Фронти халқӣ» ташкил карда мешавад, ки онҳо барқарор намудани сохти конститутсионии давлатро мақсади расмии худ эълон менамоянд. С.Кенҷаев роҳбари Фронти халқӣ интихоб мегардад.

[1] Липов М. Политический терроризм в Таджикистане / М.Липов. Журнал «КоммерсантЪ». –№135. 31 августа 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://kommersant.ru/doc/6574 (дата обращения: 25.12.2016)

Мубориза дар миёни мухолифин ва неруҳои минтақаи Кӯлоб дар охири моҳи август ва аввали сентябр хеле шадид мегардад. 2-юми сентябри соли 1992 намояндагони минтақаи Кӯлоб, ки барои гуфтушунид ба гирдиҳамоӣ омада буданд, тирборон мегарданд. Онҳо ақибнишинӣ намуда, дар ҳудуди дивизияи 201 паноҳ мебаранд. Баъди оне, ки аз минтақаи Кӯлоб неруҳои иловагӣ ба кумак омада мерасанд, онҳо ба минтақаи Қурғон-Теппа ҳуҷум намуда, он ҷоро муҳосира менамоянд. Аз ҳамин давра сар карда минбаъд ҳамаи амалиётҳои неруҳои минтақаи Кӯлоб бомуваффақият анҷом дода мешаванд. Махсусан замоне, ки онҳоро неруҳои водии Ҳисор дастгирӣ намуданд, мавқеашон боз ҳам мустаҳкамтар гардид.[1] Дар ин гуна шароит президент Р.Набиев пурра мавқеи сиёсии худро аз даст дод. Зеро 2-юми сентябри соли 1992 ҳамаи аъзоёни кабинети вазирон бо талаби истеъфои ӯ ариза пешниҳод намуданд. 7 сентябр Р.Набиев кӯшиш намуд, ки ба таври пинҳонӣ ба шаҳри Хуҷанд гурезад, аммо ӯро дар фурудгоҳ дастгир намуданд. Неруҳои ҳарбии дивизияи 201-ум сари вақт ба ҷойи ҳодиса ҳозир гардида, нагузоштанд, ки президентро ба қатл расонанд, аммо ӯро маҷбур намуданд, ки дар аризааш имзо гузошта, аз вазифааш истеъфо диҳад. Қисме аз неруҳои сиёсии мамлакат, махсусан мухолифин иброз доштанд, ки ин омил боиси ба эътидол омадани вазъият дар дохили мамалкат мегардад. Аммо чунин интизориҳо на танҳо амалӣ нагардиданд, балки вазъияти сиёсии мамлакат рӯз аз рӯз бадтар мегардид.

Баъди ба истеъфо рафтани президент тавозуни қувваҳо низ дар мамалакт тағйир меёбад. Масалан, роҳбарияти Ҳизби демократӣ бинобар сабаби мавқеи экстремистиашон дар ҷануби Тоҷикистон аксари пайравони худро аз даст медиҳанд ва дар шимоли мамлакат низ аллакай аз он дурӣ меҷуянд. Ҳаракати «Растохез» бошад пурра ба нестӣ рафта мерасад. Дар мамалакат Ҳизби наҳзати исломӣ ягона неруи сиёсии пурқуввати оппозитсионӣ боқӣ мемонад.[2] Ҳаракати

---

[1] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017)

[2] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)

исломии даврай ҷанги шаҳрвандиро донишманди тоҷик, аъзои Комиссияи оштии миллӣ, академик Кароматулло Олимов чунин тасвир менамояд: «Ҳаракати исломии мо номуросо, тундрав ва аз рӯзҳои аввали майдоннишиниҳо гароиш ба ифротгароӣ ва қонуншиканӣ дошт. Гурӯҳе аз зиёиён, ки дар байнашон баъзе шоирони машҳур, олимон, рӯзноманигорон, иддае аз мансабдорони Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва кормандони ҳукумати вақт низ буданд, ба василаи дасти муллоҳои сиёсатбози авомфиреб ва табаддулотхоҳ табдил ёфтанд. Психологияи «издиҳом» фарогири ҷомеа шуд, беҳокимиятӣ воқеаи реалӣ гардид, унсурҳои авбош, маҳалгаро бо табаддулотхоҳон ҳамроҳ шуда, вазъияти душворро боз ҳам мушкилтар ва ба ғоратгарию тороҷи молу мулки давлат ва мардум пардохтанд. Мансабталошӣ ва куштору ваҳшатандозӣ зери ниқоби ислом ё ангезаи ҷавобӣ баръакси он бо таассуби зиддиисломӣ сурат мегирифт. Олимони воқеии дин ва уламои покниҳоди Тоҷикистон аз ин вазъ парешонхотир буданд ва бо ин ҳаракатҳо ҳамроҳ нашуданд.[1]

Ба нерӯҳои ҳар ду ҷониб шахсони ҷинояткори аз маҳбасхонаҳои Кӯлоб ва Қурғон-теппа раҳоёфта низ ҳамроҳ мегардиданд ва ба амалиётҳои ҳарбӣ мепайвастанд. Бинобар ин, таркиби иҷтимоии неруҳои ҳарбӣ хеле мураккаб гардида, оҳиста-оҳиста он идоранашаванда мегардад. Дар моҳи сентябр амалиётҳои ҳарбӣ дар минтақаи НБО Норак сурат мегирад, ки он замон аз ҷониби дивизияи 201 ҳимоя мегардид. Нерӯҳои ҳарбии минтақаи Кӯлоб ба ағбаи Чормағзак ворид гардида, аз он ҷо кӯшиш менамуданд, ки ба шаҳри Душанбе ворид шаванд. Амалиёти мазкурро С.Сафаров роҳбарӣ менамуд. Дар минтақаи Қурғонтеппа бошад амалиётҳои ҳарбии неруҳои Кӯлобро Л.Лангариев роҳбарӣ менамуд.[2]

21 сентябри соли 1992 паси дарҳои пӯшида ҷаласаи Президиуми Шӯрои Олӣ ва кабинети вазирон баргузор мегардад, ки дар ин ҷаласа

---

[1] Олимов К. Ваҳдати миллӣ таҷрибаи нодири ҷаҳонии тоҷикон // Ваҳдат ҷавҳари ҳастии миллат ва омили рушди устувори кишвар. – Душанбе, 2016. –С.6-7.

[2] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)

иддаои нави неруҳои Кӯлоб садо медиҳанд: бо мақсади баррасӣ ва додани баҳои воқеӣ ба истеъфои Р.Набиев баргузор намудани ҷаласаи навбатии парлумон дар ш.Хуҷанд ва барқарор намудани ӯ ба сифати президенти амалкунанда; ташкил намудани додгоҳи ҳакамӣ барои баррасии муносибатҳои байни вилоятҳои Кӯлоб ва Қурғон-Теппа; ҳамроҳ намудани намояндагони ҳамаи минтақаҳои мамлакат ба ҳайати гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, ки қарор буд дар шаҳри Бишкек барои иштирок дар ҷаласаи раисони ҳукумати давлатҳои ИДМ сафарбар шаванд; аз вазифаҳои ишғолнамудаашон озод намудани шахсоне, ки ҳангоми ташкили Ҳукумати оштии миллӣ аз ҷониби мухолифин пешниҳод гардида буданд (муовини раиси ҳукумат Д.Усмон, раиси кумитаи телевизион ва радио М.Мирраҳимов, муовини раиси Кумитаи амнияти миллӣ Д.Аминов, роҳбари мусулмонон А.Тураҷонзода ва диг.).[1]

Дар чунин шароит яку якбора амалиётҳои ҳарбӣ ба марҳилаи нав гузашта, хеле шадид гардиданд. 25 сентябри соли 1992 неруҳои исломӣ ба собиқ маҳаллаи Ломоносови шаҳри Қурғонтеппа, ки дар он ҷо гурезагон қарор доштанд, ҳамлаи мусаллаҳона намуданд. 27 сентябр зери роҳбарии Л.Лангариев Қурғон-Теппа пурра ба дасти неруҳои минтақаи Кӯлоб мегузарад. Аллакай дар моҳи октябр талафоти ҷонии неруҳои муқобил 15-20 ҳазор нафарро ташкил медод ва даҳҳо ҳазор нафарони дигар, аз ҷумла аҳолии осоишта ярадор гардида буданд. Ҷануби Тоҷикистонро аҳолие, ки солҳои 1920-1960 аз Узбекистон ва шимоли Тоҷикистон ҳамчун муҳоҷир ба он ҷо омада буданд, тарк намуданд. Аз мамлакат дар ин давра зиёда аз 90 ҳазор аҳолии русзабон баромада рафтанд. Соҳаи саноат ба карахтӣ дучор гардида, хоҷагии халқ бошад пурра вайрон карда мешавад.[2]

Бо дарназардошти вазъияти бамаломада намояндагони ҳокимияти марказӣ 10 октябри соли 1992 ба роҳбарони давлатҳои узви ИДМ муроҷиат намуда, кӯмак мепурсанд. Барои ба эътидол овардани вазъият таъмини модию техникии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)

хеле зарур шуморида мешуд. Инчунин дар алоқамандӣ бо бухрони бамаломадаи гуманитарӣ дар самти таъмини аҳолии мамлакат бо хӯрока, доруворӣ ва дигар лавозимоти аввалия низ кумак талаб карда мешавад.

Дар алоқамандӣ бо вазъияти муташаниҷи Тоҷикистон неруҳои ҳарбии дивизияи 201 дар ҳолати ногувор қарор гирифта буданд. Ҳам неруҳои демократию исломӣ ва ҳам неруҳои минтақаи Кӯлоб кӯшиш менамуданд, ки неруҳои ҳарбии 201-ро ба ҷониби худ ҷалб намуда, аз онҳо техникаи ҳарбӣ ва яроқ дастрас намоянд. Як қисми неруҳои 201 дар иҳотаи ин гурӯҳҳо монда буданд ва худро аз онҳо муҳофизат менамуданд. Тирамоҳи соли 1992 барои пурра гардонидани ҳайати шахсии дивизияи 201 қисми низомии махсусро ба ҳайати онҳо аз Русия оварда шомил намуданд. Дивизияи 201 аз рӯи созишномаи худ, ки бо ҳукуматдорони демократию исломӣ баста буд, дар роҳҳои атрофи Душанбе ба таври муваққатӣ техникаи ҳарбии худро гузошта буд. Ин гуна амал бо мақсади гирифтани пеши роҳи воридшавии гурӯҳҳои хурди ҷиноӣ, ки бо ғорати мардуми осоишта машғул буданд, татбиқ мегардид.[1]

Дар мамлакат амалиётҳои ҳарбӣ идома мекарданд ва то охири моҳи октябр ба пойтахти мамлакат омада расид. Шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Ленин ва Кофарниҳон пурра дар муҳосира қарор гирифтанд. 24 октябри соли 1992 ҷонибдорони Р.Набиев бо мақсади сарнагун намудани президенти муваққатӣ А.Искандаров дар шаҳри Душанбе амалиётҳои ҳарбиро оғоз менамоянд. Дар ин давра неруҳои Фронти халқӣ маркази шаҳри Душанбе – бошишгоҳи президент, бинои Шӯрои Олӣ ва қозиотро дар зери назорати худ медароранд. Қисмҳои низомии Русия, ки мавқеи бетарафии худро эълон намуда буданд, бинои телевизион, радио, истгоҳи роҳи оҳан ва фурудгоҳро ҳимоя менамуданд. Дар ҳамин шароит намояндагони коалитсияи демократию исломӣ, ки аз шаҳри Душанбе берун карда шуда буданд, дар ноҳияи Кофарниҳон ҷамъ омаданд. Шумораи онҳо зиёда аз 2 ҳаз. ҷангиёни мусаллаҳ гуфта мешуд ва интизори неруҳои дигар буданд.

[1] Соколов А.В. Миротворческая активность и миротворческие силы России в СНГ [Электронный ресурс]. URL: http://www.memo.ru/hr/hotpoints/peace/chapter1.htm (дата обращения: 15.10.2016)

Васеъшавии миқёси низои сиёсӣ боиси он гардид, ки аз нуқтаҳои даргири мамлакат аҳолии осоишта роҳи гурезро пеша намоянд. Дар алоқамандӣ бо ин вазъият Шӯрои Олии Тоҷикистон 25 ноябри соли 1992 Қонун «Дар бораи гурезагон»-ро қабул менамояд. Мутобиқи банди якуми қонуни мазкур «гурезагон шахсоне дониста мешаванд, ки дар натиҷаи вазъияти нооромии сиёсӣ ва мухолифатҳои ҳарбӣ маҳали зисти доимии худро маҷбуран тарк намудаанд»[1].

16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар ҷаласаи мазкур масъалаи қатъ намудани ҷангу хунрезӣ ва ташкил намудани ҳукумати ҷадид баррасӣ мегардад. Дар ҷараёни баргузории иҷлосияи мазкур Раҳмон Набиев ба таври расмӣ истеъфо медиҳад ва спикери парлумон ва ҳамзамон иҷрокунандаи вазифаи президент А.Искандаров низ аз вазифааш озод карда мешавад. Бо овоздиҳии пинҳонӣ истеъфои онҳоро 141 нафар вакил ҷонибдорӣ намуда, ҳамагӣ 54 нафар зид мебароянд.[2] Ҳамчунин дар Иҷлосияи мазкур ба конститутсияи мамлакат тағйирот ворид карда мешавад, ки мувофиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии парлумонӣ ба шумор мерафт.[3]

Дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ҳукумати нав ташкил гардида, А.Абдуллоҷонов раиси он интихоб мегардад, вазорату кумитаҳои қудратиро намояндагони Фронти халқӣ соҳиб мешаванд ва ба таври расмӣ Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мегардад, ки ҳамзамон сарвари давлат дониста мешуд.

Ҳангоми баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ инчунин вохӯрии фармондеҳони ҷонибҳои бо ҳам муқобил низ баргузор карда мешавад. Дар ин вохӯрӣ 22 фармондеҳ: 16 нафар аз Душанбе ва 6 нафар аз вилояти Кӯлоб ширкат меварзанд. Гурӯҳи фармондеҳони вилояти Кӯлобро С.Сафаров ва гурӯҳи фармондеҳони Душанберо Ҷ.Буйдоқов роҳбарӣ менамуданд. Дар раванди гуфтушунид ҷонибҳо

---

[1] Закон Республики Таджикистан о беженцах // Бушков В.И. Микульский Д.В. Таджиская революция и гражданская война (1989-1994). – М., 1994. – С.213.

[2] Мамедов Э. Дискуссия о власти продолжается. Журнал «КомерсантЪ». – №40. 27 ноября 1992 г. [Электронный ресурс]. URL: http://kommersant.ru/doc/30575 (дата обращения: 07.08.2016)

[3] Ахмедов С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be/publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения: 26.01.2017)

дар масъалаи қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ба мувофиқа мерасанд. Инчунин дар вохӯрии фармондеҳон барои оғоз намудани ҷанги бародаркӯш масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани роҳбарони Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократӣ ва ҳаракати «Растохез» низ баррасӣ мегардад.

Аммо баъди чанд рӯз дар шаҳри Душанбе амалиётҳои ҳарбӣ дубора оғоз мегарданд. 6 декабри соли 1992 неруҳои Фронти халқӣ ба шаҳри Душанбе ҳуҷум намуда, баъди ҷангҳои шадид 11 декабр мухолифинро шикаст дода, шаҳрро пурра дар зери итоати худ медароранд. Дар натиҷаи муҳорибаҳои шадиди ҳарбӣ иттиҳоди демократҳо ва исломиҳо торумор карда мешаванд ва онҳо ба сӯи ноҳияи Кофарниҳон паноҳ бурда, дар дараи Ромит ва маҳаллаҳои кӯҳистонии ин минтақа пинҳон мегарданд. Баъди ин дар шаҳри Душанбе неруҳои Фронти халқӣ афзалияти аз ҳама бештарро соҳиб гардиданд. Ҳукумати навтаъсис кӯшиш менамуд, ки мухолифинро саркӯб намояд. Бо ин мақсад дар шимоли мамлакат ва дар минтақаҳои дар зери итоати Фронти халқӣ қарордошта ҳамаи пайравони мухолифин дастгир гардида, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Аммо бархӯрди ҳарбии неруҳои ҳукуматӣ ва зиддиҳукуматӣ дар водии Қаротегин (Ғарм ва Ромит) ва ноҳияи Дарвоз (Тавилдара) хеле фаъол гардида буданд. Инчунин дар ҷануби Тоҷикистон низ амалиётҳои ҳарбӣ идома меёфтанд. Дар моҳи феврали соли 1993 дар дараи Ромит садҳо ҷангиёни мухолифин ва дар ноҳияи Комсомолобод бошад зиёда аз 200 ҷангӣ ҳанӯз ҳам муборизаро идома медоданд. Дар сафи ҷангиёни мухолифин на танҳо муҷоҳидони афғон мепайвастанд, балки зархаридони давлатҳои хориҷӣ ва донишҷӯёне, ки аз давлатҳои мусулмонӣ дар Тоҷикистон таҳсил менамуданд, низ ҳамроҳ мегардиданд.[1] Дар моҳи феврали соли 1993 неруҳои ҳукуматӣ маркази ноҳияи Ғарм ва маркази ноҳияи Тоҷикободро дар зери назорати худ қарор медиҳанд. Мухолифине, ки мавқеашон танг гардида буд, маҷбур мешаванд, ки ба Афғонистон паноҳ баранд. Акнун барои

---

[1] Правительство утверждает весеннее наступление оппозиции. 8 февраля 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.interfax-religion.ru/buddhism/?act=archive&div=8452 (дата обращения: 28.01.2017)

Тоҷикистон ба ғайр аз вазъияти дохилии мамлакат инчунин омили берунӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон низ таҳдид менамуд. 29 марти соли 1993 дар як задухӯрди дохилӣ дар ноҳияи Бохтари вилояти Қурғонтеппа С.Сафаров ва роҳбари яке аз дастаҳои саҳроӣ Ф.Саидов ба ҳалокат мерасанд.

Дар охири моҳи апрели соли 1993 гурӯҳи калони мухолифин сарҳади Афғонистону Тоҷикистонро убур намуда, ба Тоҷикистон ворид мегарданд. Аммо отряди Мулло Абдураҳим қисми зиёди ноҳияи Шурообoдро ишғол менамояд. Дар ҳамин марҳилаи ҳассос, ки иқтисодиёти мамлакат ба бухрони ҷиддӣ дучор гардида буд, боз ҳодисаҳои табиӣ низ ба хоҷагии халқ зиёни зиёд ворид намуд. Боришоти сахте, ки аз 29 апрел то 10 май идома ёфт, ба хоҷагии халқи мамлакат хисорот ва зиёни ҷиддӣ ворид намуд. Дар натиҷаи обхезӣ ва омадани сел ҳазорҳо хонаҳои истиқоматӣ вайрон гардида, ҳазорҳо гектар боғу токзор ва заминҳои корӣ нобуд мегарданд ва як қатор роҳҳои мошингард аз истифода мебароянд.[1]

Дар муддати се моҳи дигар амалиётҳои ҳарбӣ дар самти сарҳади Вилояти Бадахшону Афғонистон тез-тез ба амал меомаданд. Сарҳадбонон бо ҷангиёни афғон, ки қасди убур намудани сарҳадро менамуданд, ба задухӯрд рӯ ба рӯ мегардиданд. Инчунин дар ин муддат мухолифин низ дар зери фишори сиёсӣ қарор гирифтанд. Парлумон дар бораи маҳдуд намудани фаъолияти васоити ахбори оммаи ғайриқонунӣ қарор қабул намуд ва ҳокимияти иҷроия бошад таъқиби роҳбарон ва пайравони мухолифинро оғоз намуд. 21 июни соли 1993 бо қарори Суди Олӣ фаъолияти Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломӣ, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» аввал манъ карда шуда, каме дертар қатъ карда мешавад.[2] Дар ин давра прокурори генералии ҷумҳурӣ Маҳмадназар Солеҳов иброз медорад, ки барои дастгир намудани қозикалон Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода ва роҳбари ҳаракати «Растохез» Тоҳири Абдуҷаббор далелҳои зиёд мавҷуданд. 26 июни соли 1993 Парлумони Тоҷикистон

---

[1] Буйство стихии // Народная газета. – 1993. – 13 мая. – №66. – С.1.
[2] Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М.Гафуров. [Электронный ресурс]. URL: http://ia-centr.ru/expert/1920/ (дата обращения: 10.10.2016)

дар асоси пешниҳоди прокурори генералӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашонидани А.Тураҷонзода ва Т.Абдуҷаббор розигӣ медиҳад.[1] Дар рӯйхати мазкур инчунин раиси Ҳизби демократӣ Юсупов Ш. ва яке аз фаъолони Ҳизби наҳзати исломӣ ва собиқ муовини раиси ҳукумат Д.Усмон низ ворид гардида буд. Дар рӯйхати мазкур нисбат ба онҳое парвандаи ҷиноӣ боз карда шуда буд, ки барои ба таври ғайриқонунӣ ва мусаллаҳона забт карда гирифтани ҳокимият, барои ташкили дастаҳои ҳарбӣ ва барои ба вуҷуд овардани ҷанги шаҳрвандӣ гунаҳкор дониста мешуданд.

Дар ин давра мухолифин дар ҳудуди Афғонистон худро ташаккул медиҳанд. Дар ҳудуди Афғонистон Ҳаракати наҳзати исломӣ ташкил меёбад, ки онро роҳбари руҳониёни Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Инчунин баҳори соли 1993 дар шаҳри Толуқони Афғонистон Шӯрои мухолифин зери унвони «Ҳукумати бадарғашуда» таъсис дода мешавад. Каме дертар ин шохаҳо бо ҳам муттаҳид гардида, Иттиҳоди мухолифини тоҷикро ташкил медиҳанд.[2] Иттиҳоди мухолифини тоҷик аз ҷониби руҳонии дигар Саид Абдуллоҳи Нӯрӣ роҳбарӣ мегардид. Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода ҳамзамон муовини А.Нурӣ ба шумор рафта, вазири корҳои хориҷии ҳукумати бадарғашуда ба шумор мерафт. Ба ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократӣ, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» дохил мегардиданд. Дар охири соли 1993 дар шаҳри Маскав Маркази координатсионии неруҳои демократии Тоҷикистон дар ИДМ таъсис дода мешавад, ки каме дертар ба ҳайати иттиҳоди мухолифин ворид мегардад. Инчунин дар ин давра хазинаи кумак ба гурезагон таҳти унвони «Умед» ташкил карда мешавад, ки он ҳам ба ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик шомил мегардад.[3]

---

[1] Парламент Таджикистана дает согласие на привлечение к уголовной ответственности лидеров оппозиции. 26 июня 1993 г. Новости «Интрефакс». [Электронный ресурс]. URL: http://wvvw.interfax-religion.ru/? acl=archive&div=8444 (дата обращения: 28.08.2016)

[2] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.22.

[3] Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М.Гафуров. [Электронный ресурс]. URL: http://ia-centr.ru/expert/1920/ (дата обращения: 10.10.2016)

Ҳукумат низ дар ин давра аз ҷониби Федератсияи Русия кумакҳои зарурӣ ба даст меовард. Масалан, 25 майи соли 1993 дар шаҳри Маскав «Шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки байниҳамдигарии Тоҷикистону Русия» ба имзо расонида мешавад. Мутобиқи моддаи 3-юми шартномаи мазкур: «Бо мақсади таъмини амнияти лозимӣ дар ҳудуди ИДМ ва барои дастгирии сулҳу амнияти байналхалқӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода мешавад, ки аз объектҳои Федератсияи Русия, ки дар ҳудуди он қарор доранд, истифода намояд».[1] Дар моддаи 4-уми шартномаи мазкур гуфта мешуд, ки дар ҳолати ба вуқуъ омадани ҳуҷум нисбат ба ҷонибҳо, дар мувофиқа бо моддаи 51 Оинномаи СММ оид ба истифодаи ҳуқуқи мудофиаи дастаҷамъӣ ҷонибҳо ба якдигар кӯмак мерасонанд, аз ҷмла кӯмаки ҳарбӣ.[2]

Дар ҳамин марҳилаи вазъияти сиёсӣ фаъолгардии амалиётҳои нави ҳарбӣ ба мушоҳида мерасанд. Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо нияти ҳуҷум намудан ба ноҳияҳои Тавилдара, Ғарм, минтақаи Қурғон-Теппа ва Кӯлоб омодагӣ медиданд. Дар охири моҳи июн ба муддати якчанд рӯз амалиётҳои ҳарбӣ дар шаҳраки Роғун шуда мегузаранд. Дар амалиёти мазкур техникаи ҳарбии дивизияи 201-ум низ ширкат меварзанд. Дар ин бархӯрд неруҳои ҳукуматӣ бо дастаи ҷиноӣ ва ҳарбии Ризвон рӯ ба рӯ гардида буданд. Инчунин 1 июли соли 1993 дар сарҳади ноҳияҳои Шурообод ва Ҳамадонӣ аз ҷониби сарҳади Афғонистон зиёда аз 150 ҷангиёни неруҳои мухолифин ворид мегарданд, ки онҳоро қумандони саҳроии афғон Ҳоҷӣ Ҷамшед роҳбарӣ менамуд. Ҳамчунин аз ҷониби Афғонистон ба воситаи сарҳади ноҳияи Шурообод ба ҳудуди Тоҷикистон мухолифин яроқу аслиҳа ворид менамуданд.

Шаби 12 ба 13 июли соли 1993 дар сарҳади собиқ ноҳияи Маскав наздикии 12-ум дидбонгоҳ (застав) як гурӯҳ ҷангиёни мухолифин, ки шумораашон зиёда аз 200 нафарро ташкил медод, аз ҳудуди Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон ворид мегарданд. Фармондеҳони

---

[1] Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимопомощи между Таджикистаном и Россией. 25 мая 1993 г. // Дипломатический вестник. – 1993. – №11-12. – С.28.
[2] Ҳамон ҷо. С.29.

дидбонгоҳи мазкур тариқи радио кумаки ҳарбӣ талаб менамоянд. Кӯмакҳои ҳарбӣ равона карда мешаванд, аммо то омадани неруҳои иловагӣ сарҳадбононро мушакборон менамоянд ва баъди омада расидани қисми низомии дивизияи 201-ум онҳо бо ҳамроҳии сарҳадбонон муҷоҳидонро аз ҳудуди Тоҷикистон берун намуда, дахлнопазирии сарҳадро таъмин менамоянд. То берун намудани онҳо аз ҳудуди Тоҷикистон ҷангиёни мухолифин деҳаи Сариғорро ғорат намуда, оташ мезананд. Дар натиҷаи ин бархӯрди мусаллаҳона 24 сарҳадбон, инчунин чанде аз хизматчиёни ҳарбии дивизияи 201-ум ва кормандони Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон ба ҳолак мерасанд.[1] Дар ин задухӯрд ҷангиёни мухолифинро бевосита муҷоҳиди ҳарбии афғон Қорӣ Ҳамидуллоҳ роҳбарӣ менамуд. Дар ин амалиёт инчунин ҷангиёни гурӯҳи Шодмон Юсуф низ ширкат меварзиданд. Чунин як ҳуҷуми калонмиқёс ва муваққатан ҳам бошад забт карда гирифтани дидбонгоҳи сарҳадии сарҳадбонони рус боиси аҳамияти байнахалқӣ касб намудани он ва ба буҳрони муносибатҳои байналхалқӣ алоқамандӣ пайдо намудани он гардид.[2] Вазорати корҳои хориҷии Русия дар изҳороти худ нисбат ба ҳукумати Афғонистон изҳори норозигӣ баён намуда, ҳушдор медиҳад, ки дахолат намудан ба корҳои дохилии Тоҷикистонро қатъ намоянд, зеро Руссия барои ҳифзи сарҳади Тоҷикистон ва ҳимояи шаҳрвандони рус, ки дар қаламрави Тоҷикистон қарор доранд, омода аст тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода намояд.[3]

Дар давоми моҳи июли соли 1993 як қатор деҳаҳои наздисарҳадии Вилояти Бадахшон, аз ҷумла деҳаи Ворӣ забт карда гирифта мешаванд. Амалиётҳои ҳарбӣ дар Тавилдара авҷ мегиранд. Дар ин ҷо дар муқобили неруҳои ҳукуматӣ дастаи ҷангиёни Абдулғаффор меҷангиданд. Шоҳроҳе, ки Душанберо бо водии Қаротегин мепайваст, аз тарафи дастаҳои Нозим ва Исмат муҳосира

[1] Двинский К. Ни один пограничник в плен не сдался. Газета «КоммерсантЪ». – №132. 15 июля 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.kommersant.ru/doc/53685?fp= (дата обращения: 15.10.2016)
[2] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 16 августа 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/453 /73/img/N9345373.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)
[3] Заявление МИД РФ от 14 июля 1993 г. // Дипломатический вестник. – 1993. –№15-16. – С.30.

шуда буданд. Неруҳои мухолифин инчунин шаҳраки Роғун ва ноҳияи Обигармро низ дар зери назорати худ дароварда буданд. Аз охири моҳи июл фаъолнокии неруҳои ҳукуматӣ таъмин мегардад ва онҳо дар ноҳияи Тавилдара ва дар самти ағбаи Хабураҳбот муваффақиятҳои нав ба даст меоваранд.[1]

Дар охири моҳи июли соли 1993 роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба номи президенти Русия Б.Елтсин нома мефиристад ва дар номаи худ нисбат ба ҳукумати Тоҷикистон андешаҳои манфӣ баён намуда, аз ҳукумати Русия даъват ба амал меорад, ки муносибати худро бо ҳукумати Тоҷикистон муайян намояд.[2] Аммо баъди ҳуҷум ба сарҳадбонони Русия эътимоди онҳо нисбат ба мухолифин коста гардида буд ва боварӣ доштанд, ки ин фиреби навбатии онҳост.

Президенти Русия Б.Елтсин аз 28 июли соли 1993 дар бораи ба танзим даровардани вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон фармон содир намуда, вазири корҳои хориҷии Русия А.Козиревро намояндаи махсуси худ дар Тоҷикистон таъин менамояд. Инчунин Б.Елтсин барои дар сатҳи олӣ баргузор намудани вохӯрии сарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Узбекистон ташаббус нишон медиҳад. Дар маърӯзаи худ Б.Елтсин иброз медорад, ки вохӯрии мазкур бояд 7 августи соли 1993 дар шаҳри Маскав баргузор гардад.[3]

Дар Тоҷикистон моҳҳои июл ва август амалиётҳои шадиди ҳарбӣ сурат мегирифтанд. Неруҳои ҳукуматӣ дар қисми сарҳадии Вилояти Бадахшон бар зидди ҷангиёни мухолифин амалиётҳои шадиди ҳарбӣ анҷом медоданд. Дар ноҳияи Қалъаихумб ва махсусан деҳаи Сағирдашт бархӯрдҳои хунин анҷом меёфтанд. Ҳамчунин рӯзи 6 августи соли 1993 дар водии Қаротегин шаҳраки Ғарм дар байни мухолифин ва неруҳои ҳукуматӣ задухӯрд ба амал меояд, ки дар натиҷа 41 ҷангии мухолифин ба ҳалокат расонида мешавад.

[1] Бушков В.И., Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (этно-социальные процессы и политическая борьба, 1992-1995) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/datarus/st_08_bush.shtml (дата обращения: 27.01.2017)
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 16 августа 1993 г.

7 август дар шаҳри Маскав вохӯрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Русия баргузор мегардад. Дар вохӯрии мазкур таъмини амнияти сарҳадӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар маркази диққат қарор дода мешавад. Дар вохӯрии мазкур ду ҳуҷҷати муҳим ба имзо расонида мешавад: «Эъломия дар бораи дахлнопазирии сарҳад» ва «Гузориш дар бораи ба эътидол овардани вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон».[1] Мутобиқи банди якуми Эъломияи имзошуда, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Узбекистон сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро қисми таркибии сарҳади умумии ИДМ бояд тасаввур менамуданд ва аз ин рӯ, барои ҳифзи сарҳадот қисмҳои низомии худро зиёд менамуданд. Махсусан, дар ҳуҷҷати мазкур таъкид мегардид, ки ба Тоҷикистон дар самти ташкили неруҳои ҳарбӣ ва қисми низомии сарҳадӣ бояд кӯмак расонанд.

Ҳамин тариқ, вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон бетағйир боқӣ монда буд. Муттаҳид намудани неруҳои мухталиф ва дастрас гардидани кумакҳои хориҷӣ ба мухолифини тоҷик имкон медод, ки дар як қатор минтақаҳои Тоҷикистон мавқеъҳои худро мустаҳкам намуда, дар муқобили неруҳои ҳукуматӣ мубориза баранд.

Дар вохӯрии навбатии сарварони давлатҳои узви ИДМ, ки 24 сентябри соли 1993 баргузор мегардад, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расонида мешаванд. Қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои сулҳофари дастаҷамӣ натиҷаи асосии ин вохӯрӣ ба шумор меравад[2]. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими қабулгардида «Созишнома дар бораи Неруҳои сулҳофари дастаҷамъӣ ва иқдомҳои якҷоя дар бораи таъминоти моддию техникии онҳо» мебошад.

Ҳамчунин дар вохӯрии мазкур вобаста ба низои сиёсие, ки ҳанӯз ҳам идома меёфт, ду ҳуҷҷати дигар қабул мегардад: «Созишнома дар бораи расонидани кумак ба гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ» ва «Созишнома дар бораи меъёрҳои аввалияи ҳимояи қурбониёни

---

[1] Заявление о мерах по нормализации обстановки на таджикско-афганской границе // Дипломатический вестник. – 1993. – №17-18. – С.10-11.

[2] Решение о формировании Коллективных миротворческих сил и начале их функционирования. 24 сентября 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/573/38/img/N9357338.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

низоъҳои ҳарбӣ». Дар ҳуҷҷати якум шахсияти гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ муайян карда шуда, ӯҳдадориҳои асосии давлатҳои муҳоҷирпазир ва давлатҳое, ки аҳолиашон гуреза шудаанд, ба таври мушаххас муайян карда мешаванд.

7 декабри соли 1993 ҳизбу ҳаракатҳои ба ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик шомилгардида гузориши якҷоя ба имзо расониданд, ки дар он дар бораи вазъияти бамаломадаи Тоҷикистон иддаои худро баён намуда буданд. Дар гузориши мазкур ташкили Шӯрои давлатӣ ва аз ҳисоби шахсони бетараф созмон додани ҳукумати муваққатӣ талаб мегардид.

Моҳҳои январ-феврали соли 1994 дар шаҳри Душанбе вазъият каме ноором мегардад ва гоҳ-гоҳ тирпаронӣ ба мушоҳида мерасад. Рӯзҳои 19-22 феврал сарҳадбонони ноҳияи Панҷ аз ҷониби сарҳади Афғонистон мушакборон мегарданд. Ҷавобгарии ин амалиётҳои ҳарбиро касе бар дӯш намегирифт. Дар ин марҳилаи низоъ маълум гардида буд, ки вазъиятро бо роҳи дахолати ҳарбӣ ҳал намудан ғайриимкон аст. Зеро ҳар ду ҷониб манбаъҳои худро сарф намуда, ҳамчунин зиёни ҷонӣ дида буданд. Мамлакат бошад дар ҳолати бади гуманитарӣ ва иқтисодӣ қарор гирифта буд.

Дар ҳамин марҳилаи ҳасос дар ҳудуди Афғонистон низ бинобар сабаби муваффақиятҳои навбатии ҳаракати Толибон вазъият ноором гардида истода буд. Дар ибтидои моҳи марти соли 1994 Русия кӯшиш менамуд, ки ҷонибҳои даргирро барои баргузор намудани гуфтушунидҳо омода созад. Бо ин мақсад муовини вазири корҳои хориҷии Русия А.Адамишин ба шаҳри Теҳрон сафар намуда, бо роҳбарони мухолифин барои ташкил намудани гуфтугуи сиёсӣ вохӯрӣ анҷом медиҳад. Дар ҳамин давра Намояндаи махсуси Котиби генаралии СММ Исмат Киттанӣ барои фароҳам овардани заминаи мусоид дар самти ташкили гуфтушунидҳо як қатор вохӯриҳо анҷом медиҳад. Ӯ аввал бо президент, муовини президент, раиси ҳукумат ва вазири корҳои хориҷӣ мулоқот менамояд. Сипас ба шаҳри Хорӯғ сафар намуда, бо гурӯҳҳои гуногун ва дастаҳои алоҳидаи мухолифин гуфтугӯ анҷом медиҳад. Инчунин дар ин сафари хизматии худ

И.Киттанӣ ба пойтахти ҷумҳуриҳои Узбекистон, Русия, Қирғизистон, Қазоқистон, Эрон ва Покистон низ сафар менамояд.[1] Дар натиҷа макони баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир шаҳри Маскав муайян мегардад, ки қарор буд 16 марти соли 1994 баргузор шавад. Намояндагони ҳукуматро муовини раиси ҳукумат Моёншо Назаршоев бояд роҳбарӣ менамуд. Аммо шаби 10 ба 11 март ӯ дар хонаи истиқоматии худ ба қатл расонида мешавад, ки бо ин баҳона баргузории гуфтушунидҳо, ки қарор буд 16 марти соли 1994 баргузор шавад, қатъ мегардад.

Бархӯрди мусаллаҳонаи солҳои 1992-1993 барои Тоҷикистон фоҷиаи бузург ба шумор меравад. Зеро тайи ду соли аввали ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҳалокат расида, қариб 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат ба сифати гуреза тарки ватан намуданд ва дар пайи ҷангу хунрезиҳо зиёда аз 55 ҳазор кудакон ятим монданд. Ҷомеа ба қисмҳои алоҳида ҷудо гардида буд ва бархӯрди мусалаҳҳона ва муқобилиятҳои хунин дар миёни гурӯҳҳои мусаллаҳи идоранашаванда зуд-зуд ба амал меомаданд. Хоҷагии халқ зарари хеле зиёд дида, ҷомеа ба бухрони шадиди иқтисодӣ гирифтор гардида буд[2]. Дар охири соли 1993 ва ибтидои 1994 дар мамлакат марҳилаи ҳасоси ҷанги шаҳрвандӣ қариб, ки анҷом ёфта буд. Аммо вазъият ҳамоно ноором буд. Бархӯрдҳои мусаллаҳона гоҳе ором мегардиданд ва гоҳе аланга мегирифтанд. Аммо бо роҳи ҳарбӣ ғайриимкон будани ҳали низои сиёсӣ аллакай маълум гардида буд. Зеро амалиётҳои ҳарбӣ натиҷаи дилхоҳ намедоданд.

Ҳамин тариқ, таърихи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон то ҳанӯз ҷабҳаҳои гуногуне дорад, ки мавриди таҳқиқи пурра қарор наёфтаанд. Махсусан нақши ҳизбу созмонҳои навташкил, ҳолати ворид шудани исломгароён ба раванди тағйиротҳои ҷомеаи муосир ва нақши сарварони сиёсию динӣ бояд таҷдиди назар карда шаванд.

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане, 14 ноября 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/633/81/pdf/N9363381.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)
[2] Олимов М., Олимова С. Таджикистан: национальное примирение и вооруженные формирования объединенной оппозиции / М.Олимов, С.Олимова // Вестник Евразии. – 2000. – №4. – С.76.

## 1.2. Марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил

Кӯшиши танзим намудани низои сиёсии байни тоҷикон аз рӯзҳои аввали муборизаҳои мусаллаҳона оғоз гардида буд. Аммо баъди оне, ки ба воситаи неруҳои ҳарбӣ ҳал намудани низоъ самараи дилхоҳ ба бор наовард ва ҷонибҳои низоъ манбаъҳои худро пурра сарф намуда, ба ҳолати ногувор дучор гардиданд, зарурати баргузор намудани гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил ба миён омад. Аз моҳи апрели соли 1994 зери ҳимояти СММ марҳилаи хеле тулонии гуфтушунидҳо дар миёни мухолифини тоҷик ва ҳукумати Тоҷикистон оғоз гардида, 27 июни соли 1997 бо имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом ёфт.

Гуфтушунидҳо миёни тарафҳои бо ҳам муқобил баъди омодагии тулонӣ оғоз гардид, ки дар ин марҳила дар баробари кӯшишу ғайратҳои фарзандони сарсупурдаи миллат, инчунин як зумра давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ низ нақши барҷаста доштанд. Ҳамин тариқ, даври аввали гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ дар зери ҳимояти СММ рӯзҳои 5-19 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар ин даври гуфтушунидҳо нозирон аз Афғонистон, Эрон, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Русия иштирок намуданд. Намояндагони Ҳукумати Тоҷикистонро вазири онвақтаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш.Зуҳуров роҳбарӣ менамуд. Раиси Кумитаи координатсияи неруҳои демократии Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ О.Латифӣ ба сифати иҷрокунандаи вазифаи роҳбари намояндагони мухолифин баромад менамуд. Ҷонибҳои гуфтушунид салоҳиятҳои номаҳдуд доштанд, ки барояшон аз ҷониби Шӯрои вазирони Тоҷикистон ва роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик дода шуда буд.[1] Аммо дар раванди гуфтушунид ҳузур надоштани намояндагони сатҳи олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил моҳияти мувофиқаҳои имконпазирро хеле поён

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 5 мая 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/207/28/pdf/N9420728.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

бурданд. Ҳамин тариқ, дар раванди баргузории даври аввали гуфтушунидҳо бояд се масъалаи муҳим баррасӣ мегардид, ки аз инҳо иборат буданд:

– чораҳое, ки барои танзими низои сиёсии Тоҷикистон нигаронида шуда буданд;

– ҳалли масъалаи гурезагон ва баррасии будубоши одамоне, ки ғайриқонунӣ аз хориҷ ба мамлакат ворид гардидаанд;

– масъалаҳои бунёдии сохти конститутсионии Тоҷикистон ва муттаҳид намудани давлатдорӣ.

Аммо ихтилофи назарҳо дар миёни намояндагони ҳукумат ва мухолифин имкон надоданд, ки масъалаҳои мазкур ба таври дилхоҳ баррасӣ гарданд ва дар атрофи ҳалли онҳо ба таври зарурӣ ба мувофиқа бирасанд. Бинобар ин, дар даври аввали гуфтушунидҳо агар масъалаҳое, ки ихтилофи назарҳоро камтар фаро мегирифтанд, интихоб мешуданд, самаранокии он хеле боло мерафт. Зеро масъалаҳое, ки барои баррасӣ интихоб гардида буданд, миқёсан хеле васеъ ва табиатан хеле мураккаб ба шумор мерафтанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда баъди анҷоми даври аввали гуфтушунидҳо як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расонида шуданд: «Изҳороти муштараки Намояндаи махсуси Котиби генаралии СММ ва иштирокчиёни гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ», «Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон», «Баёнияи (коммюнике) муштараки натиҷаи даври якуми гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ», «Изҳороти муштараки иштирокчиёни гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба ҳифзи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон». Бояд гуфт, ки изҳороти муштарак оид ба ҳифзи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» масъалаи аввалиндараҷа маҳсуб намеёфт ва ҳамзамон аҳамияти сиёсӣ низ надошт. Аммо ҷонибҳои гуфтушунид чунин мешумориданд, ки чунин муносибат нишон медиҳад, ки ҳар ду ҷониб омодаанд ба манфиати халқу давлат низ амал намоянд. Тибқи ҳуҷҷати дуюм, яъне «Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва

муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон» 19 апрели соли 1994 Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки ҳайати он ба таври баробар аз намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин иборат буданд.[1]

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои амалии даври аввали гуфтушунидҳо он қадар зиёд набуданд, аммо оғози гуфтушунидҳо ва имкони ба самъи муқобилони худ расонидани мавқеи худ рафту равиши низои сиёсиро каме тағйир дод. Ҳарчанд дар раванди гуфтушунид ҷонибҳои бо ҳам муқобил иштирок намуда бошанд ҳам, дар дохили худи онҳо низ мухолифатҳои гурӯҳӣ дида мешуд. Зеро дар он давра на ҳамаи неруҳои сиёсӣ барои идомаи танзими мусолиҳатомези низоъ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Дар ин давра задухӯрд на танҳо дар миёни ҳукумат ва мухолифин идома меёфт, балки дар миёни қумандонҳои саҳроӣ, ки ҷонибдорони ҳукумат буданд, даргириҳо ба амал меомад. Бинобар ин, баргузории даври дуюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил, ки бояд дар моҳи июн баргузор мегардид, зери суол қарор гирифт.

Дар он давра вазъият дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе низ ноором буд. «Дар муддати хеле кӯтоҳ дар шаҳри Душанбе як қатор кушторҳои даҳшатноки олимон, соҳибкорон ва рӯзноманигорони шинохта ба амал омад. Масалан, муовини раиси ҳукумат, профессор М.Назаршоев, номзади илмҳои тиб Д.Асимов, рӯзноманигор О.Абдулов, хабарнигори газетаи «Ҷумҳурият» Ҳ.Ҳайдаршо ва соҳибкор В.Ниман ба кушторҳои ваҳшиёна мисол шуда метавонанд. Аз 31 май то 16 июни соли 1994 як қатор афсарони қисми низомии сарҳадбони Русия ва Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ба қатл расонида шуданд, аз ҷумла муовини вазири мудофиа Р.Раҷабов. 6 майи ҳамон сол бошад ба ҷони муовини Вазири нақлиёт ва истифодабарии роҳ Н.Дустов сӯйиқасд ташкил карда шуд».[2] Ҳамин

[1] Протокол о создании Совместной комиссии по проблемам беженцев и вынужденных переселенцев из Таджикистана от 19 апреля 1994 г. // Доклад Генерального секретаря ООН. 5 мая 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/207/28/pdf/N9420728.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Панфилов О. Таджикистан: от гражданской войны к гражданскому согласию. Второй раунд межтаджикских переговоров. Тегеран, 18-28 июня 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: http://olegpanfilov.com/?p=5879 (дата обращения: 20.01.2017)

тариқ, вазъияти ноором барои баргузории марҳилаҳои навбатии гуфтушунидҳои мусолиҳатомез мушкилиҳо эҷод менамуд.

Баргузории даври дуюми гуфтушунидҳо 4 июни соли 1994 таъин гардид, аммо бо сабабҳои гуногун таърихи баргузории он чандин маротиба иваз карда шуд. Ниҳоятан даври дуюми гуфтушунидҳо 18 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон оғоз гардид. Намояндагони ҳар ду ҷониб бо ҳамон ҳайате ҳозир гардиданд, ки дар даври якуми гуфтушунидҳо ширкат варзида буданд. Гуфтушунидҳо дар Донишкадаи таҳқиқоти сиёсӣ ва байналхалқии Вазорати корҳои хориҷии Эрон пушти дарҳои баста баргузор гардид. Дар ин даври гуфтушунидҳо масъалаи бастани созишнома дар бораи оташбас ва амалҳои дигари хусуматомез мавзӯи асосии баҳси ҷонибҳо ба шумор мерафт. Ҷонибҳо дар муносибат бо ҳуҷҷати мазкур пешниҳодҳои худро иброз намуданд, аммо мавқеъҳои бо ҳам мухолифи онҳо нагузошт, ки онҳо ба мувофиқа бирасанд. Мухолифати ақидаҳо бештар дар атрофи масъалаҳои бесилоҳгардонӣ ва иҷрои талаботи риояи оташбас дида мешуд. «Намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба имзо расидани Созишномаи мазкур зарурати амалӣ шудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари хусуматомезро боисрор талаб намуда, барои иҷроиши шароитҳое, ки намояндагони мухолифин талаб намуда буданд, танҳо дар давраи риоя шудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари хусуматомез ӯҳдадориҳоро бар дӯш гирифт. Намояндагони мухолифини тоҷик низ дар навбати худ дар як муддати муайян ва муваққатан риоя гардидани талаботи Созишнома дар бораи оташбас ва амалҳои дигари хусуматомезро боисрор талаб намуданд ва ҳамзамон аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши як қатор шароитҳоро талаб намуданд: озод намудани дастгиршудагон, маҳкумшудагон ва маҳбусон, қатъи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар алоқамандӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ва мухолифати сиёсӣ боз карда шудаанд, иҷозати фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои манъшуда, дубора фаъол намудани кори васоити ахбори оммаи фаъолияташон

манъшуда».[1] Бинобар ин, масъалаи оташбас ва қатъи амалиётҳои дигари хусуматомез ягона созише ба шумор мерафт, ки дар Изҳороти муштараки натиҷаи даври дуюми гуфтушунидҳо дида мешуд ва сипас дар Созишнома низ ворид карда мешавад.

Марҳилаи навбатии даври дуюми вохӯриҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил 12-17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид. Ин вохӯрӣ характери машваратӣ дошт. Ин навбат дараҷаи намояндагӣ каме ҷиддитар гардида буд. Намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини аввали Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Достиев роҳбарӣ менамуд. Намояндагони мухолифини тоҷикро муовини аввали раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Дар ҷараёни вохӯрӣ мақсади пештар гузошташуда амалӣ мегардад ва дар охири вохӯрӣ «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат дар давраи баргузории гуфтушунидҳо» ба имзо расонида мешавад. Дар ҳуҷҷати мазкур ибораи «қатъи амалҳои душманона» бори дигар ҷойгир карда шуд, ки дар атрофи он ҷонибҳо ба созиш омаданд. Қатъи амлҳои душманона чунин ҳолатҳоро дар бар мегирифт:

– ҷонибҳои бо ҳам муқобил бояд ҳама гуна амалиётҳои ҳарбиро қатъ намоянд, ҳатто вайрон намудани сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистонро; аз ҳама гуна ҳуҷуми мусаллаҳона даст кашанд; қатъи тиррпаронӣ; қатъи баргузории ҳама гуна машқҳои ҳарбиро риоя намоянд ва дар дохили мамлакат ба ҷобаҷогузории неруҳои ҳарбӣ машғул нашаванд.

– ҷонибҳои бо ҳам муқобил бояд дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дар дохили Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо аз амалҳои террористӣ ва диверсионӣ даст кашанд.

[1] Панфилов О. Таджикистан: от гражданской войны к гражданскому согласию. Второй раунд межтаджикских переговоров. Тегеран, 18-28 июня 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: http://olegpanfilov.com/?p=5879 (дата обращения: 20.01.2017)

– ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо бояд ба куштори якдигар, асиргирӣ, ҳабси ғайриқонунӣ, ғорати аҳолии осоишта ва хизматчиёни ҳарбӣ даст назананд.

– маҳаллаҳои аҳолинишин, воситаҳои иртиботӣ, объектҳои ҳарбӣ ва хоҷагии халқ бояд зери муҳосира қарор дода нашаванд.

– воситаҳои алоқа ва иттилооти оммавӣ бо мақсади халалдор намудани раванди оштии миллӣ бояд истифода нагарданд.

– дин ва иродаи динии пайравони дин, дилхоҳ идеология бо мақсади душманӣ варзидан бояд истифода нагардад.[1]

Бояд қайд намуд, ки пеш аз баргузории интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баргузории раъйпурсии умумихалқӣ оид ба қабули лоиҳаи нави конститутсия Созишнома дар бораи муваққаттан эълон намудани оташбас ба имзо расид. Дар заминаи иҷроиши талаботи созишномаи мазкур ҷонибҳо вазифадор гардиданд, ки дар самти мустаҳкам намудани муносибатҳои дуҷониба як қатор чораҳои заруриро амалӣ созанд. Чунончӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мувофиқи рӯйхати замимагардида шахсони маҳбусшуда ва маҳкумшударо озод менамуданд ва дар навбати худ мухолифини тоҷик мувофиқи рӯйхати замимашуда асирони ҳарбиро бояд озод менамуданд. Инчунин дар созишномаи мазкур зарурати ташкил намудани Комиссияи муштарак, ки бо миёнаравии СММ бояд иҷроиши шарту шароитҳои сошиномаи оташбасро назорат менамуд, таъкид гардид.[2] Ҳамин тариқ, ба имзо расидани созишномаи оташбас дар самти танзими мусолиҳатомези низои сиёсӣ пешравии хеле муҳим ба шумор мерафт, аммо натиҷаҳои иҷроиши вай он қадар самараи дилхоҳ ба бор оварда натавонист. Зеро иҷроиши талаботҳои дар он ҷойдошта бо дарназардошти омилҳои гуногун хеле мушкил ба назар мерасид. Масалан, гурӯҳҳое мавҷуд буданд, ки хоҳиши иҷро намудани талаботҳои созишномаи мазкурро надоштанд ва баъзе аз он гурӯҳҳо ҳатто идоранашаванда гардида буданд. Ҳамагӣ баъди ду рӯзи баста шудани созишномаи оташбас 19 сентябри соли 1994 дар деҳаи

---

[1] Соглашение о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. Тегеран, 17 сентября 1994 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 12 мая 1995 г.

[2] Ҳамон ҷо.

Сафедсанги Бадахшони кӯҳӣ қисмҳои низомии ҳукуматӣ барои ҷавоб гардонидан ба амалиётҳои ҳарбии мухолифин ба ҳуҷум сар карданд, ки дар натиҷаи он 7 нафар мухолифин захмӣ ва 6 нафари дигар ба ҳалокат расиданд.[1] Дар ҳамон шабу рӯз муборизаҳои мусаллаҳона дар ноҳияи Тавилдара ва водии Қаротегин идома доштанд. Интихобот ва райъпурсии умумихалқӣ бошад дар шароити шадиди сиёсӣ баргузор гардид. Мухолифини тоҷик натиҷаҳои интихобот ва райъпурсиро напазируфтанд ва иброз намуданд, ки дар рафти баргузории ин чорабиниҳо як қатор талаботҳо риоя нагардиданд. Ба ақидаи мухолифини тоҷик, қисме аз аҳолии кишвар берун аз мамлакат қарор доштанд, ки онҳо натавонистанд дар интихобот ширкат варзанд; фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои оппозитсионӣ манъ карда шуда буд, ки дар чунин фазо, ба ақидаи онҳо, интихобот ғайриалтернативӣ баргузор гардид. Ҳамин тариқ, иҷроиши талаботҳои созишномаи оташбас қариб, ки риоя намегардид ва бо дарназардошти вазъияти баамаломада ҷонибҳо барои идома додани гуфтушунидҳо вохӯрии навбатиро дар пойтахти Покистон муқаррар намуданд.

Даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои ба ҳам муқобил аз 21 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод идома ёфт. Дар рӯзи кушодашавии даври сеюми гуфтушунидҳо дар Тоҷикистон ҳодисаи хеле мудҳиш рух дод. Вазири экология ва ҳифзи муҳити зист М.Назриев дар натиҷаи суиқасд дар деҳаи Ҷафри ноҳияи Ғарм ба қатл расонида шуд. Бинобар ин, гуфтушунидҳо дар фазои хеле мураккаб баргузор гардиданд. Ҷонибҳо якдигарро барои иҷро накардани талаботи созишномаҳои пештар ба имзорасида гунаҳкор намуданд. Аммо дар охири гуфтушунидҳо ду ҳуҷҷати муҳим ба имзо расонида шуд: «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба амалисозии Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат» ва «Баёнияи (коммюнике) муштарак оид ба натиҷаҳои даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои ба ҳам муқобил

[1] Панфилов О. Таджикистан: от гражданской войны к гражданскому согласию. Второй раунд межтаджикских переговоров. Тегеран, 18-28 июня 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: http://olegpanfilov.com/?p=5879 (дата обращения: 20.01.2017)

дар бораи оштии миллӣ». Дар ҳуҷҷати якум тартиби фаъолияти Комиссияи муштарак нишон дода шуда буд, ки дар атрофи таъсиси он 17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон дар вохӯрии машваратӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расида буданд.

Дар ҳуҷҷати дуюм, яъне дар Баёнияи (коммюнике) муштарак, ки 31 октябри соли 1994 дар бораи натиҷаҳои даври сеюми гуфтушунидҳои байнитоҷикон оид ба оштии миллӣ қабул гардида буд, чунин натиҷаҳо нишон дода шуданд: ҷонибҳо барои дароз намудани муҳлати «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» ба мувофиқа расиданд ва муҳлати онро то 6-уми феврали соли 1995 дароз намуданд; ҷонибҳо «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба амалисозии Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас»-ро ба имзо расониданд.

Дар раванди баргузории гуфтушунидҳо масъалаи таъмин намудани амнияти аҳолии осоиштаи водии Қаротегин низ баррасӣ гардид. Ба минтақаи мазкур сафарбар намудани нозирони ҳарбии СММ ва ҷоннок намудани фаъолияти созмонҳои байналхалқии ҳифзи ҳуқуқ роҳҳои асосии таъмини амнияти осоиштаи минтақаи мазкур муаррифӣ гардид. Инчунин дар вохӯрии мазкур масъалаи амалӣ намудани банди 4 Созишномаи оташбас, яъне мувофиқи рӯйхати тартибдодашуда аз ҳар ду ҷониб озод намудани шахсони маҳкумшуда, маҳбусгардида ва асирони ҳарбӣ (27 нафар аз ҳар дӯ ҷониб), ки моҳи сентябр дар шаҳри Теҳрон дар вохӯрии машваратӣ қабул гардида буд, бори дигар таъкид гардид ва муҳлати иҷроиши он то 5-уми ноябри соли 1994 дароз карда шуд[1]. Ҳамин тариқ, дар самти ба даст овардани сулҳ каме пешравиҳо ба вуҷуд омаданд. Махсусан, дароз намудани муҳлати Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва ташкил намудани Комиссияи муштарак оид ба риояи созишномаи мазкур заминаҳои муҳими муваффақиятҳо ба шумор мерафтанд. Аммо дар ин раванд аз ҳар ду ҷониб мушкилиҳо ва

---

[1] Совместное обращение президентов Казахстана, Кыргызстана, Российской Федерации, Таджикистана и Узбекистана о положении в Таджикистане. Алматы, 10 февраля 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/043/91/pdf/N9504391.pdf?OpenElement (дата обращения: 21.01.2017)

монеаҳои ҷиддӣ ба назар мерасиданд, ки иҷроиши талаботи созишномаҳоро зери суол қарор медоданд.

Баъди баргузории даври сеюми гуфтушунидҳо вохӯриҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил то як давраи муайян ташкил нагардиданд. Зеро дар ин марҳила ҳукумат ва мухолифин шарту шароити ҷадиди худро пешниҳод менамуданд, ки ин талаботҳои нав ба мувофиқа расидани онҳоро мушкил мегардонид. Махсусан, мухолифин дар бораи вайрон гардидани як қатор қоидаҳо ҳангоми баргузории райъпурсии умумихалқӣ оид ба қабули конститутсия ва интихоботи президентӣ, ки 6-уми ноябри соли 1994 бе иштироки мухолифин баргузор гардида буд, ибрози норозигӣ баён менамуданд. Барои дубора ҷоннок намудани раванди гуфтушунидҳо дар аввали соли 1995 муовини Котиби генералии СММ Алдо Ахело вазифадор гардид, ки бо Федератсияи Русия, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони мухолифини тоҷик машварат анҷом диҳад. Бо ин мақсад А.Ахело аз 24-ум то 27-уми феврали соли 1995 ба шаҳри Маскав, аз 28-уми феврал то 1-уми март ба шаҳри Душанбе ва аз 2-юм то 4-уми март ба шаҳри Исломобод сафар намуд. Дар натиҷаи вохӯриҳои машваратӣ муҳлати Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас то 26-уми апрели соли 1995 дароз карда мешавад.[1] Дар оғози моҳи апрели соли 1995 намояндаи махсуси Котиби генералии СММ оид ба Тоҷикистон Р. Пирс Балон бо намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон як қатор вохӯриҳо анҷом дод ва дар охир барои идома додани раванди гуфтушунидҳои байнитоҷикон шароит фароҳам омад. Марҳилаи навбатии гуфтушуниди байнитоҷикон дар шакли вохӯрии машваратӣ рӯзҳои 19-26-уми апрели соли 1995 дар шаҳри Маскав бо миёнаравии СММ баргузор мегардад. Дар вохӯрии мазкур нозирони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсияи Русия ва Узбекистон низ ширкат меварзанд. Гурӯҳи кории Ҳукумати Тоҷикистонро муовини аввали сарвазир Маҳмадсаид Убайдуллоев ва

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 12 мая 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/144 /27/img/N9514427.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

гурӯҳи кории мухолифини тоҷикро муовини раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон Акбар Тураҷонзода роҳбарӣ менамуданд. Машварати мазкур бо қабули изҳороти муштараки ҷонибҳо анҷом меёбад, ки он ба сифати замимаи мактуби намояндаи доимии Русия паҳн карда мешавад.[1] Инчунин дар раванди баргузории воҳӯрии мазкур ба «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» иловаҳо ворид карда мешаванд. Яке аз иловаҳои муҳиме, ки дар созишномаи мазкур ворид карда шуда буд, моҳиятан чунин буд: дар амал татбиқ намудани меъёрҳои созишномаи дар Теҳрон қабулгардида аз ҷониби он гурӯҳи мухолифини тоҷик, ки дар ҳудуди Афғонистон қарор доранд ва дар ҳолати ризоияти Ҳукумати Афғонистон назорати иҷроиши меъёрҳои созишномаи мазкур ба Комиссияи муштарак ва нозирони ҳарбии СММ вогузор карда мешавад. Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофари ИДМ ва артиши Русия, ки он замон дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштанд, мавқеи меҳварии худро тасдиқ намуда, бояд бо нозирони ҳарбии СММ ҳамкорӣ менамуданд.[2] Ҳамин тариқ, артиши Русия низ ӯҳдадор гардид, ки талаботи созишномаи мазкурро риоя намояд. Инчунин дар воҳӯрии мазкур муҳлати Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас низ то 26 майи соли 1995 дароз карда шуд. Ғайр аз ин, дар воҳӯрӣ ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар бораи зиёд намудани ҳайати Комиссияи муштарак қарор қабул намуданд. Мувофиқи қарори қабулгардида ҳайати комиссияи мазкур аз 10 нафар то 14 нафар зиёд карда шуд (7 нафарӣ аз ҳарду ҷониб) ва дар бораи ҷоннок намудани кумаки молиявии Комиссия таъкид намуданд.

Бояд гуфт, ки дар воҳӯрии моҳи апрели соли 1995 ҷонибҳо масъалаи дар шаҳри Кобул ташкил намудани воҳӯрии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам муқобилро низ баррасӣ намуда, дар ин самт ба мувофиқа расиданд. Инчунин замон ва макони баргузории даври чоруми гуфтушунидҳо аз 22-юми майи соли 1995 дар шаҳри Алмато

---

[1] Хамон ҷо.

[2] Соглашение о временном прекращение огня  и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны на период переговоров. Пересмотренный текст // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 12 мая 1995 г.

муайян гардид. Дар барномаи кории даври чоруми гуфтушунидҳо масъалаҳои сохти конститутсионии Тоҷикистон ва ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд[1]. Бояд гуфт, ки масъалаҳои мазкур ҳанӯз дар раванди баргузории даври аввали гуфтушунидҳо, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав баргузор гардида буд, баррасӣ гардида буданд. Аз он сабабе, ки масъалаҳои мазкур хеле масъалаҳои бунёдии ҷомеаи тоҷикро ташкил менамуданд, дар атрофи ҳалли онҳо низ ба мувофиқа расидан ба зудӣ муваффақият пайдо накард. Бинобар ин сабаб масъалаҳои мазкурро дар даври чоруми гуфтушунидҳо дубора барои баррасӣ пешниҳод намуданд.

Дар ибтидои соли 1995 вазъияти сиёсӣ дар Тоҷикистон нисбат ба соли 1994 оромтар буд. Аммо нозирони ҳарбии СММ як қатор ҳолатҳои вайрон намудани талаботи Созишномаи оташбасро мушоҳида намуда, ба қайд гирифтанд. Масалан, чандин маротиба аз ҷониби ҷангиёни мухолифин кӯшиши ғайриқонунӣ убур намудани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон  ба амал омада буд. Мухолифин аз ҳузури артиши ҳукуматӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ изҳори норозигӣ баён менамуданд. Дар моҳи апрели соли 1995 як қатор задухурдҳои байнисарҳадӣ ба амал меоянд, ки дар натиҷа ҳарду ҷониб зарар мебинанд, аз ҷумла сарҳадбонони рус низ захмӣ мегарданд. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар соли 1995 дар ҳудуди Афғонистон ҳаракати Толибон ба таври фаъол ба ҳуҷумҳои навбатӣ мегузаранд, ки чунин ҳолат вазъияти сиёсии Тоҷикистонро хеле тезу тунд намуда буд. Бо дарназардошти чунин вазъият Русия ва созмонҳои байналхалқӣ ҷонибҳои бо ҳам муқобилро таъкид намуданд, ки барои ноустувор гардидани минтақа роҳ надиҳанд.

Ҳамин тариқ, аз 17-ум то 19-уми майи соли 1995 дар шаҳри Кобул вохӯрии сарварони олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор мегардад. Бояд гуфт, ки вохӯрии мазкур раванди баргузории

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 12 мая 1995 г.

гуфтушунидҳоро ба марҳилаи сифатан нав ворид намуд ва ҷиддияти риояи талаботи созишномаҳоро низ таъмин намуд. Дар вохӯрии мазкур роҳбарони олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар атрофи риояи талаботи Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас суҳбат намуда, муҳлати онро то 26-уми августи соли 1995 дароз намуданд. Дар изҳороти муштараки сарварони ҷонибҳои бо ҳам муқобил қайд мегардад, ки «натиҷаи ин вохӯрӣ дар раванди баргузории даври чоруми гуфтушунидҳои байнитоҷикон эълон ва баррасӣ мегардад».[1]

Даври чоруми гуфтушунидҳои байнитоҷикон аз 22-юми май то 2-юми июни соли 1995 дар шаҳри Алма-Ато (Қазоқистон) баргузор мегардад. Гурӯҳи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини аввали сарвазир М.Убайдуллоев ва гурӯҳи кории мухолифини тоҷикро муовини аввали раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамоянд. Мутобиқи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда ҷонибҳо масъалаҳои бунёдии мамлакат – сохти конститутсионии мамлакат ва ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд баррасӣ менамуданд. Аммо яку якбора Иттиҳоди мухолифини тоҷик масъалаи ҳукумати муваққатиро ба миён гузошта, ваъда доданд, ки дар ҳолати ҷонибдорӣ пайдо намудани андешаашон онҳо Эмомалӣ Раҳмонро ба сифати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф менамоянд. Намояндагони ҳукуматӣ ин пешниҳоди мухолифинро рад намуда, ҳамзамон эълон доштанд, ки онҳо барои роҳ додани намояндагони мухолифин ба низоми идоракунии давлатӣ омодаанд.[2] Дар ин вохӯрӣ низ ҷонибҳо дар масъалаи ба таври баробар иваз намудани асирони ҳарбӣ ба мувофиқа расиданд. Намояндагони ҳукуматӣ ӯҳдадор гардиданд, ки дар давраи баргузории гуфтушунидҳо ҳукми қатли намояндагони мухолифнро бекор намоянд ва минбаъд низ ин меъёри ҷазоро мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ҳамчунин ҷонибҳо ба масъалаи

---

[1] Совместное заявление Президента Таджикистана и Председателя Движения исламского возрождения Таджикистана. Кабул, 19 мая 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/158/90/pdf/N9515890.pdf?OpenElement (дата обращения: 21.01.2017)

[2] Хронология войны. [Электронный ресурс]. URL: http://tajikwar.ru/xronologiya-voiny/6/ (дата обращения: 07.10.2016)

гурезагон низ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуданд ва барои баргардонидани онҳо ба ҳаёти осоишта ҳукумат вазифадор гардид, ки чораҳои зарурӣ андешад. Инчунин мухолифин аз ҳукумат талаб намуданд, ки гурезагонеро, ки дар ҳайти мухолифин қарор доштанд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ накашанд. Назорати иҷроиши талаботи мазкур ба зимаи Комиссияи муштараки кор бо гурезагон вогузор карда мешавад, ки он бояд дар якҷоягӣ бо ҳукумати маҳаллӣ ва мухолифин то 15-уми июли соли 1995 макони ҷойгиршавии гурезагони дар Афғонистон ҷойгирбударо дидан намуда, инчунин ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳаллаҳоеро, ки бояд гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ барои иқомат баргардонида мешуданд, санҷида мебаромаданд. Дар иҷроиши ин амал чунин созмонҳо, ба монанди СММ, САҲА, Идораи Комиссари олии СММ оид ба гурезагон ва намояндагони фаъоли узви ИДМ бояд ба Комиссияи муштараки кор бо гурезагон кӯмак мерасониданд.[1]

19-уми июли соли 1995 дар шаҳри Теҳрон вохӯрии роҳбарони олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил баргузор гардид, ки дар ташкили ин вохӯрӣ Ҳукумати Эрон ба сифати миёнарав баромад менамуд. Оид ба натиҷаҳои вохурӣ дар гузориши якҷояи худ роҳбарияти олии ҳарду ҷониб оид ба риояи талаботи созишномаҳои пештар ба имзорасида ва идома додани гуфтушунидҳои мусолиҳатомез омодагии худро иброз намуданд. Инчунин онҳо дар масъалаи таъсис додани форуми машваратии халқиятҳои ҳудуди Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо таъкид намуданд, ки тарзи фаъолияти форуми мазкур дар даври панҷуми гуфтушунидҳо бояд баррасӣ гардад, аммо замони баргузории даври паҷум муайян карда нашуд.[2] Ҳамчунин дар вохӯрии мазкур бори аввал масъалаи ба таври доимӣ

[1] Совместное заявление делегации правительства Таджикистана и делегации таджикской оппозиции по итогам четвертого раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению. Алма-Ата, 1 июня 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/168/89/pdf/N9516889.pdf?OpenElement (дата обращения: 21.01.2017)

[2] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 16 сентября 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/279 /12/img/N9527912.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

эълон намудани оташбас баррасӣ гардид, аммо дар амал татбиқ намудани он ҳоло каме вақт металабид.

Дар ибтидои моҳи августи соли 1995 Намояндаи махсуси Котиби генералии СММ ба шаҳрҳои Кобул ва Душанбе якчанд маротиба ташриф овард. Дар натиҷаи анҷом додани чунин вохӯриҳои муфид имкон даст дод, ки вохӯрии роҳбарияти олии ҳарду ҷониб ташкил карда шавад ва дар ин вохӯрӣ ҳуҷҷати хеле муҳим – «Протокол дар бораи меъёрҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расад. Дар протоколи мазкур бори аввал як қатор масъалаҳое ҷойгир карда шуданд, ки дар заминаи онҳо минбаъд Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташаккул дода мешавад. Чунончӣ:

– масъалаҳои сиёсӣ: ташкили форуми машваратии халқиятҳои Тоҷикистон; фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва иштироки намояндагони онҳо дар сохторҳои давлатӣ; тақвият бахшидани раванди демократикунонии ҷомеаи тоҷик.

– масъалаҳои ҳарбӣ: ислоҳоти сохторҳои қудратии ҳукумат; аз сари нав ташкил намудани онҳо; бесилоҳгардонӣ ва бо ҳам наздик намудани нерӯҳои ҳарбии мухолифин бо неруҳои ҳарбии ҳукуматӣ ва ё дар соҳаи ҳаёти шаҳрвандӣ дар мувофиқа бо тартиботе, ки дар раванди гуфтушунидҳои дар оянда баргузоршаванда бояд ба мувофиқа мерасиданд.

– ба таври ихтиёрӣ, бехатар ва дар шароити мусоид баргардонидани гурезагон ба ватан ва ба ҳаёти осоиштаи мамлакат раҳнамун сохтани онҳо; кафолати ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо.

– таъсиси Комиссия оид ба назорати риояи талаботи Созишномаи умумӣ.

– кафолати иҷроиши талаботи Созишномаи умумӣ бо дарназардошти нақши СММ, давлатҳо ва созмонҳои байналхалқие, ки дар раванди баргузории гуфтушунидҳои байнитоҷикон ба сифати нозир баромад менамоянд.

– ташкили конфронси сармоягузорон барои маблағгузорӣ намудани барномаи ба ҳаёти осоишта баргардонидани гурезагон; кумаки зарурӣ расонидан барои барқарор намудани хисороти ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба хоҷагии халқи мамлакат расонида шудааст.[1]

Ҳамин тариқ, дар Созишномаи умумӣ кӯшиш намуда шуд, ки ҳамаи шарту шароитҳои оштии ҷонибҳои бо ҳам муқобил ба инобат гирифта шаванд ва марҳила ба марҳила матраҳ гарданд. Пеш аз ҳама, се масъалаи асосие, ки ҳанӯз дар даври аввали баргузории гуфтушунидҳо баррасӣ гардида буд, низ ба инобат гирифта шуд (танзими сиёсӣ ва ҳарбии низоъ, масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ). Созишномаи умумӣ бояд аз ҳуҷҷатҳои алоҳидае иборат мешуд, ки дар ҳар яки онҳо ҷонибҳо оид ба масъалаи алоҳида бояд ба мувофиқа мерасиданд. Ҳуҷҷати мазкур бошад бояд ҳуҷҷати аввалини Созишномаи мазкур ба шумор мерафт.

Ғайр аз ин, ҷонибҳо дар бораи дароз намудани мухлати Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ба мувофиқа расиданд ва аз 18-уми сентябри соли 1995 ба таври муттасил баргузор намудани гуфтушунидҳоро ҷонибдорӣ карданд. Аммо бо дарназардошти ихтилофи назарҳо макони баргузории даври панҷуми гуфтушунидҳо муайян карда нашуд. Ҷониби ҳукумат барои баргузории даври навбатии гуфтушунидҳо пойтахти Турманистон шаҳри Ашқободро пешниҳод намуданд, аммо аз ҷониби мухолифин макони баргузории ин вохӯрӣ шаҳрҳои Теҳрон ва ё Алма-Ато пешниҳод гардид. Бо дарназардошти ихтилофи назарҳо Намояндаи махсуси Котиби генералии СММ Р. Пирис Балон ба сифати варианти созгор пойтахти Австрия шаҳри Венаро ҳамчун макони баргузории гуфтушунидҳои навбатӣ пешниҳод намуд. Баъди гузаронидани машваратҳои зиёд ва ташкил намудани вохӯрии бевоситаи намояндагони мухолифин бо президенти Туркманистон С.Ниёзов

[1] Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане. 17 августа 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/245/72/pdf/N9524572.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

ҷонибҳо барои гузаронидани даври панҷуми гуфтушунидҳо дар шаҳри Ашқобод ба мувофиқа расиданд[1].

Даври панҷуми гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил 30-юми ноябри соли 1995 дар шаҳри Ашқобод оғоз мегардад ва ин дафъа низ гурӯҳҳои кории ҳукуматӣ ва мухолифинро М.Убайдуллоев ва А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамоянд. Оғози даври панҷуми гуфтушунидҳо бо саршавии амалиётҳои ҳарбӣ дар шимолу шарқии ноҳияи Тавилдара рост омад. Дар ҷаласаи аввал роҳбари намояндагони мухолифини тоҷик А.Тураҷонзода дар бораи аз ҷониби ҳукумат риоя нагардидани талаботи Созишномаи оташбас, махсусан дар бораи бомбаборон намудани ноҳияи Тавилдара, ҳуҷуми ҳарбӣ ба ноҳияи Ғарм ва вилояти Бадахшон изҳори норозигӣ баён намуда, аризаи шикоятӣ пешниҳод менамояд. Ӯ дар аризаи худ нисбат ба чунин навъи амалиётҳо эътироз баён намуда, ҳамзамон аз ҳукумат талаб менамояд, ки амалиётҳои мазкур зуд хотима дода шаванд ва ба макони амалиётҳои ҳарбӣ намояндагони СММ ва Комиссияи муштарак барои таҳқиқи қазия фиристода шаванд. Мувофиқи талаботи мухолифин, ки дар аризаи эътирозии А.Тураҷонзода садо дода буд, баъди пешниҳод гардидани ҳисобот дар бораи сафарбар шудани нозирон ва аъзоёни комиссия ба ноҳияи мазкур гуфтушунидҳо метавонистанд идома ёбанд.[2] Баъди чунин воқеа 2 декабри соли 1995 Комиссияи муштарак ташкил карда мешавад ва 6 декабр ба ноҳияи Тавилдара сафарбар карда мешавад. 13 декабри соли 1995 аз ҳар ду ҷониб гурӯҳҳои корӣ Изҳороти муштарак омода менамоянд, ки дар он риоя нагардидани Созишномаи оташбас маҳкум мегардад ва инчунин Комиссияи муштарак ва Нозирони СММ ӯҳдадор карда мешаванд, ки қазияи риоя нагардидани талаботи созишномаи мазкур таҳқиқ карда шавад.[3] Баъди дубора фаъол

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 16 сентября 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/279/12/img/N9527912.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Заявление делегации Объединенной таджикской оппозиции на межтаджикских переговорах. 30 ноября 1995 г. // Сохибназаров Х. Таджикистан в декабре-январе 1995-96 гг. [Электронный ресурс]. URL: http://www.igpi.ru/monitoring/1047645476/1050412225/ Tadjkistan0196.htm (дата обращения: 22.01.2017)

[3] Совместное заявление, подписанное в Ашхабаде 13 декабря 1995 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 22 марта 1996 г. [Электронный ресурс]. URL:

гардидани даври панҷуми гуфтушунидҳо тарафҳои бо ҳам мухолиф ба ҷониби якдигар пешниҳодҳои худро ироа намуданд: намояндагони ҳукумат дар бораи баргузор намудани Форуми машваратии халқиятҳои Тоҷикистон ибрози андеша намуданд ва таъкид доштанд, ки ташкили чорабинии мазкур барои муттаҳид намудани ҷомеа заминаи босазо фароҳам меоварад. Дар навбати худ намояндагони мухолифин дар бораи таъсиси Шӯрои оштии миллӣ андешаҳои худро пешниҳод намуданд. Онҳо иброз намуданд, ки дар ҳайати Шӯрои мазкур 25 нафарӣ аз ҳарду ҷониб ва 10 нафарӣ аз умумиятҳои миллӣ бояд ҳамроҳ карда шаванд, то ки онҳо тавонанд вазифаи парлумонро иҷро созанд ва ҳамзамон ин ҳайат ҳамроҳ бо Президенти мамлакат ҳукумат ва сохторҳои дигари давлатиро ташкил намуда, иҷроиши талаботҳои асосии созишномаи умумиро таъмин намуда, дар бораи интихобот қонуни нав қабул намоянд. ...[1] Гурӯҳи кории ҳукуматӣ пешниҳоди мазкурро бо чанд далел рад намуданд. Аввал ин, ки чунин пешниҳод хилофи сохти конститутсионии давлат баромад менамуд, дуюм ин, ки онро ҳамчун кӯшиши дубора ноором намудани вазъияти Тоҷикистон номбар намуданд. Ин буд, ки гурӯҳи кории мухолифини тоҷик пешниҳоди ҳукумат дар бораи баргузор намудани Форуми машваратиро низ рад намуданд.[2] 22 декабри соли 1995 намояндагони мухолифини тоҷик изҳоротеро паҳн намуданд, ки дар он ҳукуматро барои кашол додани гуфтушунидҳо айбдор менамуданд. Ба андешаи онҳо намояндагони ҳукумат пешниҳодҳоеро баррасӣ менамоянд, ки аз асли масъалаҳои асосӣ хеле дур ҳастанд. Инчунин дар изҳороти мазкур Русия низ барои дастгирӣ намудани ҳукумати Тоҷикистон айбдор დониста мешавад ва дар робита бо ин мухолифини тоҷик талаб менамоянд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон мавқеи неруҳои

---

https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/070/91/img/N9607091.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[1] Сохибназаров Х. Таджикистан в декабре-январе 1995-96 гг. [Электронный ресурс]. URL: http://www.igpi.ru/monitoring/1047645476/1050412225/ Tadjkistan0196.htm (дата обращения: 22.01.2017)

[2] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 22 марта 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/070/91/ img/N9607091.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

сулҳофар муайян карда шавад.[1] Роҳбари гурӯҳи кории ҳукуматӣ М.Убайдуллоев ҳамаи айбдоркуниҳои мухолифинро инкор намуда, ҳамзамон иброз медорад, ки «Русия ягона мамлакате мебошад, ки дар устуворгардонии вазъияти сиёсии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзида истодааст».[2] Баъд аз ин гуфтушунид қатъ мегардад ва танҳо дар охири моҳи январи соли 1996 дубора фаъол гардонида мешаванд.

Дар раванди баргузории марҳилаи дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо масъалаи Форуми машваратӣ баррасӣ гардид ва гурӯҳи кории ҳукуматӣ вариантеро, ки мухолифин пешниҳод намуда буданд, пазируфтанд, аммо дар атрофи муҳлати баргузории ин чорабинӣ ба мувофиқа нарасиданд. Барои оне, ки раванди гуфтушунидҳо ҷоннок гардад, намояндаи махсуси Котиби генералии СММ Р.Пирис Балон оид ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ пешниҳодҳои худро ироа намуд. Дар доираи масъалаи якум – «Қонунӣ гардонидани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ» баррасии се масъала пешниҳод гардид:

– ворид намудани тағйироти зарурӣ ба «Қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон», ки 12 декабри соли 1990 қабул гардида буд ва ё ба ҳамин монанд қабул намудани қонуни нав;

– таъмин намудани кафолатҳои ҳуқуқии ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори оммаи онҳо барои озодона фаъолият намудан;

– қатъ намудани делоҳои ҷиноие, ки дар алоқамандӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ва мухолифатҳои ҳарбию сиёсӣ дар муносибат бо фаъолони мухолифин боз карда шудаанд.

Дар доираи масъалаи дуюм – «Таъмини раванди табдилёбии ҳаракатҳои ҳарбию сиёсии оппозитсионӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ» чунин масъалаҳо барои баррасӣ пешниҳод мегарданд:

---

[1] Заявление делегации Объединенной таджикской оппозиции на межтаджикских переговорах. 30 ноября 1995 г. // Сохибназаров Х. Таджикистан в декабре-январе 1995-96 гг. [Электронный ресурс]. URL: http://www.igpi.ru/monitoring/1047645476/1050412225/ Tadjkistan0196.htm (дата обращения: 22.01.2017)

[2] Ҳамон ҷо.

– бесилоҳгардонӣ ва ҳамроҳнамоии гурӯҳҳои ҳарбии оппозитсионӣ бо неруҳои ҳарбии ҳукуматӣ ва ё сафарбар намудани онҳо ба ҳаёти осоиштаи шаҳрвандии мамлакат ва корҳои мулкӣ;

– бо дарназардошти меъёрҳои минтақавӣ ва аз санҷиши давлатӣ гузаронидани ҳайати шахсии неруҳои мусаллаҳ анҷом додани ислоҳоти сохторҳои қудратии ҳукуматӣ ва аз кор озод намудани шахсони тасодуфӣ, ки онҳо бояд ба ҳаёти шаҳрвандӣ сафарбар гарданд;

– бесилоҳгардонии шаҳрвандони қаторӣ.

Дар банди сеюми ҳуҷҷати мазкур инчунин қайд гардида буд, ки иҷроиши вазифаҳои дар ду самти асосӣ нишондодашуда имкон медиҳад, ки дар мамлакат интихоботи шаффоф, демократӣ ва адолатнок дар зери назорати нозирони байналхалқӣ баргузор гардад. Баргузории интихоботҳо минбаъд бояд дар асоси қонуни нави интихоботӣ ва ё баъди тағйиру иловаҳо ворид намудан ба қонуни интихоботии мавҷуда бояд амалӣ мегардид.[1] Ҳуҷҷати пешниҳодшуда аз ҷониби гурӯҳҳои кории мухолифин ва ҳукумат баррасӣ гардида, ҳукумат онро ба сифати масъалаи асосии гуфтушунидҳои оянда пазируфт. Гурӯҳи кории Иттиҳоди мухолифини тоҷик қисме аз масъалаҳои ҳарбиро пазируфтанд ва дар зербандҳои 1-ум ва 2-юми он тағйиру иловаҳо ворид намуданд. Аммо онҳо зербанди сеюми онро пурра инкор намуданд ва ҳатто баъзе аз фаъолони мухолифин иброз доштанд, ки авфи ҳукуматеро, ки онҳо эътироф наменамоянд, қабул надоранд.[2]

Ҳамин тариқ, марҳилаи дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо дар шаҳри Ашқобод то 19 феврали соли 1996 идома ёфта бошад ҳам, ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар атрофи ҳеҷ яке аз масъалаҳои баррасишуда ба мувофиқаи амиқу дақиқ нарасиданд. Аммо дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо пешниҳодҳои мушаххасеро ироа намуданд, ки онҳо дар Декларатсияи дар Ашқобод қабулшуда дарҷ ёфтанд. Гурӯҳи

[1] Предложения, представленные 6 февраля 1996 г. в Ашхабаде Специальным посланником Генерального секратеря Организации Объедиенных Наций по Таджикистану по блокам политических и военных проблем, зафиксированных в Протоколе от 17 августа 1995 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 22 марта 1996 г.

[2] Ҳамон ҷо.

кории ҳукуматӣ бо пешниҳоди навбатии худ барои ташкил намудани Ҷаласаи махсуси Маҷлиси Олӣ бо иштироки роҳбарияти мухолифини тоҷик, Намояндаи махсуси Котиби генералии СММ ва нозирони давлатҳои иштирокчӣ ва созмонҳои байналхалқӣ ташаббус нишон доданд. Дар ин пешниҳод гуфта мешуд, ки ҷаласаи мазкур се ҳафта баъди анҷомёбии марҳилаи дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо бояд баргузор гардад ва тариқи васоити ахбори омма пахш шавад. Барои гурӯҳи кории Иттиҳоди мухолифини тоҷик ҳукумат бояд амният, имконият ва имтиёзҳои заруриро кафолат медод. Ҳамчунин дар вохӯрии мазкур масъалаи таъсиси Форуми машваратии халқиятҳои Тоҷикистон ва Шӯрои оштии миллӣ низ баррасӣ гардида буд. Аммо бинобар сабаби ихтилофи назарҳо қарорҳои мушаххас қабул нагардид.[1] Ҳамин тариқ, ҳалли ҳамаи масъалаҳои асосӣ ба марҳилаи навбатии даври панҷуми гуфтушунидҳо, ки қарор буд 8-21 июли соли 1996 дар шаҳри Ашқобод баргузор гардад, гузаронида шуд.

Дар ин марҳилаи ҳасос дар самти танзими низои сиёсӣ ва пешгирӣ намудани дар оянда ба вуқуъ омадани ихтилофҳои имконпазир қадами ҷиддие гузошта шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, марказҳои миллии фарҳангӣ, иттифоқҳои эҷодӣ ва илмӣ дар бораи зарурати бастани шартнома оид ба ризоияти ҷамъиятӣ боисрор суханронӣ намуд. 9 марти соли 1996 Шартнома оид ба ризоияти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон ба муҳлати се сол ба имзо расонида шуд. Шартномаи мазкур аз он хотир ҷолиби диққат буд, ки дар ҷараёни ба имзорасии он намояндагони шумораи зиёди ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва миллии Тоҷикистон ширкат варзиданд. Мақсади шартномаи мазкур чунин эълон гардида буд: «Бунёди заминаи мусоид барои ваҳдати миллӣ ва сиёсию ҷамъиятии халқи тоҷик ва дигар халқиятҳои ҳудуди мамалкат дар самти бунёди

---

[1] Ашхабадская декларация по итогам второго этапа межтаджикских переговоров по национальному примирению. Ашхабад, 18 февраля 1996 г. [электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/050/42/pdf/N9605042.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

ҷомеаи озод, кушод ва плюралистӣ дар Тоҷикистон».[1] Барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои мазкур иҷроиши вазифаҳои зерин пешбинӣ гардида буданд:

– расидан ба сулҳи шаҳрвандӣ, ризоияти ҷамъиятӣ ва миллии ҷомеа;

– таъмини афзалиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нисбат ба дигар арзишҳои мавҷуда;

– таъмини волоияти Конститутсия ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ.

Риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои конститутсионӣ, ба хотири амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода нагардидани амалҳои маҷбурнамоӣ меъёрҳои асосии таъмини иҷроиши шартномаи мазкур муаррифӣ гардиданд. Дар ҳуҷҷати мазкур гуфта мешуд, ки танҳо давлат метановад неруҳои ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳ дошта бошад.[2] Мувофиқи шартномаи мазкур ҳамаи ҷонибҳо ӯҳдадор гардиданд, ки меъёрҳои асосии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро риоя намоянд, демократикунонии ҷомеаро тақвият бахшанд, муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳоро дастгирӣ намоянд.

Аммо каме баъдар, моҳи майи соли 1996 мухолифини тоҷик дар ноҳияи Тавилдара боз ба ҳуҷум гузаштанд, ки дар ҷараёни амалиётҳои ҳарбӣ 12 май ноҳияи Тавилдара пурра дар зери итоати онҳо даромад. Инчунин онҳо роҳеро, ки бо ағбаи куҳии Хобуробот мегузашт дар зери назорати худ даровroutанд. Ин роҳ ягона роҳе ба шумор мерафт, ки Бадахшони Кӯҳиро бо минтақаҳои дигари Тоҷикистон мепайваст. Дар посух ба ин амалиёти ҳарбӣ ҳукумат неруҳои худро барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ноҳияҳои Ғарм ва Тоҷикобод ба

---

[1] Договор об общественном согласии в Таджикистане. 9 марта 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/061/54/pdf/N9606154.pdf?Open Element (дата обращения: 22.01.2017)

[2] III. Принципы, на основе которых заключен настоящий Договор // Договор об общественном согласии в Таджикистане. 9 марта 1996 г.

самти ноҳияи Ғарм ва Ҷиргатол сафарбар намуд. 2 июни соли 1996 неруҳои ҳукуматӣ дар ноҳияи Тавилдара ба ҳуҷум оғоз намуданд.[1]

Вазъияти нооромӣ ҷумҳурӣ намояндаи махсуси Котиби генералӣ Г.Мерремро маҷбур намуд, ки аз 7 то 20 майи соли 1996 дар шаҳри Душанбе бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дар шаҳри Теҳрон бо роҳбари мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ гуфтушунид анҷом диҳад. Ӯ дар ин муддат ҳамчунин бо вазирони корҳои хориҷии Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсияи Русия, Туркменистон, Узбекистон ва муовини вазири корҳои хориҷии Эрон оид ба вазъияти Тоҷикистон машваратҳои корӣ анҷом медиҳад. Дар натиҷаи анҷом додани чунин вохӯриҳо ба ӯ имкон даст медиҳад, ки муҳлати иҷроиши талаботи Созишномаи оташбасро то 26 августи соли 1996 дароз намоянд. Ҳамчунин эълон гардид, ки ҷонибҳои бо ҳам муқобил оид ба озод намудани роҳҳо, таъмини рафтуомади бемонеаи шаҳрвандон ва ҳамлу нақли молу амволи ғайриҳарбӣ қарор қабул намуданд. Ҳукумат ӯҳдадории худро нисбат ба таъмини амнияти аъзоёни Комиссияи муштарак иброз намуд ва аз мухолифин ҳифз намудани онҳоро тасдиқ кард.[2]

Марҳилаи сеюми даври панҷуми гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар шаҳри Ашқобод аз 8 то 21 июли соли 1996 баргузор гардид. Ин навбат бинобар сабаби сар задани амалиётҳои ҳарбӣ дар ноҳияи Тавилдара, ки моҳҳои май ва июн ба вуқуъ омада буд, баҳсҳо дар атрофи риоя гардидани талаботи Созишномаи оташбас ва масъалаи дароз намудани муҳлати иҷроиши он сурат гирифт. Ин навбат гурӯҳи кории Ҳукумати Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров ва гурӯҳи кории мухолифинро муовини раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Раванди баргузории гуфтушунидҳоро намояндаи махсуси Котиби генералии СММ Герд Меррем роҳбарӣ менамуд. Дар ин вохӯрӣ ба сифати

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 7 июня 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/142/51/img/N9614251.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Заявление Объединенной таджикской оппозиции о продлении Тегеранского соглашения о временном прекрошении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. 19 мая 1996 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 7 июня 1996 г.

нозирони гуфтушунид намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсияи Русия, Узбекистон ва САҲА ширкат доштанд.[1] Дар натиҷаи гуфтушунидҳо ҷонибҳо имкон пайдо намуданд, ки дар масъалаи тақвияти меъёрҳои созишномаи оташбас ба мувофиқа бирасанд ва 19 июли соли 1996 Изҳороти муштарак оид ба қатъи амалиётҳои ҳарбӣ ва риояи Созишномаи оташбасро ба имзо расониданд. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур, ҷонибҳо ӯҳдадор гардиданд, ки: «амалиётҳои ҳарбӣ ва амалиётҳои дигари душманонаро дар дохили мамлакат ва махсусан дар ноҳияи Тавилдара қатъ намоянд ва ҳамчунин мувофиқи талаботи Созишномаи оташбас дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон низ амалиётҳои ҳарбиро қатъ намоянд».[2] Неруҳои ҳарбии ҳарду ҷониб баъди имзо гардидани гузориши мазкур дар ҳудудҳое, ки қарор доштанд, боз истоданд ва дар бораи шумораи худ ва мавқеи ҷойгиршавии худ ба Нозирони ҳарбии СММ, ки дар ноҳияи Тавилдара қарор доштанд, маълумот пешниҳод менамуданд. Ҳарду ҷониб ӯҳдадор гардонида шуда буданд, ки дар ҳудудҳои дар зери назорати онҳо қарордошта амнияти нозирони ҳарбии СММ-ро таъмин намоянд. Ҳамчунин дар ин вохӯрӣ муҳлати иҷроиши талаботҳои Созишномаи оташбас то 31 декабри соли 1996 дароз карда мешавад.

Гурӯҳҳои корӣ инчунин «Проткол дар бораи амалӣ намудани меъёрҳои гуманитарӣ оид ба иваз намудани асирони ҳарбӣ ва шахсони боздоштшуда»-ро низ ба имзо расониданд. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур қарор буд дар шаҳри Хоруғ то 20 августи соли 1996 мувофиқи рӯйхатҳои пешниҳодшуда марҳила ба марҳила ивазнамоии асирони ҳарбӣ ва шахсони боздоштшуда амалӣ карда мешуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд рӯйхати асирони ҳарбӣ ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик бояд рӯйхати шахсони боздоштшударо

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 17 сентября 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/243/64/img/N9624364.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Совместное заявление о прекрашение боевых действий и соблюдении Тегеранского соглашения, подписанное в Ашхабаде. 19 июля 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/243/64/img/N9624364.pdf?OpenElement (дата обращения: 22.01.2017)

ба якдигар пешниҳод менамуданд.[1] Дар амалӣ намудани ин иқдом Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх ва Комиссияи муштарак нақши хеле фаъол иҷро намудаанд. Зеро онҳо мувофиқи салоҳиятҳои худ метавонистанд бо ҷойҳое, ки шахсони боздоштшуда ва асирони ҳарбӣ нигоҳдорӣ мешуданд, аз наздик шинос шаванд.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар даври панҷуми гуфтушунидҳо ба имзо расиданд, дар самти танзими мусолиҳатомези низои сиёсии байнитоҷикон заминаи хуб фароҳам овард, аммо барои амалӣ намудани ҳамаи талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои мазкур ҷойдошта баъзе аз монеаҳо имкон намедоданд. Масалан, нозирони ҳарбии СММ наметавонистанд дар ҳамаи минтақаҳои даргир ҷойгир шуда, рафти иҷроиши талаботҳоро назорат намоянд. Гузашта аз ин амалиётҳои ҳарбӣ дар ноҳияи Тавилдара ҳанӯз ҳам ба пуррагӣ аз байн бурда нашуда буд. Иваз намудани асирони ҳарбӣ ва шахсони боздоштшуда ба муҳлати номуайян гузаронида шуд. Сабаб дар он буд, ки ҷонибҳо рӯйхати мушаххаси асиронро пешниҳод карда наметавонистанд ва ҳамзамон дар ин давра амалиётҳои ҳарбӣ дар водии Қаротегин ва ноҳияи Ғарм дубора оғоз гардиданд. Дар чунин шароит роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ барои вохӯрӣ омодагии худро иброз намуданд.

Моҳи сентябри соли 1996 дар Афғонистон шаҳри Кобул аз ҷониби ҳаракати Толибон забт карда гирифта мешавад, ки ин воқеа тавозуни қувваҳоро ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба тағйирот дучор намуд. Чунин шакл гирифтани вазъият неруҳои хориҷиро маҷбур намуд, ки дар атрофи амнияти минтақа чораҷӯӣ намоянд. Ин буд, ки онҳо барои суръат бахшидани раванди баргузории гуфтушунидҳо пофишорӣ намуданд. Барои иҷроиши талаботи қарорҳои дар Ашқобод қабулшуда оид ба қатъи амалиётҳои ҳарбӣ бори аввал моҳи сентябри соли 1996 дар ноҳияи Ғарм қумандонҳои саҳроҳии ҳукумат ва мухолифин дар фазои ором вохӯрӣ

---

[1] Протокол об осуществлении гуманитарных мер, касающихся обмена военнопленными и задержанными лицами. Ашхабад, 21 июля 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/243/64/img/N9624364.pdf?OpenElement (дата обращения: 22.01.2017)

баргузор намуда, Протоколи махсус ба имзо мерасонанд. Дар протоколи мазкур чунин ҳолатҳо дарҷ ёфта буданд: аз худуди ноҳияҳои Ҷиргатол ва Тавилдара ҳамаи дидбонгоҳҳои ҳарбии ҳарду ҷонибро берун бароварда, ҳамзамон мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ барқарор карда мешаванд. Аъзоёни Иттиҳоди мухолифини тоҷик метавонистанд дар ноҳияҳои Тоҷикобод, Ғарм ва Ҷиргатол ворид шаванд, аммо бе яроқу силоҳ. Ба таври истисно мувофиқи рӯйхати пешниҳодшуда баъзе қумандонҳои саҳроӣ метавонистанд, ки ҳамроҳи худ ду муҳофизро дошта бошанд. Ҷонибҳо инчунин ӯҳдадор гардиданд, ки рафту омади шаҳрвандон ва воситаҳои нақлиётро тариқи шоҳроҳи Душанбе-Ҷиргатол халалдор насозанд ва амнияти онҳоро кафолат диҳанд.

Қатъи амалиётҳои ҳарбӣ дар водии Қаротегин қариб дуюним моҳ риоя мегардад, аммо баъди ин муддат дар оғози моҳи декабри соли 1996 амалиётҳои ҳарбӣ дубора оғоз мегарданд. Дар вохӯрии шахсии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил, ки 10-11 декабри соли 1996 дар Хосдеҳи Афғонистон баргузор гардида буд, баҳси амалиётҳои ҳарбии Қаротегин масъалаи меҳварӣ ба шумор мерафт. Дар Изҳороти муштараки натиҷаҳои вохӯрӣ ҷонибҳо омодагии худро барои ҳалли як қатор масъалаҳо иброз доштанд: ҳалли масъалаҳои муҳими низои сиёсӣ, танзими мусолиҳатомези низоъҳо, нияти ба имзо расонидани созишнома дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ, эълон намудани оташбас дар муддати баргузории гуфтушунидҳо. Масъалаҳои мазкур дар вохӯрии оянда, ки қарор буд 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав баргузор гардад, бояд баррасӣ мегардиданд.[1] Ҳамчунин дар ин вохӯрӣ «Протокол оид ба танзими вазъияти ҳарбӣ-сиёсии минтақаҳои даргир» низ ба имзо расонида мешавад. Ҳуҷҷати мазкур ҷонибҳоро ӯҳдадор менамуд, ки то замони ба имзо расидани созишномаи умумӣ ҳамаи амалиётҳои ҳарбиро бояд қатъ намоянд.

[1] Совместное заявление президента Республики Таджикистан и руководителя Объединенной таджикской оппозиции. 11 декабря 1996 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 21 января 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/016/23/pdf/N9701623.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

Ба раванди баргузории гуфтушунидҳо вохӯрии навбатии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф таъсири амиқ расониданд. Ин навбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ рӯзи 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав вохӯрӣ баргузор намуданд. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо созишномаи махсус ба имзо расониданд, ки он дар самти расидан ба оштии миллӣ заминаи босазо гузоштааст. Зеро дар ҳуҷҷати мазкур бори аввал муҳлати анҷомёбии гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил таъкид мегардид. Дар созишномаи мазкур гуфта мешуд, ки «гуфтушунидҳои байнитоҷикон ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои дар раванди гуфтушунидҳои қаблӣ ба имзорасида аз рӯзи ба имзо расидани ҳамин созишнома дар давоми 12-18 моҳи оянда бояд пурра анҷом дода шаванд»[1]. Ҳамин тариқ, созишномаи мазкур дар раванди баргузории гуфтушунидҳо бояд марҳилаи сифатан наверо оғоз менамуд. Зеро мувофиқи талаботи созишномаи мазкур дар марҳилаи ниҳоии гуфтушунидҳо чунин чорабиниҳо бояд амалӣ карда мешуданд:

– авфи умумӣ ва бахшидани якдигар дар муносибат ба шахсоне, ки аз соли 1992 то қабули Санад оид ба авфи умумӣ дар муқобилиятҳои ҳарбию сиёсӣ ширкат варзидаанд;

– пурра дар амал татбиқ намудани мубодилаи асирони ҳарбӣ ва маҳбасшудагон;

– аз лаҳзаи ба имзо расидани созишномаи мазкур қатъи оташбас ва амалиётҳои дигари душманона дар давраи баргузории гуфтушунидҳои байнитоҷикон эълон карда шавад.[2]

Яке аз қарорҳои муҳиме, ки дар вохӯрии 23 декабри соли 1996 қабул гардид, қарор дар бораи дар марҳилаи гузариш таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ буд.

Марҳилаи навбатии гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф даври шашуми он ба шумор меравад, ки рӯзҳои 5-19 январи соли 1997

---

[1] Соглашение Президента Республики Таджикистан Э.Ш.Рахмонова и Руководителя Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури по итогам встречи в Москве 23 декабря 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/377/42/pdf/N9637742.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Ҳамон ҷо.

дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд. Ин навбат низ гурӯҳи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров роҳбарӣ менамуд. Гурӯҳи кории Иттиҳоди мухолифини тоҷикро муовини роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Х.А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Дар ин даври гуфтушунидҳо 13 январи соли 1997 протокол оид ба масъалаи гурезагон ба имзо расонида шуд. Мувофиқи талаботи проткоЛи мазкур қарор буд дар муддати 12-18 моҳи оянда раванди ба ватан бар гардонидани гурезагон бояд пурра анҷом дода мешуд. Ӯҳдадориҳои асосии дар амал татбиқ намудани ин ҳадафи олии инсондӯстонаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар дӯш гирифт, ки бояд бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешуд: ба гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ ёрии моддӣ ва гуманитарӣ расонидан; мусоидат намудан барои оғози фаъолияти меҳнатии онҳо, таъмини онҳо бо манзили зист, барқарор намудани тамоми ҳуқуқҳои онҳо ҳамчун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (баргардонидани манзил ва моликияти онҳо, ҳифзи собиқаи бефосилаи онҳо), мувофиқи санадҳои амалкунандаи мамлакат даст кашидан аз амали ба ҷавобгарӣ кашидани гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ барои иштирок дар мухолифатҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ[1]. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо дар бораи ҷоннок намудани фаъолияти Комиссияи кор бо муҳоҷирон қарор қабул намуданд ва Комиссияи мазкурро вазифадор намуданд, ки ба минтақаҳои гурезанишини Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, давлатҳои узви ИДМ ва он ноҳияҳои мамалакат, ки бояд гурезагон ба он ҷо баргардонида мешуданд, дар мувофиқа бо ҷадвали тартибдодашуда сафар намоянд. Ҷонибҳо ҳамчунин ба давлатҳои узви ИДМ муроҷиат намуда, аз онҳо хоҳиш карданд, ки ба гурезаҳои дар қаламрави онҳо ҷойгирбуда иҷозатномаҳои муваққатии буду бош диҳанд.

Дар Изҳороти муштараки ҷонибҳо, ки рӯзи 19 январи соли 1997 ба имзо расид, масъалаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ хеле хуб баррасӣ ва муайян гардида буд. Дар изҳороти мазкур сохтори

[1] Протокол по вопросам беженцев. Тегеран, 13 января 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N97/015/28/pdf/N9701528.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

Комиссияи оштии миллӣ, вазифаҳо ва салоҳиятҳои мушаххаси он ва ҳайати шахсии он 26 нафар муайян карда шуд. Ҳамчунин масъалаи ҳиссаи намояндагӣ дар Комиссияи мазкур ва кафолати амнияти аъзоёни он низ таъкид мегардад.[1] Инчунин дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо оид ба се масъалаи муҳим ба мувофиқа мерасанд:

– оид ба тартиби қабули Санад дар бораи авфи якдигар ва тартиби қабули Қонун дар бораи авфи умумӣ;

– оид ба Комиссияи марказии интихобот ва баргузории райъпурсӣ дар давраи гузариш ва ҳиссаи намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҳайати он;

– оид ба ислоҳоти ҳукумат ва механизми шомил намудани намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Аммо масъалаи иҷозат додани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ба баррасии марҳилаи навбатии гуфтушунидҳо гузаронида шуд, ки қарор буд 26 феврали соли 1997 дар шаҳрҳои Маскав ва ё Теҳрон баргузор шавад.[2]

21 феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳад (Эрон) вохӯрии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф баргузор мешавад, ки дар он ҷонибҳо Низомномаи Комиссияи оштии миллиро қабул менамоянд. Баъди ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур ҷиддияти фаъолияти комиссияи мазкур боз ҳам зиёдтар мегардад.

Даври ҳафтуми гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар шаҳри Маскав баргузор мегардад. Дар ин вохӯрӣ низ намояндагони ҳукуматро Т.Назаров ва мухолифинро Х.А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуданд. Дар раванди гуфтушунид масъалаҳои ҳарбие, ки бо нерӯҳои ҳарбии Иттиҳоди мухолифини тоҷик дахл доштанд ва масъалаи ислоҳоти сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.[3] Дар охири

[1] Совместное заявление делегации Правительства Таджикистана и делегации Объединенной таджикской оппозиции по итогам переговоров в Тегеране с 5 по 19 января 1997 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 21 января 1997 г.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Совместное заявление делегации Правительства Республики Таджикистан и делегации Объединенной таджикской оппозиции по итогам седмого раунда межтаджикских переговоров в Москве с 26 февраля по 8 марта 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-

вохӯрӣ рӯзи 8 марти соли 1997 протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ ба имзо расонида мешавад. Мувофиқи протоколи мазкур, мақомоти асосие, ки раванди бесилоҳгардонӣ ва парокандашавии неруҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва инчунин раванди амалӣ намудани ислоҳоти сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро назорат менамуд, чунин мақомҳо ба шумор мерафтанд: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи оштии миллӣ, Нозирони ҳарбии СММ. Дар амал татбиқ намудани меъёрҳои шартномаи мазкур бар дӯши зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбии Комиссияи оштии миллӣ ва комиссияи марказии аттестатсионӣ, ки баъдтар дар асоси ҳиссаи баробари ҷонибҳо ташкил шуда буд, вогузор карда мешавад.[1] Ҳар ду ҷониб ӯҳдадор гардида буданд, ки ба якдигар дар бораи ҳайати шахсӣ ва вазъияти неруҳои ҳарбии худ маълумот пешниҳод намоянд ва он гурӯҳҳои ҳарбие, ки дар самти иҷроиши талаботи проктоколи мазкур ҳамкорӣ намуданро қабул накарданд, фаъолияташон ғайриқонунӣ дониста шуда, бо роҳи маҷбурнамоӣ бесилоҳ гардонида мешуданд.

Бесилоҳгардонӣ ва пароканданамоии нерӯҳои ҳарбии Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ба ҳаёти осишта сафарбар намудани онҳо бояд дар чаҳор марҳила амалӣ карда мешуд. Дар марҳилаи аввал неруҳои мусаллаҳи мухолифин, аз ҷумла неруҳои дар ҳудуди Афғонистон қарордошта низ дар макони муайяншуда бояд ҷамъ мешуданд ва баъди бақайдгирӣ, ташхиси тибӣ ва супоридани яроқу аслиҳаи худ ба рӯйхати расмӣ ворид карда мешуданд. Ҳамчунин дар ин марҳила ҳамаи пойгоҳҳои ҳарбии дар хориҷи мамлакат қарордоштаи Иттиҳоди мухолифини тоҷик бояд аз байн бурда мешуданд. Дар марҳилаи дуюм роҳбарияти мухолифин аз парокандашавии неруҳои ҳарбии худ хабар дода, баъди ҷамъшавии умумӣ на дертар аз як моҳ онҳо бо неруҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд омезиш дода мешуданд. Дар марҳилаи сеюм комиссияи аттестатсионии муштараки ҷонибҳо ҳайати шахсии неруҳои ҳарбии мухолифинро аз санҷиши

ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/067/39/pdf/N9706739.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[1] I. Общие положения. // Протокол по военным проблемам. Москва, 8 марта 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/067 /39/pdf/N9706739.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

давлатӣ мегузаронад. Се марҳилаи аввал баъди оғози фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бояд дар муддати шаш моҳ анҷом дода мешуд. Дар марҳилаи чорум омезиши пурраи гурӯҳҳои ҳарбии мухолифин бо неруҳои ҳарбии ҳукумат то 1 июли соли 1998 бояд ба анҷом мерасид.[1]

Ислоҳоти неруҳои мусаллаҳи ҳукумат бо роҳи такроран аз санҷиши давлатӣ гузаронидани ҳайати шахсӣ амалӣ карда мешуд. Инчунин дар ин давра аз байн бурдани гурӯҳҳои ҳарбие, ки дар шароити ҷангӣ аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ ташкил шуда буданд, низ амалӣ карда мешавад. Рафти иҷроиши талаботи мазкурро Комиссияи муштараки аттестатсионӣ ва нозирони ҳарбии СММ назорат менамуданд.

Ҳамин тариқ, даври ҳаштуми гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир 9 апрели соли 1997 дар шаҳри Теҳрон оғоз мегардад. Масъалаҳои баррасишаванда дар атрофи ду ҳуҷҷат бояд сурат мегирифт: якум протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва дуюм, протокол оид ба кафолати амалишавии Сошиномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон. Аммо дар рӯзи аввали вохӯрӣ намояндагони мухолифин гуфтушунидро қатъ намуданд. Гурӯҳи кории мухолифин нисбат ба дархости ҳукумати Тоҷикистон аз Федератсияи Русия ва давлатҳои узви ИДМ барои дастгир кардан ва ҳабс намудани 11 намояндаи мухолифини тоҷик, ибрози норозигӣ баён намуданд. Гуфтушунидҳо хеле тезу тунд сурат гирифта, ниҳоят 16 апрел пурра қатъ гардиданд. Бо кӯшишу талошҳои зиёд имкон даст дод, ки даври ҳаштуми гуфтушунидҳоро дар моҳи май оғоз намоянд.

Пеш аз баргузории марҳилаи навбатии даври ҳаштуми гуфтушунидҳо роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф барои анҷом додани вохӯрӣ ба мувофиқа расиданд. Рӯзҳои 16-18 майи соли 1997 дар шаҳри Бишкек вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Абдуллоҳи Нурӣ баргузор мегардад. Дар вохӯрии мазкур онҳо яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими раванди ҳалли мусолиҳатомези низоъро – Протокол оид ба масъалаҳои сиёсиро ба имзо расониданд. Дар ҳуҷҷати мазкур

[1] II. Реинтеграция, разоружение и расформирование вооруженных формирований ОТО. // Протокол по военным проблемам. Москва, 8 марта 1997 г.

меъёрҳои асосии сохтори сиёсии баъдиҷангии мамлакат нишон дода шуда буд. Протоколи мазкур аз чаҳор банд иборат буд, ки ҳар яке аз онҳо ба масъалаҳои алоҳидаи сиёсӣ бахшида шуда буданд. Аз ҷумла, масъалаҳои қабули Санад дар бораи авфи ҷонибҳо, қабули қонун дар бораи авф, ташкили Комиссияи марказии интихобот, ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғ.

Инчунин рӯзи 18 майи соли 1997 дар вохӯрии мазкур Меморандуми муштарак ба имзо расонида мешавад, ки он бо номи Меморандуми Бишкек маълум аст. Дар ҳуҷҷати мазкур ҷонибҳо оид ба масъалаи дар шаҳри Душанбе ҷойгир намудани 460 низомии мухолифин ва 40 нафар низомии мухолифин барои ҳифзи амнияти аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа расиданд. Мувофиқи талаботи Меморандуми Бишкек Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бояд оғоз менамуд[1].

Марҳилаи дуюми даври ҳаштуми гуфтушунидҳо рӯзҳои 22-28 майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ «Протокол дар бораи кафолати амалишавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расонида шуд. Дар ҳуҷҷати мазкур вазифаҳои асосии давлатҳо ва мақомотҳое, ки кафили амалишавии талаботи созишномаи умумӣ мебошанд, муайян мегардад. Пеш аз ҳама, ба сифати кафили амалишавии Созишномаи умумӣ СММ баромад менамуд, ки барои идома додани фаъолияти он ҷонибҳо муроҷиатнома пешниҳод намуданд. Дар самти амалишавии Созишномаи умумӣ СММ бояд кӯмакҳои ташхисӣ ва машваратиро анҷом медод. Тибқи протоколи мазкур, давлатҳои кафили иҷроиши Созишномаи умумӣ ба таври зерин муайян карда мешавад: Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Русия, Туркманистон ва Ҷумҳурии Узбекистон. Инчунин барои анҷом

[1] Бишкекский меморандум, подписанный в Бишкеке 18 мая 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N97/132/49/pdf/N9713249.pdf?Open Element (дата обращения: 20.01.2017)

додани назорат аз рӯи иҷроиши талаботи созишномаҳои қабулгардида баргузор гардидани вохуриҳои пай дар пайи вазирони корҳои хориҷии давлатҳои кафил низ таъкид мегардад. Ғайр аз ин, барои назорати иҷроиши талаботҳо Гурӯҳи иртиботӣ ташкил карда мешавад, ки дар он сафирони давлатҳои кафил, намояндагони махсус, намояндаи махсуси Котиби Генералӣ, роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ва намояндаи Созмони Конфронси Исломӣ ворид мегардиданд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти назоратӣ аз ҷониби намояндаи махсуси Котиби генералии СММ анҷом дода мешуд. Аъзоёни Гурӯҳи иртиботӣ бояд хизматрасониҳои ташхисӣ ва машваратиро амалӣ менамуданд ва ҳамчунин риоя нагардидани бандҳои алоҳидаи Созишномаи умумиро низ муайян намуда, дар бораи роҳҳои бартараф намудани онҳо ба давлатҳои кафил маълумот пешниҳод менамуданд.[1] Протокол оид ба кафолати амалишавии Созишномаи умумӣ яке аз ҳуҷҷатҳои охирине буд, ки дар Протоколи меъёрҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ёддоварӣ мешуд. Протоколи меъёрҳои асосии истиқрори сулҳ ҳанӯз 17 августи соли 1995 ба имзо расида буд. Ҳамин тариқ барои ҷамъбасти марҳилаи тӯлонии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир қариб, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда буд. Танҳо ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ ва як қатор ҳуҷҷатҳои ба он дахлдор зарур дониста мешуду бас.

Ин буд, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав вохӯрии намояндагони ҳукумат бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо роҳбарии Абдуллоҳи Нурӣ баргузор гардид. Дар раванди баргузории ин вохӯрии таърихӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсӣ ба имзо расонида мешавад. Чунончӣ: «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон», «Изҳороти Маскав», «Протокол оид ба ҳусни тафоҳум миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари

---

[1] Протокол о гарантиях осуществления Соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Тегеран, 28 мая 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N97/141/30/pdf/N9714130.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

Иттиҳоди мухолифини тоҷик Абдулоҳи Нурӣ». Аз миёни онҳо Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳуҷҷати асосӣ ва ҷамъбастӣ ба шумор мерафт[1]. Созишномаи мазкур маҷмӯи ҳуҷҷатҳоеро дар бар мегирифт, ки онҳо ба масъалаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шуда буданд ва дар Протоколи меъёрҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки ҳанӯз ду сол қабл 17 августи соли 1995 ба имзо расида буд, ҷой дода шуда буданд.  Дар Созишномаи умумӣ ҳуҷҷатҳои мазкур дар шакли замима ба таври зайл нишон дода шудаанд:

1. Протокол оид ба меъёрҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 17 августи соли 1995 (Замимаи I);

2. Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ аз 18 майи соли 1997 (Замимаи II) ва инчунин ҳуҷҷатҳое, ки ба ин протокол дахл доранд: Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ нисбат ба вохӯрии Маскав аз 23 декабри соли 1996 (Замимаи III); Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» аз 23 декабри соли 1996 (Замимаи IV); Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ аз 21 феврали соли 1997 (Замимаи V); протоколи иловагӣ ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» аз 21 феврали соли 1997 (Замимаи VI).

3. Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ (Замимаи VII);

4. Протокол оид ба масъалаи гурезагон аз 13 январи соли 1997 (Замимаи VIII);

5. Протокол оид ба кафолати амалишавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 28 майи соли 1997 (Замимаи IX).

Ҳамчунин дар вохӯрии мазкур роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф масъалаҳои танзими мусолиҳатомези низоъ ва меъёрҳои мустаҳкам намудани боварии тарафайнро баррасӣ намуда, Протокол

[1] Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Москва, 27 июня 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/183/33/pdf/ N9718333.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

дар бораи якдигарфаҳмии ҷонибҳоро низ қабул менамоянд, ки дар он ба се масъалаи муҳим таваҷҷӯҳ дода мешавад:

– барои баррасӣ ва ба Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни авф ва то 7 июли соли 1997 ба шаҳри Маскав даъват намудани Комиссияи оштии миллӣ.

– барои иҷроиши талаботи Меморандуми Бишкек, ки 18 майи соли 1997 дар муносибат бо масъалаи мубодилаи асирони ҳарбӣ ва ҳабсшудагон ба имзо расонида шудааст, то 15 июли соли 1997 аз ҳар ду ҷониб 50 нафар асирони ҳарбӣ ва ҳабсшудагон, аз ҷумла онҳое, ки баъди моҳи феврали соли 1997 дастгир шудаанд, иваз карда шаванд.

– ҷонибҳо ба таври қатъӣ терроризмро маҳкум намуда, дар самти мубориза бо терроризм иродаи ягона нишон дода, барои аз байн набурдани боварии сиёсии ҷонибҳо бар зидди якдигар истифодаи шудани далелу гумонҳои мавҷударо низ нолозим донистанд.[1]

Хулоса протокол дар бораи якдигарфаҳмии ҷонибҳо нуқтаи ниҳоии ҳуҷҷатҳои то ин дам ба имзорасида мебошад. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки дар раванди баргузории ҳашт даври гуфтушунидҳо ба имзо расиданд, дар танзими мусолиҳатомези низои сиёсии байнитоҷикон нақши хеле калон бозидаанд. Марҳилаи хеле тӯлонии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир ниҳоятан 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба анҷом мерасад.

Ҳамин тавр, раванди баргузории гуфтушунидҳои байнитоҷикон ва сулҳи бадастомадаи ҷомеаи тоҷик намунаи беҳтарини таҷрибаи сулҳофарӣ мебошад. Дар ин раванд на танҳо ҷонибҳои низоъ, балки созмонҳои байналхалқӣ ва як қатор давлатҳои барои мардуми тоҷик дӯсту бародар низ фаъолона ширкат варзиданд ва ба сифати кафили иҷроиши Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон баромад намуданд. Инчунин дар раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир дар ҷанги шаҳрвандии тоҷикон

---

[1] Протокол о взаимопонимании между Президентом Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмоновым и Руководителем Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури. Москва, 27 июня 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/183/33/pdf/N9718333.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ хеле бузург аст. Маҳз бо хираду сиёсати оқилонаи худ дар лаҳзаҳои ҳасос ҷони худро дар хатар гузошта барои фаъол гардонидани раванди гуфтушунидҳо ва зудтар ҳал намудани низои сиёсии мамлакат ҷонбозиҳо намудааст.

# БОБИ II. РАВАНДИ ОШТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН ВА НАҚШИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ

## 2.1. Заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ

Раванди танзими низои сиёсии байнитоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро аз рӯзҳои аввали баргузории гуфтушунидҳо ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар доираи фаъолияти комиссияҳои якҷоя ҳаллу фасл намудани мушкилоти дар мамлакат ҷойдоштаро дар маркази диққат қарор дода буданд. Ташкили комиссияҳои муштарак имкон медод, ки ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар ҳайати онҳо ба таври баробар шомил гардида, масъалаҳои мавҷударо беғаразона ва бо дарназардошти манфиатҳои тарафйн баррасӣ намоянд ва роҳҳои хубтару беҳтари ҳалли онҳоро пайдо созанд. Инчунин таъсиси комиссияҳои муштарак барои ҳалли низои сиёсии байнитоҷикон имкон дода буд, ки дар миёни ҷонибҳои даргир фазои боварӣ ва иродаи сиёсӣ устувортар гардад.

Чуноне ки маълум аст, даври аввали гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ дар зери ҳимояти СММ рӯзҳои 5-19 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав баргузор гардида буд. Намояндагони Ҳукумати Тоҷикистонро вазири онвақтаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш.Зуҳуров роҳбарӣ менамуд. Раиси Кумитаи координатсияи неруҳои демократии Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ О.Латифӣ ба сифати иҷрокунандаи вазифаи роҳбари намояндагони мухолифин баромад менамуд. Баъди анҷоми даври аввали гуфтушунидҳо як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расонида шуданд, ки дар миёни онҳо «Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон» низ дохил мегардид. Ин ҳуҷҷате ба шумор мерафт, ки барои таъсиси аввалин комиссияи ҳалли масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба имзо расида буд. Дар асоси ҳуҷҷати мазкур 19 апрели соли 1994 Комиссияи

муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки ҳайати он ба таври баробар аз намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифин иборат буданд.[1] Таъсиси комиссияи мазкур дар самти ҳалли масъалаҳои мушаххаси сиёсӣ муваффақият ба даст оварда натавонист, аммо бо ин роҳ механизми муҳими ҳамкориҳои ҷонибҳои низоъ бори аввал дар амал татбиқ гардид, ки дар оянда метавонист мавқеъҳои муқобилро бо ҳам наздик созад.

Бояд гуфт, ки марҳилаи навбатии даври дуюми вохӯриҳои ҷонибҳои даргир рӯзҳои 12-17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд. Ин навбат намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини аввали Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Достиев роҳбарӣ менамуд. Намояндагони мухолифини тоҷикро муовини аввали Раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Дар ҷараёни вохӯрӣ мақсади пештар гузошташуда амалӣ мегардад ва дар охири вохӯрӣ «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари хусуматомез дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» ба имзо расонида мешавад. Дар созишномаи мазкур зарурати ташкил намудани Комиссияи муштарак, ки бо миёнаравии СММ бояд иҷроиши шарту шароитҳои сошиномаи оташбасро назорат менамуд, таъкид мегардад.[2] Бояд гуфт, ки комиссияи мазкур дар самти танзими бархӯрдҳои мусаллаҳона саҳми калон гузоштааст ва минбаъд барои дар таркиби Комиссияи оштии миллӣ ташаккул додани зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ заминаи хуб фароҳам овардааст.

Аз 21 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир баргузор мегардад. Дар охири гуфтушунидҳо ҳуҷҷати махсус таҳти унвони «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба амалисозии Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили

[1] Протокол о создании Совместной комиссии по проблемам беженцев и вынужденных переселенцев из Таджикистана от 19 апреля 1994 г. // Доклад Генерального секретаря ООН. 5 мая 1994 г.

[2] Ҳамон ҷо.

мамлакат» ба имзо расонида мешавад. Дар протоколи мазкур тартиби фаъолияти Комиссияи муштарак нишон дода шуда буд, ки дар атрофи таъсиси он 17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон дар вохӯрии машваратӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расида буданд. Мувофиқи талаботҳои ҳуҷҷати мазкур Комиссияи муштарак мақомоти асосие ба шумор мерафт, ки он раванди иҷроиши бандҳои алоҳидаи «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат»-ро бояд назорат менамуд. Комиссияи мазкур ба таври баробар дар ҳайати 10 нафар – 5 нафар аз як ҷониб ва 5 нафар аз ҷониби дигар ташкил шуда буд. Инчунин аз ҳарду ҷониб аз ҳайати панҷнафарӣ як нафар роҳбар интихоб гардида буданд[1]. Таҳқиқу тафтиши ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳои Созишномаи оташбас ба салоҳияти Комиссияи мазкур дохил мегардид, ки дар ҳолатҳои рух додани қоидавайронкунӣ комиссия метавонист аз роҳбарияти ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар бораи воқеаи мазкур иттилооти заруриро талаб намоянд.

Дар банди 4-уми «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак...» вазифаҳои комиссияи мазкур ба таври зерин муайян гардида буданд:

– назорати аз тарафи ҷонибҳои бо ҳам муқобил иҷро гардидани талаботҳои Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат;

– дар асоси иттилооти воқеӣ таҳқиқи ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи Созишномаи мазкур;

– ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик, ба СММ ва намояндагони нозирони гуфтушунидҳои байнитоҷикон пешниҳод намудани роҳҳои бартараф намудани қоидавайронкунӣ ва оқибатҳои риоя накардани талаботи Созишнома.[2]

---

[1] Ҳамон ҷо. II. Состав Совместной комиссии // Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/433/70/pdf/N9443370.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Ҳамон ҷо. IV. Функции Совместной комиссии // Протокол о Совместной комиссии ...

Намояндагони Комиссияи муштарак дар раванди иҷроиши вазифаҳои худ бояд бо созмонҳои байналхалқӣ ҳамкорӣ менамуданд. Пеш аз ҳама, Комиссия бо чунин созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Намояндагии СММ дар Тоҷикистон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Кумитаи байналхалқии салиби сурх бояд ҳамкорӣ менамуданд. Ҳамзамон амният ва дахлнопазирии аъзоёни Комиссия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик кафолат дода мешуд. Базаи моддӣ-техникӣ барои фаъолияти Комиссия аз ҳар ду ҷониб таъмин мегардид. Барои таъмини чунин шароит Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳудуди мамлакат ва мухолифин дар ҳудуди Афғонистон чунин масъулиятро бар дӯш гирифтанд. Созмонҳои байналхалқӣ низ ба Комиссияи мазкур ёрии молиявӣ менамуданд. Аз ҷумла Нерӯҳои дастаҷамъонаи сулҳофари ИДМ, ки он замон дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштанд, фонди ҳадафноки молиявӣ ташкил намуданд. Бинои маъмурии Комиссияи муштарак дар шаҳри Душанбе ҷойгир карда шуда буд. Бояд гуфт, ки Комиссияи муштарак барои риоя намудани талаботҳои «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат дар давраи баргузории гуфтушунидҳо» таъсис дода шуда буд.[1]

Аммо дар самти тақвият пайдо намудани фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Иттиҳоди мухолифни тоҷик С.А.Нурӣ, ки 10-11 декабри соли 1996 баргузор гардида буд, заминаи хуб фароҳам меоварад. Роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил рӯзҳои 10-11 декабри соли 1996 дар Хосдеҳи Афғонистон вохӯрии шахсӣ баргузор менамоянд ва амалиётҳои ҳарбии водии Қаротегинро баррасӣ мекунанд. Дар охири вохӯрӣ Изҳороти муштараки натиҷаҳои вохӯрии ҷонибҳо ба имзо мерасад, ки дар он дар баробари ҳалли як қатро масъалаҳо инчунин ҷонибҳо дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа мерасанд. Чанде пас Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди

[1] Ҳамон ҷо. VII. Место пребывания и срок полномочий Совместной комиссии // Протокол о Совместной комиссии ...

мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ рӯзи 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав вохӯрӣ баргузор намуданд. Яке аз қарорҳои муҳиме, ки дар вохӯрии 23 декабри соли 1996 қабул гардид, қарор дар бораи дар марҳилаи гузариш таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ буд. Дар қарори мазкур гуфта мешуд, ки роҳбари Комиссияи мазкур бояд аз намояндагони мухолифини тоҷик бошад. Аммо ҳайати Комиссия дар марҳилаи навбатии гуфтушунидҳо бояд муайян мегардид, ки қарор буд 5 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардад. Он замон вазифаҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ ба таври зайл муайян карда шуда буд: «расидан ба оштии миллӣ бо роҳи амалисозии созишномаҳои дар раванди гуфтушунидҳо баимзорасида, ташкили фазои боварӣ ва якдигарфаҳмӣ, бо мақсади барқарорсозӣ ва таҳкимбахшии ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба роҳ мондани гуфтугуи нерӯҳои мухталифи сиёсӣ».[1] Иҷроиши талаботи созишномаҳое, ки барои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуда буданд, бояд аз ҷониби Комиссияи мазкур ва мақомотҳои дигаре, ки бо ин мақсад ташкил шуда буданд, назорат карда мешуд; барои бо роҳи осоишта ба ватан баргардонидани гурезаҳо бояд мусоидат менамуд; дар бораи фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма нисбат ба қонунҳои дахлдор тағйиротҳо пешниҳод менамуд. Комиссияи оштии миллӣ якҷо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро бояд ба иҷро мерасониданд, ки онҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳалли масъалаҳои сиёсие, ки бо ташкили мақомоти нави ҳокимият алоқамانданд (омода намудани пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунандаи мамлакат; омода намудан ва барои тасдиқ ба Парлумон пешниҳод намудани лоиҳаи нави қонуни мамлакат оид ба интихоботи Парлумон ва мақомоти маҳаллии ҳокимият ва дар ҳолатҳои зарурӣ қабули қонуни мазкур тариқи баргузор намудани райъпурсии умумихалқӣ; дар давраи гузариш ташкил намудани Комиссияи марказии интихоботӣ;

---

[1] Протокол об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению. Москва, 23 декабря 1996 г.

ислоҳоти ҳукумат – шомил намудани намояндагони мухолифини тоҷик ба сохторҳои ҳокимияти иҷроия бо дарназардошти меъёрҳои минтақавӣ ва таносуби ҷонибҳо; ба баррасии Парлумон пешниҳод намудани рӯзи баргузории интихоботи парлумонӣ бо иштироки нозирони СММ, САҲА ва давлатҳои иштирокчии гуфтушунидҳои байнитоҷикон);

2. Ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ (роҳбарӣ ва назорат намудан ба раванди бесилҳгардонӣ, парокандасозӣ ва ба ҳаёти осоишта сафарбарнамоии гурӯҳҳои ҳарбии мухолифин, гузаронидани корҳои ислоҳотӣ дар сохторҳои қудратӣ ва прокуратура; назорат аз болои мубодилаи асирони ҳарбӣ, маҳкумшудагон, ҳабсшудагон ва шахсоне, ки маҷбурӣ дар ҷойҳои махсус нигоҳдорӣ мешаванд; қабули санад дар бораи авфи якдигар; коркарди Қонун дар бораи авфи умумӣ, ки бояд аз ҷониби Парлумон ва Комиссияи оштии миллӣ қабул мегардид; коркарди механизми табдилдиҳии ҳаракатҳои ҳарбию сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ).[1]

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ӯҳдадор мегардиданд, ки қарорҳои Комиссияи оштии миллиро, ки бо иштироки Президент қабул гардидаанд, иҷро намоянд. Анҷомёбии мӯҳлати фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар ҷаласаи аввалини Парлумони нав ва ба воситаи роҳбарияти мақомоти он муайян карда мешуд.[2]

Ҳамин тариқ, Комиссияи оштии миллӣ бо салоҳияту ваколатҳои зиёди худ бояд ҷанги шаҳрвандиро ба сулҳи шаҳрвандӣ табдил медод, мақомоти нави ҳокимиятро ташкил менамуд, бо риояи меъёри намояндагии баробар, масъалаҳои мушаххаси сохтори баъдиҷангиро ҳал мекард ва аҳолии мамлакатро бояд ба ҳаёти осоишта раҳнамун месохт.

Дар Изҳороти муштараки ҷонибҳо, ки рӯзи 19 январи соли 1997 дар даври шашуми гуфтушунидҳо ба имзо расид, масъалаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ хеле хуб баррасӣ ва муайян гардида буд. Дар изҳороти мазкур сохтори Комиссияи оштии миллӣ, вазифаҳо ва салоҳиятҳои мушаххаси он ва ҳайати шахсии он 26 нафар

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Ҳамон ҷо.

муайян карда шуд. Ҳамчунин масъалаи ҳиссаи намояндагӣ дар Комиссияи мазкур ва кафолати амнияти аъзоёни он низ таъкид мегардад.[1]

21 феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳад (Эрон) вохӯрии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф баргузор мешавад, ки дар он ҷонибҳо Низомномаи Комиссияи оштии миллиро қабул менамоянд. Баъди ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур ҷиддияти фаъолияти комиссияи мазкур боз ҳам зиёдтар мегардад. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо дар бораи салоҳият ва вазифаҳои комиссияи мазкур ёддоварӣ намуда, нақши онро дар самти ба даст овардани оштии миллӣ хеле муҳим муаррифӣ намуданд. Дар ин вохӯрӣ низ масъалаи муҳлати фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бори дигар баррасӣ гардид. Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро баъди ба имзо расидани протоколҳо оид ба масъалаҳои ҳарбию сиёсӣ оғоз намуда, дар ҷаласаи аввалини Парлумони нав ва ба воситаи роҳбарияти мақомоти он анҷоми фаъолияти комиссия муайян карда мешавад.[2]

Ба ҳайати Комиссия ҳиссаи баробари ҷонибҳо шомил гардида буданд ва он аз 26 нафар иборат буд. Раиси Комиссия намояндаи мухолифин ва муовини раис намояндаи ҳукумат ба шумор мерафтанд. Роҳбарият ва аъзоёни Комиссия ба таври доимӣ фаъолият менамуданд ва ба истинои ҳолатҳое, ки дигар уҳдадориҳои худро идома дода наметавонистанд, бояд бозхост намегардиданд.[3] Минбаъд чунин нафарон ба ҳайати Комиссияи оштии миллӣ шомил карда мешавад.

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби ҳукумат:**

1. Алиев Зариф Малахович;
2. Абдуразоков Абдуманнон;

[1] Совместное заявление делегации Правительства Таджикистана и делегации Объединенной таджикской оппозиции по итогам переговоров в Тегеране с 5 по 19 января 1997 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 21 января 1997 г.

[2] I. Общие положения // Положения о Комиссии по национальному примирению. Мешхед, Исламская Республика Иран, 21 февраля 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/052/28/pdf/ N9705228.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[3] II. Состав и процедурные вопросы Комиссии. Там же.

3.Додхудоева Басгул;

4.Достиев Абдумаджид;

5.Зуҳуров Шукурҷон;

6.Масов Раҳим;

7.Олимов Кароматулло;

8.Пулодов Ҳомид;

9.Раҳмонов Тағай;

10.Усмонов Иброҳим Кенҷаевич;

11.Ҳайдаров Хайрулло;

12.Ҳомидов Халифабобо;

13.Шоев Шермаҳмад Тешаевич.

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби Иттиҳоди мухолифини тоҷик:**

1.Сайид Абдулло Нурӣ;

2.Муҳаммадшариф Ҳимматзода;

3.Отахон Латифӣ;

4.Файзиддин Имомов;

5.Абдунабӣ Сатторов;

6.Муҳаммадалӣ Файзмуҳаммад;

7.Қиёмиддин Ғозиев;

8.Ҷума Ниёзов;

9.Мансур Ҷалилзода;

10.Атобек Амирбеков;

11.Каримов Абдураҳим;

12.Сангинов Ҳабиб;

13.Мирзоҳодиев Мирзомуҳаммадӣ.[1]

Аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ мавқеи дахлнопазириро соҳиб буданд ва барои таъмини амнияти онҳо аз ҳисоби намояндагони ҳукумат ва мухолифин дар асоси ҳиссаи баробар дар ҳайати 80 нафар гурӯҳи махсуси ҳарбӣ ташкил карда шуда буд. Мавқеи ҷӣгиршавии Комиссия пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе муайян гардида буд.

---

[1] Комиссияи оштии миллӣ // Вазифаҳо ва салоҳиятҳои он. –Душанбе, 1998. – С.2.

Дар ҳайати Комиссия чаҳор зеркомиссия ташкил карда шуда буд:

– зеркомиссия оид ба масъалаҳои сиёсӣ;

– зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳарбӣ;

– зеркомиссия оид ба масъалаи гурезагон;

– зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

Бояд гуфт, ки дар вохӯрии 27 июни соли 1997, ки дар шаҳри Маскав баргузор гардида буд, Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расонида мешавад. Дар ин вохӯрӣ роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф масъалаҳои танзими мусолиҳатомези низоъ ва меъёрҳои мустаҳкам намудани боварии тарафайнро баррасӣ намуда, Протокол дар бораи якдигарфаҳмии ҷонибҳоро ба имзо мерасонанд, ки дар он дар баробари масъалаҳои алоҳида, инчунин гуфта мешуд, ки Комиссияи оштии миллӣ то 7 июли соли 1997 ба шаҳри Маскав даъват карда шавад.[1]

Ҳамин тариқ, 4 июли соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи ташкили Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расонида мешавад ва он тариқи васоити ахбори омма эълон мегардад. Рӯзҳои 7-11 июли соли 1997 Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро аз шаҳри Маскав оғоз менамояд. Комиссияи оштии миллӣ дар аввалин вохӯрии худ ба масъалаҳои бахшидани якдигар ва авфи умумӣ диққати асосӣ медиҳанд ва ин аст, ки 14 июли соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати махсус дар бораи бахшидани тарафайн тасдиқ мегардад. Лоиҳаи қонуни авфи умумӣ бошад 1 августи соли 1997 дар ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷонибдории аксари аъзоёни парлумон қабул мегардад.

Мувофиқи созишномаҳои пештар қабулгардида, раиси Комиссияи оштии миллӣ ва ҳамзамон роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ рӯзи 9-уми сентябри соли 1997 бояд ба Душанбе меомад. Аммо баъди маслиҳатҳои иловагӣ 11

---

[1] Протокол о взаимопонимании между Президентом Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмоновым и Руководителем Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури. Москва, 27 июня 1997 г.

сентябри соли 1997 муовини раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон муовини раиси Комиссияи оштии миллӣ Достиев А., аъзоёни Комиссия Шоев Ш. ва Усмонов И., намояндагони давлатҳои кафили сулҳи тоҷикон ва пайравони худи С.А.Нурӣ ӯро ба таври расмӣ пешвоз мегиранд.

Бори аввал 15 сентябри соли 1997 дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар сари мизи корӣ нишаста, дар атрофи таъмини сулҳу субот гуфтугӯ анҷом медоданд. Дар нишасти мазкур Комиссияи оштии миллӣ баррасии масъалаҳоеро, ки ба салоҳияти он ворид мегардиданд, оғоз намуд. Албатта, дар навбати аввал ҷонибҳо дар атрофи муайян намудани роҳу воситаҳои дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои то ин дам баимзорасида гуфтугӯ намуда, қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Чи гунае, ки дар боло қайд гардид, КОМ ба чаҳор зеркомиссия тақсим гардида буд. Дар рӯзҳои аввали фаъолияти КОМ зеркомиссияҳо нақшаи кории худро тартиб дода, қариб ҳар рӯз ҷаласаҳои корӣ анҷом медоданд ва аз рафти кори худ натиҷагирӣ менамуданд. Аммо рӯзҳои душанбеи ҳар ҳафта ҳамаи аъзоёни КОМ ҷамъ омада дар назди раис ва муовини раиси КОМ аз натиҷаи фаъолияти зеркомиссияҳо ҳисобот медоданд.

Фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, дар асоси риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» ва созишнома дар боараи авфи ҷонибҳо амалӣ мегардид. Инчунин зеркомиссияи мазкур дар фаъолияти худ ба ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии созмонҳои байналхалқӣ такя менамуданд. Танҳо дар тӯли ду ҳафтаи аввали фаъолияти КОМ зиёда аз 1236 шаҳрванди мамлакат барои кумак ва ёрӣ ба КОМ муроҷиат намуда буданд.[1] Бо мақсади расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҷанги шаҳрвандӣ, ки наздиконашонро аз даст дода буданд ва ё наздикони онҳо беному нишон гардида буданд, КОМ дар доираи фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои ҳуқуқӣ гурӯҳи махсус дар ҳайати 6 нафар ба таври

[1] Саъдуллоев И.И. Роль Комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. – Душанбе, 2006. – 36.

баробар аз ҳисоби аъзоёни ҷонибҳо ташкил менамояд. Раиси комиссияи мазкур О.Латифӣ таъин мегардад. Комиссияи мазкур бояд делоҳои ҷиноиятии шахсонеро дида мебаромаданд, ки онҳо мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» бояд аз маҳбасхонаҳо озод мегардиданд. Комиссияи мазкур дар самти амалӣ намудани талаботи қонуни мазкур фаъолият намуда, то моҳи ноябри соли 1997 аз 700 делои ҷиноии ба рӯйхат вориднамуда, 500-тои онро дида баромаданд. Дар асоси пешниҳоди комиссияи мазкур ҳукумат барои озод намудани 161 нафар маҳбасшудагон розигӣ медиҳад ва то 20 октябр аллакай 78 нафари онҳо озод мегарданд (58 нафар намояндагони мухолифин ва 20 нафар шахсони дигар)[1].

Зеркомиссияи КОМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ 8 октябри соли 1997 мизи мудаввар баргузор менамоянд. Дар раванди баргузории мизи мудаввар намояндагони ҳукумат, ҳуқуқшиносон ва коршиносон, намояндагони СММ, САҲА ва Кмитаи байналхалқии Салиби сурх ширкат меварзанд. Дар ҷаласаи мазкур ҷонибҳо масъалаҳои алоҳидаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсияро баррасӣ менамоянд. Бояд гуфт, ки аъзоёни зеркомиссияи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар тули фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ корҳои хеле зиёдеро анҷом додаанд. Махсусан, онҳо дар самти коркард ва баррасии лоиҳаи қонуни нави ҳизбҳои сиёсӣ, баррасии лоиҳаи конститутсияи нав ва дигар санадҳои меъёрӣ саҳгузорӣ намудаанд.

Фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ бо иҷроиши талаботи асосии «Проткол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ», ки 8 марти соли 1997 дар шаҳри Маскав ба имзо расонида шуда буд, алоқамандӣ дошт. Аммо масъалаҳои реинтегратсия ва аттестатсияи неруҳои ҳарбии Иттиҳоди мухолифни тоҷик дар протоколҳои 17 августи соли 1995, 23 декабри соли 1996 ва 21 феврали соли 1997 баррасӣ гардида буданд. Аз ин рӯ, зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ ҳангоми фаъолияти худ протоколҳои мазкурро низ бояд ба инобат мегирифтанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 1992 то моҳи апрели соли 2000 панҷ маротиба фармон дар бораи ҷамъоварии яроқу аслиҳаи

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 5 ноября 1997 г.

ғайриқонунӣ ва се маротиба дар бораи авфи иштирокчиёни ҷанги шаҳрвандӣ содир шуда буд.[1] Аммо дар самти бесилоҳгардонӣ, ҷамъоварии неруҳои ҳарбии мухолифин ва аз аз аттестатсияи давлатӣ гузаронидани онҳо зеркомиссияи ҳарбӣ нақши хеле калон бозидааст.

Дар самти реинтегратсия ва аттестатсияи неруҳои ҳарбии мухолифин ҳамчунин нозирони ҳарбии СММ, ки бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон омада буданд, низ саҳми беандоза гузоштаанд.[2] Комиссияи оштии миллӣ барои зудтару беҳтар иҷро намудани протоколи масъалаҳои ҳарбӣ дар асоси супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси КОМ Абдулоҳи Нурӣ зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ, Комиссияи муштараки тиббӣ ва Комиссияи муштараки аттестатсионӣ ташкил карда мешавад. Ҳамаи ин комиссияҳо ба таври муштарак амал менамуданд ва роҳбарии онҳоро раиси зеркомиссияи ҳарбӣ Ҳабиб Сангинов (намояндаи мухолифин) бар уҳда дошт. Комиссияҳои мазкур раванди ташхиси тиббии ҷангиён, реинтегратсияи неруҳои мусаллаҳи мухолифин ва парокандасозии онҳоро назорат менамуданд.[3]

Дар тӯли се моҳи аввали фаъолияти КОМ дар самти ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ як қатор муваффақиятҳо ба даст омаданд. Дар моҳи сентябри соли 1997 бақайдгирии ҷангиёни мухолифин, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир буданд, оғоз мегардад ва танҳо дар ноҳияи Тавилдара ва Ғарм зиёда аз 1000 ҷангиёни мухолифин ба қайд гирифта мешаванд. Дар ин муддат инчунин масъалаи ба ватан баргардонидани ҷангиёни мухолифин, ки дар ҳудуди Афғонистон қарор доштанд, низ то як андоза ҳалли худро пайдо менамояд. Дар охири моҳи сентябр Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ҳукумат муроҷиат намуда, барои ба ватан баргардонидани 260 ҷангиёни худ иҷозат мепурсад. Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар муроҷиатномаи

[1] Достиев А. Аз худ натвон гурехтан. – Душанбе, 2001. – С.173.
[2] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Душанбе, 2001. – С.152.
[3] Саъдуллоев И.И. Роль Комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. – Душанбе, 2006. – С.79.

худ аз ҳукумат дархост менамоянд, ки барои ворид гардидани ҷангиёни мухолифин ба Қалъаихумб иҷозат диҳад. Ба ақидаи онҳо, вазъияти сиёсии Афғонистон имкон намедиҳад, ки онҳо сари вақт ба ҷойҳои муайяншуда омада расанд. Аммо бинобар сабаби муташанниҷ гардидани вазъияти Афғонистон ин амал анҷом намепазирад ва ҷангиёни мухолифин то муҳлати муайяншуда ба Қалъаихумб низ омада намерасанд. Зеро 26 сентябр КОМ дар ҷаласаи васеи худ қайд намуда буд, ки гурӯҳҳои мусаллаҳ бояд то 16 ноябри соли 1997 муайян намоянд, ки намояндаи ҳукумат ҳастанд ва ё мухолифин. Дар ҳолати то 16 ноябри соли 1997 муайян нагардидани мавқеи гурӯҳҳои мусаллаҳ фаъолияташон ғайриқонунӣ дониста шуда, ба таври маҷбурӣ беяроқ ва безарар гардонида мешаванд[1]. Аммо ин раванд бо сабабҳои гуногун то анҷоми фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ идома меёбад.

Дар ду марҳилаи аввали фаъолияти худ зеркомиссияи ҳарбӣ зиёда аз 6842 ҷангии неруҳои мусаллаҳи мухолифинро ба қайд мегирад, ки аз онҳо 6079 нафарашон аз ташхиси тиббӣ мегузаранд ва барои ворид гардидан ба сафи қувваҳои мусаллаҳи миллӣ омода мегарданд[2]. То 28 августи соли 1998 зиёда аз 5200 ҷангии Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки аз ташхиси тиббӣ гузашта буданд, садоқати худро ба Ватан исбот намуда, қасам ёд мекунанд ва ба сафи артиши миллӣ ҳамроҳ карда мешаванд.[3]

Дар ин муддат 6764 нафари дигар барои гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ пешниҳо мегарданд. Аз онҳо 4275 нафарашон аз ташхиси тиббӣ гузашта, барои хизмат дар мақомоти қудратӣ тавсия мегарданд. 2430 нафари боқимонда бошад бо хоҳиши худ ва тавсияи Комиссии муштараки аттестатсионӣ ба корҳои шаҳрвандӣ ва мулкӣ мегузаранд.

Ҳамин тариқ, зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ дар самти иҷроиши талаботи протоколи ҳарбӣ хеле кӯшишҳои зиёд намуда, барои расидан ба сулҳи тоҷикон саҳмгузорӣ намудааст. Дар ин раванд

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 5 ноября 1997 г.
[2] Серкова В.В. Власть силы, сила власти. – М., 1996. – С.81.
[3] Ҳамад С. Оштии миллиро бояд ҳифз кард. Душанбе, 1998. –С.31.

ҳам Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик барои амалишавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ ба таври васеъ истифода намуда, онро барои иҷроиши талаботҳои созишномаи мазкур сафарбар намуда буданд.

Зеркомиссияи КОМ оид ба масъалаҳои сиёсӣ бошад вазифаи хеле мураккабро бояд ба анҷом мерасонид. Яъне ба намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик 30% ҳиссаи мансабҳои давлатиро бояд фароҳам меовард. Аммо муайян намудани ҷойҳо ва номзадҳо кори хеле мушкил ба шумор мерафт, ки ин масъала дар семоҳаи аввали фаъолияти КОМ баррасӣ мегардид. Аммо масъалаи дигаре, ки бар уҳдаи зеркомиссияи мазкур вогузор гардида буд, ин дар доираи ҳуҷҷати бахшидани ҷонибҳо рафти озод намудани асирони ҳарбиро бояд таъмин менамуданд. Бо ин мақсад, рӯзҳои 17-19 сентябри соли 1997 зеркомиссияи масъалаҳои сиёсӣ бо иштироки намояндагони СММ ва Неруҳои сулҳофари ИДМ дар ин сат фаъолият намуда, дар ноҳияи Тавилдара ду гурӯҳи асирони ҳарбиро, ки зиёда аз 119 нафарро ташкил менамуданд, аз маҳбасҳои сунъии мухолифин озод намуданд.

Фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои сиёсӣ барои риояи талаботи «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ» равона карда шуда буд. Протоколи мазкур дар вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Абдуллоҳи Нурӣ, ки рӯзҳои 16-18 майи соли 1997 дар шаҳри Бишкек баргузор гардида буд, ба имзо расонида мешавад. Дар ҳуҷҷати мазкур меъёрҳои асосии сохтори сиёсии баъдиҷангии мамлакат нишон дода шуда буд. Протоколи мазкур аз чаҳор банд иборат буд, ки ҳар яке аз онҳо ба масъалаҳои алоҳидаи сиёсӣ бахшида шуда буданд. Аз ҷумла, масъалаҳои қабули Акт дар бораи авфи ҷонибҳо, қабули қонун дар бораи авф, ташкили Комиссияи марказии интихобот, ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғ.

Фаъолияти зеркомиссияи масъалаҳои гурезагон барои иҷроиши талаботи «Протокол оид ба масъалаи гурезагон», ки 13 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон ба имзо расида буд, равона мегардид.

Зеркомиссияи мазкур аз аввалин лаҳзаи фаъолияти худ натиҷаи хуб нишон дода, дар самти ба ватан баргардонидани гурезагон хеле зиёд кӯшиш менамояд. Аммо дар ин самт мушкилиҳои зиёде мавҷуд буданд, ки ҳалли онҳо баъзан аз иродаи аъзоёни зеркомиссияи мазкур вобаста намуд ва ҳатто дар ҳалли онҳо оҷизӣ мекашиданд. Аъзоёни зеркомиссияи мазкур диққати худро бештар ба ҳаёти гурезагоне ҷалб намуданд, ки дар қаламрави Афғонистон қарор доштанд. Онҳо бо дарназардошти вазъияти ноороми Афғонистон кӯшиш менамуданд, ки ҳар чи зудтар гурезагонро ба ватан баргардонанд. 18 октябри соли 1997 ба оғози амалиётҳои ҳарбии ҳаракати Толибон нигоҳ накарда, аз минтақаи Қундузи Афғонистон ҳамаи гурезагон пурра ба ватан баргардонида мешаванд. Аз оғози амалиёти баргардонидани гурезагон, ки ҳанӯз моҳи июл сар шуда буд, то 18 октябр зиёда аз 6700 нафар гурезагон ба ватан баргардонида мешаванд. 26 сентябри соли 1997 Комиссияи оштии миллӣ ба ҳамаи шаҳрвандони мамлакат, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва роҳбарони муассисаҳои давлатию хусусӣ муроҷиат намуда, аз онҳо даъват ба амал меоварад, ки ба гурезагони ба ватан баргардонидашуда ба таври зарурӣ кӯмак расонанд.

Дар охири сентябр ва аввали октябр масъалаи баргардонидани зиёда аз 6000 гурезагони бошишгоҳи Сахӣ, ки дар наздикии Мазори Шариф ҷойгир буд, хеле ташвишовар гардида буд. Зеро дар атрофи маҳаллаи мазкур амалиётҳои ҳарбӣ миёни дастаҳои гуногуни афғон ҷараён мегирифтанд. Ҳато дар як амалиёти ҳарбӣ 4 нафар гурезагон кушта ва 40 нафари дигар маҷруҳ гардида буданд. Чандин маротиба ба дастаҳои ҳарбии афғон оид ба муваққатан қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ва фароҳам овардани имконияти берун овардани гурезагон даъват фиристода мешавад, аммо ин даъватҳо инкор мегарданд. Танҳо баъди ба эътидол омадани вазъият 24 октябри соли 1997 имкони оғози намудани баргардонидани гурезагон пайдо мегардад ва то моҳи декабр ин раванд низ пурра анҷом дода мешавад.

Ҳамаи гурезагоне, ки солҳои 1992-1993 ё қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намудаанд, ё дар дохили мамлакат ҷойи зисти

худро иваз намудаанд, ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: 1) гурезагони сиёсӣ; 2) гурезагони ҳарбӣ; 3) гурезагони маҳаллӣ. Ба гурезагони сиёсӣ, пеш аз ҳама роҳбарон ва аъзоёни фаъоли Ҳизби наҳзати исломӣ, ҳизби демократӣ, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» дохил мегардиданд, ки онҳо намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба шумор мерафтанд. Ба гурезагони ҳарбӣ нафароне дохил мегардиданд, ки онҳо дар амалиётҳои ҳарбӣ ширкат варзида буданд. Ба гурезагони маҳаллӣ мардуми осоишта дохил мегарданд, ки як қисми онҳо тарки Ватан намуда ба ҷумҳуриҳо гуногун рафта буданд ва қисми зиёди онҳо бо мақсади пайдо намудани ҷойи боамн ҷойи зисти худро дар дохили мамлакат иваз намуда буданд[1].

Дар доираи дар амал татбиқ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон СММ кишварҳоеро, ки барои кӯмак расонидан ба Тоҷикистон ва таҳкими сулҳу суботи тоҷикон омода буданд, барои иштирок ба конференсияи байналхалқӣ даъват менамояд. Конференсяи мазкур рӯзҳои 24-25 ноябри соли 1997 дар шаҳри Вена, пойтахти Австрия баргузор мегардад. Дар конфресенсияи мазкур намояндагони 45 давлат, 15 зерсохтори СММ ва 17 созмонҳои дигари минтақавию байналхалқӣ иштирок менамоянд. Гурӯҳи корӣи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ менамуд, ки ба ҳайати он инчунин роҳбари мухолифин С.А.Нурӣ ва намояндагони дигари мухолифин низ шомил буданд. Мақсади баргузории конфересияи мазкур ҷамъомаврии 65 млн. дол. амрикоӣ буд, ки он бояд дар самти амалӣ намудани созишномаҳои қабулгардида лозим шумурда мешуд. Дар охири конференсия ҳамаи пулҳои ҷамъшударо эълон намуданд, ки он зиёда аз 96 млн. дол. амрикоиро ташкил медод. Аммо қисми зиёди онҳо бо мақсади ёрии гуманитарӣ нигаронида шуда буданд ва танҳо 39 млн. дол. он бо ҳадафҳои конференсия мувофиқат менамуданд. Ҳарчанд ҷонибҳо ва ширкатдорони

---

[1] Саъдуллоев И.И. Роль Комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. – Душанбе, 2006. – С.132-133.

конференсия раванди таҳкими сулҳи тоҷиконро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда бошанд ҳам, дар атрофи вазъияти нооромии мамлакат хеле зиёд ҳарф заданд. Зеро дар мамлакат то 16 ноябри соли 1997 шумоpидаи зиёди дастаҳои ҷиноӣ ва ҳарбӣ худро ба таври расмӣ ҳамчун намояндаи ҳукумат ва ё мухолифин муаррифӣ накарданд, ки маҳз онҳо аз ҳамин давра сар карда сарчашмаи нооромиҳо ба шумор мерафтанд.

Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Маҳмадов А.Н., ки баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ шомил гардонида шуда буд, фаъолияти ғайриқонунии гурӯҳҳои яроқдорро хеле хуб тасвир намудааст. Ба андешаи Маҳмадов А.Н., танҳо дар моҳи августи соли 1997 дар самти минтақаи Кофарниҳон 11 гурӯҳи яроқдори ғайриқонунӣ дидбонгоҳҳои сайёр гузошта, мардумро азият медоданд: 1) Гурӯҳи Исматов Қосим (бо тахаллуси мулло Қосим) –Дараи Ромит, деҳаи Яфрак; 2) Гурӯҳи Юнусов Нозим – деҳаи Сайёди Ромит; 3) Гурӯҳи Қрбонов Маҳмадсаид – деҳаи Кӯли Ромит; 4) Гурӯҳи Файз (аз Норак) – деҳаи Кӯли Ромит; 5) Гурӯҳи Қурбоналиев Намоз – колхози ба номи К.Исмоил, ноҳияи Кофарниҳон; 6) Гурӯҳи Латифов Абдулвосеъ – деҳаи Туркободи колхози ба номи К.Исмоили ноҳияи Кофарниҳон; 7) Гурӯҳи Исоев Нурулло – колхози ба номи К.Исмоили ноҳияи Кофарниҳон; 8) Гурӯҳи Шарифов Зариф – деҳаҳои Оби-Нуқра ва Майдон; 9) Гурӯҳи Фатҳулло (Эшони дароз) – деҳаи Кӯпрукбошии ноҳияи Кофарниҳон; 10) Гурӯҳи Муллоев Маҳмадулло – деҳаи Мағови ноҳияи Кофарниҳон; 11) Гурӯҳи Раҳимов Абдулло (мулло Абдулло) – деҳаи Чорсада, Ҷавонӣ, шаҳраки Файзобод ва Комсомолобод. Ба замми ин дарвақти омадани гурӯҳи Ризвон Садиров дар деҳаҳои Сангтӯда, Тезгари Поён, Тезгари Боло, Таги Адири ноҳияи Ленин, деҳаҳои Камонгарони узбак ва Камонгарони тоҷик, Чинор, Муғулон, колхози Телман, совхози Гулистон, шаҳраки Нефтянник ва Кирпичнийи ноҳияи Кофарниҳон, деҳаи Харангони Боло ва ноҳияи Варзоб дидбонгоҳҳои махсус мегузаштанд. Гурӯҳи Сангинов Раҳмон (бо тахаллуси Раҳмон Гитлер) ва Муаккалов Мансур, ки макони

ҷойгиршавиашон Теппаи Самарқандӣ ва Роҳатии ноҳияи Ленин буд, пай дар пай дидбонгоҳҳои ғайриқонунӣ мегузоштанд.[1]

Воқеаи дигаре, ки бо амалҳои ҷиноии дастаҳои силоҳбадаст алоқамандӣ дорад, 18 ноябри соли 1997 ба вуқуъ омада буд. Рӯзи 18 ноябр ду нафар шаҳрвандони Фаронса, ки ба кумаки гуманитарӣ сафарбар гардида буданд, аз хонаҳои истиқоматии худ дар шаҳри Душанбе аз ҷониби дастаи ҷиноии Ризвон Садиров рабуда мешаванд. Баъди чанд рӯз бар ивази ҷони асирони фаронсавӣ озод намудани бародари Ризвон Садиров – Баҳром Садировро талаб менамоянд, ки ӯ аз ҷониби ҳукумат барои иштирок дар дастаҳои ҷиноӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда буд. 30 ноябри соли 1997 дар натиҷаи гузаронидани амалиёти бесилоҳгардонӣ ва дар пайи тирпаронӣ Ризвон Садиров ба ҳалокат мерасад ва чанде аз аъзоёни дастаи ҷиноии ӯ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Баъди безарар гардонидани ин дастаи ҷиноӣ маълум мегардад, ки онҳо шумораи зиёди одамонро гаравгон гирифта, дар ҷойҳои гуногун нигоҳдорӣ менамудаанд. Дар ин муддат аз ҷониби дастаҳои ҷиноӣ гаравгонгирии намояндагони созмонҳои байналхалқӣ тез-тез ба амал меомад. Бинобар ин, зиёда аз 70% намояндагони хориҷӣ, ки барои расонидани кӯмакҳои гуманитарӣ омада буданд, ба шимоли мамлакат кучонида мешаванд. Як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ фаъолияти худро муваққатан қатъ намуданд[2].

Дар ибтидои соли 1998, аниқтараш моҳи феврал раванди таҳкими сулҳи тоҷикон каме мустаҳкамтар мегардад. Зеро дар ин самт муваффақиятҳои навбатӣ ба даст оварда мешаванд. 12 феврали соли 1998 5 нафар аъзоёни Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба мансабҳои давлатӣ таъмин мегарданд. 27 феврал бошад муовини раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода ба аз Эрон барои зисти доимӣ ба Тоҷикистон баргашта, 10 март муовини раиси ҳукумат таъин мегардад. Инчунин 20 апрели соли 1998 раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[1] Ниг.: Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. С.125-126.

[2] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 10 февраля 1998 г.

рӯйхати 8 нафар намояндагони худро, ки бояд ба мансабҳои давлатӣ таъин мегардиданд, пешниҳод менамояд.

Моҳи майи соли 1998 баъди қабули ду қарори сиёсӣ, вазъият дар самти таҳкими сулҳу субот дубора муташанниҷ мегардад. Рӯзи 21 майи соли 1998 Парлумони Тоҷикистон номзадии ду намояндаи волмақоми мухолифин А.Тураҷонзода ва Д.Усмонро барои расидан ба мансабҳои болотари давлатӣ рад менамоянд. Баъди чунин вазъият Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки номзадии ҳардуи онҳо дар ҷаласаи навбатии парлумон такроран пешниҳод карда мешавад. Аммо аз сабаби маълум набудани санаи баргузории ҷаласаи навбатии парлумон, онҳо вазифаҳои бар уҳдадоштаи худро бояд иҷро менамуданд. Рӯзи 23 май бошад парлумони Тоҷикистон дар лоиҳаи қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ тағйирот менамоянд, ки он пештар дар ҷаласаи Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа расонида шуда буд. Моҳияти тағйироти мазкур аз он иборат буд, ки қонуни мазкур фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дорои характери диниро дар қаламрави мамлакат иҷозат намедод. Аммо чунин меъёр ба мухолифин имкон намедод, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат ширкат варзад. Чунин амал метавонист яке аз талаботҳои асосии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро вайрон созад. Баъди қабули қарори мазкур вазъияти сиёсӣ каме муташанниҷ мегардад. Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ ва муовини ӯ А.Тураҷонзода ба унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нома ирсол намуда, дар он иброз медоранд, ки қарори мазкур бо талаботи Созишномаи умумӣ мувофиқат наменамояд.

Бо мақсади ҳалли масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ рӯзи 2 июни соли 1998 вохӯрӣ баргузор менамоянд ва дар ин нишаст комиссияи махсус дар ҳайати 12 нафар аз ҳисоби намояндагони ҳукумат, аъзони КОМ ва аъзоёни парлумон таъсис дода мешавад. Комиссияи мазкур вазифадор мегардад, ки моддаҳои баҳсбарангези лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ намуда, то 22 июни

соли 1998 пешниҳодҳои худро ба ҳукумат ирсол намоянд. 18 июн комиссияи мазкур пешниҳод менамояд, ки дар лоиҳаи қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дорои характери динидошта иҷозат дода шавад. Президенти мамлакат баъди гирифтани лоиҳаи нави қонуни мазкур, онро барои тасдиқи такрорӣ ба парлумон равона месозад.[1]

Бояд гуфт, ки то моҳи сентябри соли 1998 барои иҷроиши яке аз талаботҳои Созишномаи умумӣ аз ҳисоби 30% ҳиссаи мансабҳои давлатӣ, ки 33 мансаб барои намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ҷудо гардида буд, 17 нафари онҳо ба вазифаҳои пурмасъул таъин карда мешаванд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода муовини аввали сарвазир ва Зокирҷон Вазиров муовини дигари сарвазир таъин мегарданд. Ҳамчунин Шодӣ Кабиров вазири хоҷагии қишлоқ, Мирзохуҷа Низомов раиси Кумитаи гумрук, Мирзо Зиёев раиси Кмитаи ҳолатҳои фавқуллода, Махмадрӯзӣ Искандаров раиси «Тоҷиккомунсервис», Зайд Саидов раиси Кмитаи давлатии саноат, Сарабек Муродов раиси Кумитаи коркарди тилло ва сангҳои қимматноки назди Ҳукумат, Саломшо Муҳабатов раиси Кумитаи коркарди нафту гази назди ҳукумат, Ҳабиб Сангинов муовини аввали вазири корҳои дохилӣ, Ғайрат Адҳамов муовини аввали вазири мудофиа ва Эмомади Мирзоев раиси «Амонатбонк» таъин мегарданд. Ҳамчунин муовинони вазирони фарҳанг, алоқа, экология, нақлиёт, геология низ аз ҳисоби намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик таъин мегарданд. Ғайр аз ин роҳбарии як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакатро низ бар ӯҳдаи намояндагони мухолифин вогузор менамоянд. Аз ҷумла, ноҳияи Кофарниҳон - Исмоил Гулов, шаҳри Норак - Бобомурод Саидов, ноҳияи Тавилдара - Мирали Олимов, Табошар - Рустам Қаландаров, ноҳияи Панҷ - С.Бегиҷонов, ноҳияи Ванҷ - А.Эмомов, ноҳияи Қумсангир - Файзиддин Эмомов таъин мегарданд.[2]

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 13 августа 1998 г.
[2] Ҳасанов У. Сулҳ иродаи халқ. Душанбе: Шарқи озод, 2001. – С.47.

Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва раванди таҳкими сулҳи тоҷикон дар охири моҳи сентябри соли 1998 бори дигар ба буҳрон дучор мегардад. Рӯзи 22 сентябри ҳамон сол яке аз фаъолони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ҳамзамон аъзои Комиссияи оштии миллӣ Отахон Латифӣ дар наздикии хонаи истиқоматии худ аз ҷониби шахси номаълум ба ҳалокат расонида мешавад. Куштори яке аз аъзоёни Комиссияи оштии миллиро Котиби генаралии СММ маҳкум намуд. Ҷонибҳо барои сар садани чунин воқеа якдигарро гунаҳкор менамуданд. 25 сентябр Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар куштори О.Латифӣ худро бегуноҳ муаррифӣ намуда, иброз доштанд, ки то лаҳзае, ки қотили О.Латифӣ пайдо нагардад ва то даме, ки ҳукумат амнияти аъзоёни Иттиҳоди мухолифинро кафолат надиҳад, онҳо фаъолияти худро чӣ дар Комиссияи оштии миллӣ ва чӣ дар ҳукумат идома намедиҳанд.

Рӯзҳои 26-ум ва 28-уми сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси Комиссияи оштии миллӣ барои рафъи вазъияти бамаломада вохӯрӣ баргузор намуданд. Дар вохӯрии дуюм, ки рӯзи 28-уми сентябр баргузор гардида буд, инчунин намояндагони фаъоли Иттиҳоди мухолифини тоҷик низ ширкат варзида буданд. Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо барои рафъи буҳрони бамаломада ва идома додани иҷроиши талаботи Созишномаи умумӣ дар атрофи 10 масъала ба мувофиқа расиданд:

1.Мустаҳкам намудани амнияти намояндагони мухолифин дар Комиссияи оштии миллӣ ва дар ҳукумат;

2.Барои назорат намудани раванди тафтиши қазияи куштори О.Латифӣ таъсис додани комиссияи якҷоя дар ҳайати намояндагони ҳукумат ва мухолифин;

3.Аз ҳисоби ҳамроҳ намудани намояндагони мухолифин ба ҳукумат суръат бахшидани раванди ислоҳот;

4. Бо мақсади мубориза бурдан бо амалҳои ҷиноятӣ ташкил намудани гурӯҳи махсуси якҷоя ва таъмини низоми қатъӣ дар қисмҳои низомӣ;

5.Хубтару беҳтар ба роҳ мондани раванди амалишавии ду марҳилаи аввали протоколи масъалаҳои ҳарбӣ;

6.Дар амал татбиқ намудани талаботи Қонуни авфи умумӣ;

7.Бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ҷоннок намудани раванди оштии миллӣ ва сулҳу субот;

8.Марҳила ба марҳила баргузор намудани вохӯрии президент бо Комиссияи оштии миллӣ;

9.Беҳтар намудани таъминоти моддию техникии Комиссияи оштии миллӣ;

10.Бо иштироки арбобони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ баргузор намудани вохӯрӣ ва семинарҳо оид ба амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ.[1]

Баъди оне, ки ҷонибҳо дар атрофи масъалаҳои мазкур ба мувофиқа расиданд, Иттиҳоди мухолифини тоҷик рӯзи 29 сентябр фаъолияти худро дар Комиссияи оштии миллӣ ва ҳукумат идома дод.

13 ноябри соли 1998 Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии худ лоиҳаи қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсиро тасдиқ намуд. Инчунин рӯйхати номзадҳоеро, ки Иттиҳоди мухолифин барои ворид намудан ба ҳайати ҳукумат барои тасдиқ пешниҳод намуда буд, низ парлумон тасдиқ кард. Моҳи ноябри соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади санҷиши рафти иҷроиши ду марҳилаи аввали протоколи масъалаҳои ҳарбӣ гурӯҳи кории якҷоя ташкил менамояд. Гурӯҳи корӣ рӯзи 23 ноябр дар ҷаласаи васеи Комиссияи оштии миллӣ хулосаҳои худро оиди масъалаи мазкур иброз медоранд. Роҳбари мухолифин ва ҳамзамон раиси КОМ С.А.Нурӣ дар ин ҷаласа иброз медорад, ки иҷроиши талаботи ду марҳилаи аввали протоколи масъалаҳои ҳарбӣ анҷомёта ба шумор намераванд. Зеро як гурӯҳ ҷангиёни мухолифин ҳанӯз ҳам дар макони муайяншуда ҷамъ наомадаанд ва ҳамчунин ҳанӯз ҳам шумораи яроқу аслиҳа ҷамъоваришуда хеле кам мебошанд. 25 декабри соли 1998 С.А.Нурӣ ба таври расмӣ эълон менамояд, ки ҳамаи намояндагони мухолифин аз ҳудуди Афғонистон ба

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 3 ноября 1998 г.

Тоҷикистон баргардонида шудаанд ва ҳамаи пойгоҳҳои ҷангии онҳо пурра аз байн бурда шудаанд. 28 декабр бошад дар изҳороти худ баён менамояд, ки Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар мувофиқа бо талаботи Созишномаи умумӣ дар оғози соли 1999 неруҳои мусаллаҳи худро пурра пароканда менамояд ва бо роҳ мамнуияти фаъолияти ҳизби сиёсии худро аз байн мебардорад. Баъд аз ин дар мувофиқа бо талаботи протоколи масъалаҳои ҳарбӣ гурӯҳҳои низомӣ ва силоҳдоре, ки талаботи протоколи мазкурро иҷро наменамуданд, гурӯҳҳои ғайриқонунӣ эълон гардида, ба таври маҷбурӣ бесилоҳ гардонида мешуданд. 28 ноябри соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи ислоҳоти ҳукумат ва дар доираи ҳиссаи 30% мухолифин дар ҳукумат шаш ҷойи дигарро дар мансабҳои муовинони вазир ба Иттиҳоди мухолифини тоҷик пешниҳод менамояд. Аммо танҳо 27 январи соли 1999 рӯйхати Иттиҳоди мухолифини тоҷик барои ишғоли мансабҳои навбатӣ пешниҳод мегардад. Сабаби дер пешниҳод гардидани рӯйхати мазкур дар он буд, ки дар ин давра дар мамлакат як қатор амалҳои ғайриқонунии гурӯҳҳои силоҳбадаст ба мушоҳида мерасид.

5 январи соли 1999 Комиссияи оштии миллӣ дар бораи иҷроиши талаботи протколи масъалаҳои ҳарбӣ қатъномаи расмӣ қабул менамояд. Дар қатъномаи мазкур куфта мешуд, ки Иттиҳоди мухолифини тоҷик талаботи протоколи масъалаҳои ҳарбиро ба таври пурра иҷро карда натавонист. Ҳамзамон дар қатъномаи мазкур ба ҳамаи ҷангиёни мухолифин муроҷиат карда мешавад, ки онҳо ба минтақаҳои муайянгардида ҳозир шаванд ва яроқу аслиҳаи худро супоранд. Инчунин дар ҳуҷҷати мазкур таъкид мегардад, ки буду боши ҷангиёни мухолифин, ки бо худ силу аслиҳа нигоҳ медоранд, зери назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби КОМ қабул гардидани чунин қатънома ба он хотир буд, ки дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои даргири мамлакат ҳанӯз ҳам ҷангиёни мухолифин яроқу аслиҳаи худро насупорида буданд ва супоридан ҳам намехостанд. Аммо бо суръати суст амалӣ гардидани раванди бесилоҳгардонии онҳо барои амнияти

ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ ба шумор мерафт. Аллакай ҷангиёни мухолифин дар ин давра ба даҳҳо гурӯҳҳои хурду бузург тақсим шуда, дигар ҳатто ба роҳбари Иттиҳоди мухолифин низ итоат кардан намехостанд. Ин буд, ки аз ҷониби онҳо чӣ дар пойтахти мамлакат ва чӣ дар минтақаҳои дигари кишвар амалҳои ҷиноятӣ сар мезад. Масалан, рӯзи 30 декабри соли 1998 ду гурӯҳи мухолифин дар назди бинои Комиссияи оштии миллӣ тирпаронӣ намуда, панҷ нафарро ба ҳалокат расонида, шаш нафари дигарро ярадор менамоянд. Дар баробари ҳукумат ва созмонҳои байналхалқӣ, инчунин роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ низ ин амали ҷиноятиро маҳкум намуда, ба оҳистагӣ анҷом пазируфтани раванди якҷоякунии неруҳои мухолифин бо неруҳои ҳукуматиро нигаронкунанда муаррифӣ менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар оғози соли 1999 дар изҳороти расмии худ масъалаи дар соли 1999 баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба тағйиру иловаҳо ворид намудан ба конститутсия, инчунин дар ин сол баргузор намудани интихоботи президентӣ ва парлумониро баён медорад. Бо ин мақсад ва ҳамчунин бо мақсади суръат бахшидан ба раванди таъмини сулҳи тоҷикон 2 марти соли 1999 Эмомалӣ Раҳмон ва аъзоёни ҳукумат бо роҳбарияти Комиссияи оштии миллӣ ва Гурӯҳи нозирон вохӯрӣ баргузор менамояд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни ҳукумат ва Комиссияи оштии миллӣ як қатор амру супоришҳо медиҳад, ки онҳо аз чунин бандҳо иборат буданд:

– то 12 марти соли 1999 дар муносибат бо 90 делои ҷиноии боқимонда дар амал татбиқ намудани қонуни авфи умумӣ;

– ба дафтардории президент пешниҳод намудани рӯйхати ҳамаи ҷангиёни Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки ба қайд гирифта шудаанд, аммо то ҳанӯз нисбати онҳо авф эълон нагардидааст;

– зудтар анҷом додани пешбарии 13 намояндаи боқимондаи Иттиҳоди мухолифини тоҷик барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда ва аз ҷониби С.А.Нурӣ масъулиятҳои онҳо бори дигар санҷида баромада шавад;

– шурӯъ аз 13 марти соли 1999 масъалаи ворид намудани намояндагони мухолифин ба сохторҳои давлатии минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад;

– дар доираи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ раванди баррасии тағйиру иловаҳо ба конститутсия суръат бахшида шавад;

– аъзоён ва пайравони Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар мансабҳои пештараашон барқарор карда шаванд;

– 44 аъзои Иттиҳоди мухолифин дар мансабҳои пештараашон, ки дар сохторҳои қудратӣ ишғол намуда буданд, барқарор карда шаванд;

– раванди барқарор намудани хонаҳои истиқоматие, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ зароб гардида буданд, суръат бахшида шавад;

– то 12 март раванди аз санҷиши давлатӣ гузаронидани намояндагони мухолифини тоҷик дар ноҳияҳои Ғарм, Тоҷикобод ва Ҷиргатол анҷом дода шавад;

– масъалаи ба мансаби муовини вазири мудофиа таъин намудани фармондеҳи мухолифин Мирзо Зиёев дар миёни президент ва С.А.Нурӣ баррасӣ карда шавад.

Президенти мамлакат дар ҷаласаи мазкур ҳамаи иштирокдоронро вазифадор менамояд, ки то 12 марти соли 1999 оид ба иҷроиши масъалаҳои зикргардида маърӯзаи муфассал пешниҳод намоянд.

Комиссияи оштии миллӣ 26 марти соли 1999 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсияро пешниҳод менамояд, ки дар он аъзоёни Комиссия дар атрофи як қатор масъалаҳо ба мувофиқа расида буданд.

Баъди оне, ки дар вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон ва С.А.Нӯрӣ «Протокол дар бораи кафолатҳои сиёсӣ дар давраи омодагӣ ва баргузории интихоботи парлумонӣ» ба имзо расонида мешавад ва баъди баргузории интихоботи президентӣ, ки пеш аз баргузории он Иттиҳоди мухолифини тоҷик бойкот эълон намуда буданд, 8-уми ноябри соли 1999 онҳо фаъолияти худро дар кори Комиссияи оштии

миллӣ идома медиҳанд. Комиссияи оштии миллӣ яку якбора кори худро аз баррасии лоиҳаи Қонун «Дар бораи интихобот» оғоз менамоянд. Ду масъалаи баҳсноке, ки ҷонибҳоро хеле азиат медод, шумораи курсиҳои парлумонӣ дар палатаи поёнии парлумон ва муҳлати баргузории интихоботи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ба шумор мерафт, ки ба ҳайати палатаи болоии парлумон мухолифат менамуд. Масъалаи мазкур бо иштироки созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла САҲА ва СММ, ва инчунин давлатҳои кафили сулҳи тоҷикон ҳаллу фасл мегарданд.

3 декабри соли 1999 Эмомалӣ Раҳмон ва С.А.Нурӣ дар доираи масъалаҳои лоиҳаи нави қонуни интихоботӣ ба мувофиқа мерасанд. Муайян мегардад, ки ҳайати Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ) 63 курсӣ ва ба ҳайати Маҷлиси миллӣ (палатаи болоӣ) 63 курсӣ ҷудо карда мешавад. Онҳо инчунин дар масъалаи муҳлати баргузории интихоботи мақомоти маҳалли ҳокимият давлатӣ ба мувофиқа мерасанд ва дар бораи дар як рӯз баргузор намудани интихоботи Маҷлиси миллӣ бо мақомоти маҳаллӣ розигӣ медиҳанд. 10 декабр бошад Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» қабул мегардад.

10 декабри соли 1999 баъди баррасиҳои тӯлонӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» бо таҳрири нав аз ҷониби парлумон қабул карда мешавад. Мувофиқи қонуни нав дар интихоботи парлумонии навбатӣ, ки қарор буд 27 феврали соли 2000 баргузор гардад, 63 ҷой барои палатаи поёнии парлумон ҷудо карда мешуд. Ниҳоятан 27 феврали соли 2000 интихоботи парлумонӣ барои интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагон шуда мегузарад. Бақайдгирии номзадҳо 6 феврал ба анҷом мерасад ва мувофиқи ахбороти Комиссияи марказии интихобот 331 номзад ба қайд гирифта шуда, онҳо барои 63 курсии парлумонӣ мубориза мебаранд. Яъне панҷ нафар барои як ҷой. Дар рӯзи баргузории интихоботи парлумонӣ ҳеҷ воқеае рух намедиҳад ва ин маъракаи сиёсӣ дар фазои ором баргузор мегардад.

1 марти соли 2000 Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ натиҷаҳои интихоботро эълон менамояд. Бинобар маълумоти Комиссияи марказии интихобот, дар интихобот 93,23% овоздиҳандагон ширкат меварзанд. Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон 33 ҷой, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 7 ҷой, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон 2 ҷойро соҳиб мегарданд. Номзадҳое, ки мустақилона худро пешбарӣ намуда буданд, дар ҳашт ҳавзаи интихоботӣ ғолиб меоянд, аммо натиҷаи ду ҳавзаи онро бинобар сабаби роҳ додан ба қоидавайронкунӣ аз эътибор соқит менамоянд. Дар 13 ҳавзаи интихоботии боқимонда ҳеҷ як номзад аксарияти овозҳоро соҳиб шуда наметавонанд, ки дар натиҷа дар ҳавзаҳои мазкур 12 март баргузории даври дуюми интихоб таъин мегардад. Дар даври дуюми интихобот Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон 7 ҷойи дигарро соҳиб мегардад. Ҳамин тариқ, Ҳизби сотсиалистӣ, Ҳизби демократӣ ва Ҳизби адолатхоҳ натавонистанд, ки 5% овозҳоро соҳиб шаванд ва аз ин рӯ, онҳо дар парлумони навтаъсис ҳеҷ ҷойро соҳиб нагардиданд.

23 марти соли 2000 интихоботи Маҷлиси миллӣ баргузор мегардад ва мувофиқи конститутсия 25 нафар узви палатаи болоии парлумон аз ҷониби маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб мегарданд.

26 марти соли 2000 роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ҳамзамон раиси Комиссияи оштии миллӣ дар ҳузури хабарнигорон, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои кафили сулҳ охирин ҷаласаи Комиссияи оштии миллиро баргузор намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров намояндагӣ менамуд. Дар ҷаласаи мазкур рафти иҷроиши талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда мешавад. Ҷонибҳо эътироф менамоянд, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз масъалаҳои дар Созишнома нишондодашуда ҳалли худро пайдо накрадаанд ва аз ин рӯ, минбаъд мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли онҳо бояд чораҷӯӣ намоянд. Ҳамин тариқ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1 апрели соли 2000 фаъолияти

Комиссияи оштии миллӣ қатъ карда шуда, ҳайати он пароканда карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо кӯшишу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сардори мухолифини тоҷик А.Нурӣ комиссияҳои муштарак оид ба паноҳандагон, муҳоҷирони маҷбурӣ ва дигар комиссияҳои фаврии оштии миллӣ созмон дода шуд. Комиссияҳои мазкур зарурияти таъсис додани чунин гурӯҳҳои кориро дарк намуда, раванди таъмини оштии миллиро то ҷое таъмин намуда тавонистанд.

## 2.2. Нақши ИДМ ва созмонҳои байналмиллалӣ дар ноил гардидан ба оштии миллии тоҷикон

Ба андешаи як қатор сиёсатшиносон ва таҳлилгарони соҳаи низоъшиносӣ, низои сиёсии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва пурпечидаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид миёни ҷонибҳои низоъ дар шароитҳои душвори сиёсӣ ва буҳронӣ ба амал омадаанд, ки чунин ҳолат аз мураккабии он дарак медиҳад. Дар самти ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва ташкили оштии миллии тоҷикон дар баробари як қатор омилҳои дохилӣ, инчунин фаъолияти намояндагони расмии созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ низ хеле назаррас мебошад.

Бояд гуфт, ки баъди фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ моҳи декабри соли 1991 дар шаҳри Алма-Ато ба истисноси Латвия, Литва, Эстония ва Гурҷистон 11 давлати тозаистиқлоли аъзоёни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Эъломияи таъсис додани Иттиҳоди давлатҳои мустақилро (ИДМ) қабул менамоянд, ки дар он ҳадафҳо ва меъёрҳои фаъолияти ин созмонро барои солҳои оянда муайян месозанд.[1] Дар ибтидои соли 1992 давлатҳои узви ИДМ бо дарназардошти вазъияти сиёсии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор созишномаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул менамоянд. Аз ҷумла, 20 марти соли 1992 дар шаҳри Киев Созишнома дар бораи Гурӯҳи нозирони ҳарбӣ ва Нерӯҳои дастаҷамъӣ оид ба таъмини сулҳ дар

[1] Ниг.: Содружества Независимых Государств [электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki. Дата обращения: 25.10.2016 г.

ИДМ, 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошкент Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, 24 сентябри соли 1992 Созишнома дар бораи нерӯҳои дастаҷамъӣ оид ба таъмини сулҳ қабул менамоянд.

Аммо муваффақиятҳои асосии ИДМ дар вохӯрии рӯзи 24 сентябри соли 1993, ки дар шаҳри Москва баргузор гардида буд, дида мешавад. Дар вохӯрии сарони давлатҳои узви ИДМ, ки 24 сентябри соли 1993 баргузор гардида буд, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расонида мешаванд. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими қабулгардида Қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои дастаҷамъии сулҳофар мебошад[1]. Давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси санадҳои мазкур дар бораи таъсиси Неруҳои дастаҷамъии сулҳофари ИДМ дар Тоҷикистон қарор қабул мекунанд.[2] Нерӯҳои сулҳофари ИДМ дар Тоҷикистон бояд дар чаҳор самти асосӣ фаъолият менамуданд: а) бо мақсади устувор намудани сулҳу субот дар Тоҷикистон ба эътидол даровардани вазъият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон; б) ба вуҷуд овардани шароите, ки гуфтугӯи ҷонибҳои манфиатдорро дар самти танзими низои сиёсӣ имконпазир мегардонид; в) дастрас намудан, ҳифз кардан ва тақсим намудани кумакҳои башардӯстона; г) ташкили шароити боамн барои баргардонидани гурезаҳо ва муҳофизати инфрасохтори ҷомеа.[3]

Ҳамчунин дар вохӯрии рӯзи 24 сентябри соли 1993 ҳуҷҷати дигар таҳти унвони «Созишнома дар бораи Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар ва меъёрҳои муштараки ташкил намудани таъминоти моддию техникии он» низ қабул мегардад. Тибқи моддаи 1-уми созишномаи мазкур зери ибораи «Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар» неруҳои ҳарбии Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва дигар давлатҳои узви ИДМ ҳамроҳ лавозимоти ҳарбӣ, яроқу аслиҳаи онҳо ва техникаи ҳарбии онҳо дохил мегарданд, ки барои танзими вазъият ва

---

[1] Решение о формировании Коллективных миротворческих сыл и начале их функционирования [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/573/38/img /N9357338.pdf?OpenElement

[2] Рахматуллаев Э. Роль Организации Объединенных Наций в урегулировании межтаджикского конфликта: автореф. дисс. ... канд. полит. наук: 23.00.04 / Рахматуллаев Эркин. –М., 2002. – С.12.

[3] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане. 1990-1997 гг.: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.03 / О.Х.Шарафиева. – Томск, 2010. – С.102.

таъмини сулҳ бо фармондеҳии ягона амалӣ карда мешавад.[1] Мувофиқи ҳуҷҷатҳои имзошуда Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар бояд то 1 октябри соли 1993 ба муҳлати шаш моҳ таъсис дода мешуданд ва бо хоҳиши давлатҳои аъзои ИДМ муҳлаташон бояд дароз карда мешуданд. Масъалаи маблағгузории ин ниҳоди ҳарбии сулҳофар дар замимаи 2 созишномаи мазкур ҳаллу фасл гардида буд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат, нисфи хароҷоти Неруҳои дастаҷамъии сулҳофарро Федератсияи Русия, 15% Қирғизистон, 15% Қазоқистон, 10% Узбекистон ва 10% Тоҷикистон бояд ба уҳда мегирифтанд.[2]

Дар кутоҳтарин муддат парлумони ҷумҳуриҳои Узбекистон ва Қазоқистон бо мақсади таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон нерӯҳои сулҳофари худро ба мамлакат равона карданд. Дивизияи 201-уми Қувваҳои мусаллаҳи Русия, ки он замон дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштанд, ба фаъолияти неруҳои сулҳофар то андозае мусоидат намуданд.

Чунин навъи фаъолият дар самти таъмини сулҳу субот иқдоми аввалини ИДМ ба шумор мерафт, ки он ҳам бошад дар ҳамкорӣ бо СММ ва САҲА дар амал татбиқ мегардид. Ҳарчанд ҳамаи кӯшишҳои неруҳои сулҳофари ИДМ бо муваффақият анҷом наёфта бошанд ҳам, нақши ин иттиҳод дар таҳкими сулҳу субот ва танзими низои байни тоҷикон хеле назаррас буд. Ин буд, ки Шӯрои Амнияти СММ кӯшишу талошҳои Нерӯҳои сулҳофари ИДМ-ро ба инобат гирифта, фаъолияти онро ҷонибдорӣ намуда буд. Бинобар ин, минбаъд СММ аз кумакҳои ИДМ дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон ва баргузор намудани гуфутушунидҳои ҷонибҳои низоъ ба таври васеъ истифода намуда, онҳоро на танҳо ба сифати нозир, балки масъулони баргузории воқеаҳои таърихӣ интихоб намуд.

Фаъолияти давлатҳои узви ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар самти ташкил ва

[1] Ст. 1. Соглашение о Коллективных миротворческих силах и совместных мерах по их материально-техническому обеспечению от 24 сентября 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/573/38/img/N9357338.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Размеры долевых взносов государств-участников для финансирования деятельности Объединенного командования Коллективных миротворческих сыл. Приложение 2. Там же.

гузаронидани гуфтушунидҳо ва раванди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон хеле назаррас мебошад.[1]

Дар вохӯрии 24 сентябри соли 1993 инчунин дар алоқамандӣ ба вазъияти сиёсию иқтисодии Тоҷикистон низ якчанд ҳуҷҷати расмӣ қабул мегарданд. Дар робита бо вазъияти иқтисодӣ дар бораи таъсиси Фонди кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мегардад. Аммо дар ҳуҷҷати мазкур то кай таъсис додани он зикр намегардад. Дар робита бо вазъияти сиёсӣ бошад ду ҳуҷат қабул мегардад: «Созишнома дар бораи кӯмак ба гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ» ва «Созишнома дар бораи чораҳои аввалия оид ба ҳифзи қурбониёни даргириҳои ҳарбӣ».

Ҳамин тариқ, бо қабули ҳуҷҷатҳои мазкур ҳузури Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ гардонида шуда, аҳамияти байналхалқӣ касб менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рӯзҳои баргузории даври аввали гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир 15 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав ҳамзамон вохӯрии сарони давлатҳои узви ИДМ низ баргузор гардида буд. Ин навбат дар самти танзими низои сиёсии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои дигар ба имзо расонида мешаванд. Аз ҷумла, қарор дар бораи муҳлати буду боши Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон, ҳайат ва вазифаҳои он; Шартномаи муассисон оид ба таъсиси Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо мерасанд. Бо дарназардошти идома ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва таҳдиди аз ҷониби Афғонистон ворид гардидани ҷангиёни зархарид ва ҷияткор ба қаламрави мамлакат Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар бораи дароз намудани муҳлати Неруҳои сулҳофар қарор қабул намуданд. Қарори мазкури муҳлати ҳузури неруҳои мазкурро то 31 декабри соли 1994 бо имконияти дубора дароз намудани муҳлати он муқаррар намуд. Инчунин мувофиқи қарори қабулгардида 4 давлати узви ИДМ

[1] Сайфуллоева З.Х. Роль международных организаций и стран содружества в укреплении мира в Таджикистане (из опыта Таджикистана): автореф. дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / З.Х. Сайфуллоева. – Душанбе, 2007. – С.14.

(Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Узбекистон) барои фаъолияти Неруҳои сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон бояд 16000 ҳазор нафар сафарбар менамуданд. Ин навбат вазифаҳои Неруҳои дастаҷамъхии сулҳофар ба таври зайл муайян гардида буд:

1.Бо мақсади дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани вазъияти устувор ба эътидол даровардани сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, фароҳам овардани шароит барои пешбурди гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил, ки нияти бо роҳи сиёсӣ ҳал намудани низоъро пеша намудаанд;

2.Саривақт бурда расонидан, ҳифз намудан ва тақсим кардани кумакҳои гуманитарӣ, фароҳам овардани шароити бехафв барои баргашти гурезагон, таъмини амнияти онҳо дар макони зисташон, бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои мазкур ҳифз намудани инфрасохтор ва объектҳои ҳаётан муҳими мамлакат.[1]

Дар ҷаласаи мазкур инчунин дар бораи ташкили Фонди кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи муассисон ба имзо расонида мешавад. Бояд гуфт, ки дар бораи таъсиси Фонди мазкур ҳанӯз 24 сентябри соли 1993 қарор қабул гардида буд. Аммо дар ин вохӯрӣ муассисони фонд муайян карда мешавад. Мувофиқи шартномаи мазкур Фонд ташкилоти байнидавлатӣ ба шумор мерафт. Зеро муассисони он чунин давлатҳо муайян карда шуда буданд: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Украина. Фонди мазкур аз ҳисоби чунин сарчашмаҳо ташкил карда мешуд:

1.Маблағҳое, ки аз тарафи давлатҳои муассис пардохт мегардид; манбаҳои моддӣ, кору хизматрасониҳое, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод мегардид;

[1] Решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сыл в Республике Таджикистан [Электронный ресурс]. URL.: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/194/82/pdf/N9419482.pdf?OpenElement (дата обращения: 05.02.2017)

2.Маблағҳои ихтиёрии давлатҳои алоҳида, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.[1]

Фаъолияти Фонди мазкур ба воситаи Оинномаи он амалӣ мегардид. Мувофиқи Оинномаи Фонди мазкур, мақсади он кумак расонидан ба ташаббусҳои роҳбарияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба эътидол овардани вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба шумор мерафт. Фонд бояд вазифаҳои зеринро иҷро менамуд:

- ҷамъоварӣ намудани маблағҳои воридшаванда;

- ҳисоб намудани маблағҳои воридшуда ва дар самтҳои муайяншуда тақсими намудани онҳо;

- ҷалби маблағҳои иловагӣ;

- иштирок дар маблағгузории барномаҳои барқарорсозии соҳаҳо, объектҳо ва минтақаҳои осебдида;

- назорати истифодаи ҳадафноки сарчашмаҳои молӣ ва моддӣ.[2]

Ҳамин тариқ аз солҳои 1993-1994 сар карда давлатҳои узви ИДМ на танҳо дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, балки дар самти беҳтар намудани вазъияти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон омодагии худро нишон додаанд.

Бояд гуфт, ки 19 январи соли 1996 дар шаҳри Маскав ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои узви ИДМ баргузор гардида буд, ки дар он Консепсияи танзим намудан ва пешгирӣ кардани низоъҳо дар ҳудуди давлатҳои ИДМ қабул мегардад. Мувофиқи бандҳои алоҳидаи Консепсияи мазкур танзим намудан ва пешгирӣ кардани низоъҳо вобаста ба миқёс ва марҳилаи рушди он дар чунин самтҳо бояд амалӣ карда мешуд:

– пешгирӣ намудани низоъҳо (меъёрҳо оид ба пешгирии низоъҳо);

– танзими низоъҳои мусаллаҳона;

– таъмини сулҳ дар шароити баъдиҷангӣ (сулҳофарӣ).[3]

---

[1] Уредительный договор о создании Фонда помощи Республики Таджикистан. Москва, 15 апреля 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/194/82/pdf/N9419482.pdf?OpenElement (дата обращения: 05.02.2017)

[2] Устав Фонда помощи Республики Таджикистан. Там же.

[3] Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-

Дар доираи фаъолиятҳои самти аввал бояд усулҳои дипломатияи превентивӣ (андешидани тадбирҳои эҳтиётӣ) истифода бурда мешуд, ки онро намояндагони махсуси ИДМ дар амал татбиқ месохтанд. Мувофиқи консепсияи мазкур дипломатияи превентивӣ бояд маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегирифт, ки барои муайян намудани сабабҳо ва пешгирӣ сохтани баҳсҳои ҷонибҳои муқобил равона мегардид ва бо ин роҳ имкон дода намешуд, ки баҳсҳо ба низоъҳо табдил ёбанд. Хизматрасониҳои беғаразона ва миёнаравӣ дар самти ташкили машваратҳо ва гуфтушунидҳои ҷонибҳои муқобил, ҷустуҷӯ намудан ва ташкил кардани фазои ҳусни тафоҳум аз ҷумлаи чорабиниҳои дипломатяи превентивӣ муайян карда мешаванд.[1] Дар ҳолатҳои зарурӣ бо дархости давлати узви ИДМ ба ҳудуде, ки дар он низоъ ба амал омада истодааст, имкони фиристода шудани шахсони алоҳида аз ҳисоби ҳарбиён, кормандони ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон имконпазир дониста мешуд. Бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар ҳудуди мазкур Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар фиристода мешаванд.

Самти дуюми амалишавии Консепсияи мазкур – танзими низоъҳои мусаллаҳона чунин шароитро дар бар мегирифт: маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ, иқтисодию ҳарбие, ки барои аз байн бурдани низоъ, аз ҷумла низоъҳои ҳарбӣ пешбинӣ мегарданд.[2] Қабул намудани чунин меъёрҳо баъди ба имзо расонидани созишномаи оташбас ва идома додани гуфтушунидҳо зарур дониста мешуд. Амалиётҳо барои таъмини сулҳ низ ба қатори чунин меъёрҳо дохил карда мешуд. Мувофиқи Консепсияи мазкур, амалиётҳои сулҳофарӣ фаъолияти сиёсии ҷонибҳои низоъ оид ба таъмини сулҳ дониста мешуд, ки бо истифода аз шахсони алоҳидаи махсус омодашуда дар амал татбиқ мегардид. Барои дар амал татбиқ

ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/021/82/img/N9602182.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[1] 1. Предотвращение конфликтов. // Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств.

[2] 2. Урегулирование вооoруженных конфликтов. // Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств.

намудани амалиётҳои таъмини сулҳ чунин шарту шароитҳо лозим дониста мешуд:

– дар миёни ҷонибҳои низоъ ба имзо расонидани созишномаи оташбас ва майлу хоҳиш ва иродаи сиёсии ҷонибҳо нисбат ба танзими низоъ ва бо роҳи сиёсӣ ҳал намудани он;

– розигии ҷонибҳои низоъ барои гузаронидани амалиётҳои таъмини сулҳ бо истифода аз Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофар, барои амалӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои худ, инчунин ба роҳ мондани робитаи зич бо роҳбарияти Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофар барои амалӣ намудани чунин навъи амалиёт;

– аз тарафи ҷонибҳои низоъ қабул намудани ӯҳдадориҳо оид ба эҳтироми мавқеи афзалиятнок, меҳварӣ ва байналхалқии намояндагони Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар мутобиқи талаботи ҳуқуқи байналхалқӣ;

– кушоду равшан будани амалиётҳои таъмини сулҳ, беғаразона ва бетарафона анҷом додани ин навъи фаъолият.[1]

Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар асоси иттиҳоди давлатҳое ташкил мегардад, ки онҳо барои иштирок намудан дар амалиётҳои таъмини сулҳ розигии худро додаанд. Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар бояд вазифаҳои худро дар асоси низоми ягонаи фармонфармоӣ амалӣ менамуданд ва ҳангоми анҷом додани амалиётҳои таъмини сулҳ дар амалиётҳои ҳарбӣ ширкат варзида наметавонистанд. Неруҳои мазкур барои таъмини шароитҳои баргузории гуфтушунидҳо ва барои ба имзо расонидани созишномаҳои сулҳофар бояд роҳҳои мусолиҳатомези ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ менамуданд. Онҳо аз истифодаи яроқ худдорӣ менамуданд, танҳо ба истиснои он ҳолатҳое, ки барои амалӣ намудани амалиётҳои таъмини сулҳ дар асоси мандатҳои муайяншуда истифодаи силоҳ зарур дониста шавад.[2]

Самти сеюми амалишавии Консепсияи – таъмини сулҳ дар шароити баъдиҷангӣ мебошад, ки он низ аз маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ иборат буда, баъди танзими низои мусаллаҳона бо мақсади ташкил намудани фазои боварӣ,

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Ҳамон ҷо.

таъмини робита ва ҳамкории ҷонибҳои низоъ ва пешгирӣ намудани такрорёбии низоъ амалӣ карда мешавад.[1] Меъёрҳое, ки дар ин самт бояд қабул мегардиданд, метавонистанд ҳам характери сиёсӣ ва ҳам характери гуманитарӣ дошта бошанд. Яъне мусоидат намудан дар самти барқарор намудани ниҳодҳои сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ, ташкил ва баргузории интихоботи шаффоф ва ғ. (меъёрҳои сиёсӣ); мусоидат намудан барои баргардонидани гурезагон ба ватан, аз мина тоза намудани ҳудудҳои хатарнок ва ғ. (меъёрҳои гуманитарӣ).

Дар боби чоруми Консепсияи мазкур гуфта мешавад, ки ИДМ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ дар самти танзими низоъҳо бо созмонҳои гуногуни байналхалқӣ, ки дар миёни онҳо СММ ва САҲА дар ҷойи аввал меистанд, ҳамкории зич ба роҳ мемонад. Фаъолияти сулҳофарии ИДМ ба воситаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзо ба амал бароварда мешуд, ки ба салоҳияти он иҷроиши чунин вазифаҳо дохил мегардиданд:

– қабули қарорҳои дахлдор оид ба гузаронидани амалиётҳои таъмини сулҳ;

– тасдиқи мандатҳое, ки муайянкунандаи салоҳият, ҳайати Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар, вазифаҳо ва муҳлати гузаронидани амалиётҳо мебошанд;

– таъини роҳбари амалиётҳои таъмини сулҳ ва ё роҳбари намояндаи махсуси ИДМ оид ба танзими низоъ;

– таъини фармондеҳи Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар;

– дар ҳолатҳои алоҳида таъини роҳбари гурӯҳи нозирони ҳарбӣ.[2]

Дар вохӯрии мазкур (19 январи соли 1996) дар бораи то 30 июни соли 1996 дароз намудани муҳлати фаъолияти Неруҳои дастаҷамъии сулҳофар дар ҳудуди Тоҷикистон қарор қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мегардад, ки бо дарназардошти механизмҳои мавҷуда раванди баргузории гуфтушунидҳоро бо иштироки мухолифин, созмонҳои байналхалқӣ

[1] 3. Постконфликтное посроение мира. // Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств.
[2] 5.Общие вопросы. // Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств-участников Содружества Независимых Государств.

ва комиссияиҳои мавҷуда фаъол намоянд.[1] Яке аз ҳуҷҷати дигаре, ки зимни ин вохӯрӣ қабул гардид, ин «Низомнома дар бораи Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофар дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» мебошад. Мувофиқи Низомномаи мазкур, Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофар дар ИДМ иттиҳоди муваққатие мебошад, ки бо мақсади танзими низоъ дар ҳудуди давлатҳои узви ИДМ ва барои гузаронидани амалиёти таъмини сулҳ ташкил карда мшавад. Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Неруҳои дастаҷамъӣ Оинномаи СММ, ИДМ ва дигар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ ба шумор мерафтанд.[2]

Ҳамин тариқ, дар вохӯрии сарони давлатҳои ИДМ 19 январи соли 1996 дар муносибат бо масъалаи буду боши Неруҳои дастаҷамъии сулҳофари ИДМ дар ҳудуди Тоҷикистон қарорҳои муҳим қабул гардиданд, ки онҳо ба марҳилаи навбатии даври панҷуми гуфтушунидҳои байнитоҷикон таъсири амиқ расониданд. Марҳилаи дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо 26 январи соли 1996 дар шаҳри Ашқобод оғоз мегардад. Дар ҳайати гурӯҳи кории ҳукуматӣ тағйиротҳо ба амал оварда мешавад. Вазири онвақтаи корҳои хориҷӣ Талбак Назаров ба ҷойи М.Убайдуллоев ба сифати роҳбари гурӯҳ ширкат меварзад. Ин дафъа низ ба монанди марҳилаи аввали ин даври гуфтушунидҳо дар ноҳияи Тавилдара амалиётҳои ҳарбӣ оғоз мегарданд ва дар ноҳияҳои дигар вилоятҳо низ вазъият каме муташанниҷ мегардад. Дар гузориши Котиби генералии СММ муҳтавои вазъият чунин баён мегардад: «Дар шаҳри Турсунзода як гурӯҳ шӯришгарон сарҳадбонони тоҷикро асир мегиранд, дар шаҳри Қурғон-Теппа бригадаи якуми артиши ҳукуматӣ ба монанди исён шаҳрро дар зери итоати худ дароварда, ба сӯи Душанбе ҳаракат менамоянд ва 15 км. дуртар аз шаҳр мустақар мегарданд. Шӯришгарон як қатор шартҳои худро пешниҳод менамоянд. Аз

[1] Приложение II. Решение о продлении срока пребывания Коллективных миротворческих сил в Республике Таджикистан. Москва, 19 января 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/021/82/img/N9602182.pdf?OpenElement (дата обращения: 22.01.2017)

[2] I. Общие положения. Положение о Коллективных силах по поддержанию мира в Содружестве Независимых Государств. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/021/82/img/N9602182.pdf?OpenElement (дата обращения: 22.01.2017)

ҷумла, иваз намудани мансабҳои олии ҳукуматӣ, тақсими вилояти Хатлон ва авф гардидани худи шӯришгарон. Баъди оне, ки ҳукумат як қатор пешниҳодҳои шӯришгаронро қабул намуд, аз ҷумла иваз намудани баъзе мансабдорон ва амалӣ намудани авфи шӯришгарон, вазъият бе хунрезӣ ҳал гардид. Дар шаҳри Турсунзода шӯришгарон яроқҳои худро ба замин гузоштанд ва бригадаи якум бошад ба иқоматгоҳҳои худ баргаштанд».[1]

Дар миёни давлатҳои узви ИДМ Федератсияи Русия мавқеи махсусро ишғол намудааст. Дар раванди ташкил ва баргузории гуфтушунидҳо президент ва раиси Ҳукумати Федератсияи Русия, вакилони Думаи Давлатӣ, вазир ва муовинони вазири корҳои хориҷӣ, вазорати мудофиа, Шӯрои амният, коршиносон ва таҳлилгарони зиёди Вазорати корҳои хориҷӣ ва вазорати мудофиаи Русия, сафорати Русия дар Тоҷикистон ва Эрон, роҳбарияти сохторҳои қудратии Русия дар Тоҷикистон ва чанде дигарон саҳми худро гузоштаанд.[2]

**Русия.** Бояд гуфт, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии Русия ба буҳрони амиқи геополитикӣ дучор гардида буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Русия ба масъалаи танзими низои сиёсии тоҷикон таваҷӯҳи махсус зоҳир менамуд ва ин буд, ки вай дар раванди ташкил ва баргузории гуфтушунидҳои сиёсӣ нақши хеле фаъол бозидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки он замон барои Русия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои муҳими геополитикӣ ва геостратегӣ ба шумор мерафт ва бо чанд далел таваҷҷӯҳи вайро нисбат ба ҳалли низои сиёсии тоҷикон асоснок намудан мумкин аст. Аввал ин, ки Тоҷикистон ба яке аз мамлакатҳои ноустувор ва ҷангзадаи минтақа, яъне бо Афғонистон ҳамсарҳад буд, ки ин кишвари ноором метавонист ба воситаи Тоҷикистон барои Русия мушкилиҳои ҷиддӣ эҷод намояд. Масалан, хариду фуруши силоҳу аслиҳаи ғайриқонунӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғ. ба ин мисол шуда метавонанд. Ҳамзамон сарҳади

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 22 марта 1996 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/070/91/img/N9607091.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)

[2] Пешков М. Россия стратегический партнер Таджикистана / М.Пешков // Бизнес и политика. – 2000. – №1.

Тоҷикистону Афғонистон сарҳади берунии ИДМ низ маҳсуб меёфт. Бинобар ин, Русия ба воситаи пойгоҳи низомии 201-ум ҳамчун неруҳои сулҳофари ИДМ кӯшиш менамуд, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон амниятро таъмин намояд. Ба ақидаи олими рус Д.Малишева, тақдири аҳолии русзабон, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба ҳимоят ниёз доштанд ва инчунин вазъияте, ки дар натиҷаи оғоз гардидани бесарусомониҳои сиёсӣ метавонист мавҷи гурезаҳо то ба Русия низ рафта расад, ангезаи ҷалб гардидани диққати Русия ба вазъияти сиёсии Тоҷикистон маҳсуб меёфт[1]. Ҳамин тариқ, Русия аз рӯзҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ ба вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, бо шарофати ҳузури пойгоҳи ҳарбии 201-ум дар раванди танзими низоми сиёсии тоҷикон нақши муҳим бозидааст. Бо дар дархости Ҳукумати Тоҷикистон ба мамлакат Нерӯҳои сулҳофари ИДМ ворид карда шуда буданд, ки унсури марказии онро пойгоҳи низомии 201 ташкил медод, ки минбаъд ин гурӯҳи кумакрасон эътирофи байналхалқӣ пайдо намуд[2]. Кӯмакҳои ҳарбии Маскав аз ҷониби аксари аҳолии Тоҷикистон ва ҳамчунин аз ҷониби ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ пайдо намуд. Зеро дарк мегардид, ки баъди фурупошии режими шӯравӣ махсусан дар ҳудуди Осиёи Марказӣ метавонист шумораи зиёди табаддулоти давлатӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ ба вуқуъ ояд, чи гунае, ки дар Афғонистон баъди хориҷ шудани нерӯҳои ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ рух дода буд[3].

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Русия дар марҳилаи аввали ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҷанбаҳои ҳарбӣ афзалияти бештар доштан. Чунин ҳолатро олими рус Д.Малишева ба таври зайл маънидод намудааст: «Дар ибтидои солҳои 1990 дар Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати хориҷӣ на аз тарафи Вазорати корҳои хориҷӣ, балки аз ҷониби

---

[1] Малышева Д.Б. Региональный аспект конфликта в Таджикистане / Д.Б.Малышева // Центральная Азия и культура мира. – 1997. – №1. –С.75.

[2] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.63.

[3] Малышева Д.Б. Региональный аспект конфликта в Таджикистане / Д.Б.Малышева // Центральная Азия и культура мира. – 1997. – №1. –С.76.

сохторҳои ҳарбӣ, ки солҳои қаблӣ дар доктринаҳои ҳарбии онҳо ташаккул дода шуда буданд, муайян мегардид»[1]. Аммо баъди гузашти марҳилаи муайян маълум гардид, ки ҳалли аксари низоъҳои сиёсӣ, аз ҷумла низои сиёсии байнитоҷикон бо роҳи дахолати ҳарбӣ ғайриимкон аст. Махсусан, дар моҳи июли соли 1993 баъди ҳуҷуми нерӯҳои мухолифин аз ҳудуди Афғонистон ба хизматчиёни ҳарбии рус, ин гуна вазъият собит гардид. Бинобар ин, Русия кӯшиш намуд Ҳукумати Тоҷикистонро бовар кунонад, ки барои ҳалли низои сиёсӣ роҳҳои имконпазири гузаронидани гуфтугӯ бо мухолифинро ташкил намояд. Зарурати гузаронидани гуфтугӯ бо мухолифин дар шароите ба амал омада буд, ки дар ҳудуди Афғонистон нерӯҳои ҳарбии ҳаракати «Толибон» рӯз то рӯз қувват мегирифт, ки чунин вазъият ба Тоҷикистон низ таъсири ҷиддӣ мерасонид ва Русияро низ дар ҳарос меандохт. Бо дарки чунин вазъият фаъолиятҳои дипломатӣ оғоз гардид ва минбаъд роҳҳои сулҳҷуёнаи ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ҷустуҷӯ мегардид. Бо ташаббуси Русия дар зери ҳимояти СММ баргузории гуфтугӯи байнитоҷикон имконпазир гардид ва бесабаб нест, ки даври аввали ин гуфтугӯ дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар марҳилаҳои минбаъдаи гуфтугӯи байнитоҷикон низ Русия фаъолона ширкат намуда, яке аз кафилони баста шудани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки дар шароити муосир низ сиёсати Русия дар муносибат бо Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои ҳарбӣ бештар ташаккул дода мешавад. Махсусан, узвияти онҳо дар чунин созмонҳои минтақавӣ, ба монанди СААД ва СҲШ ҳамкориҳои ҳарбии онҳоро тақвият мебахшад ва дар самти мубориза бо терроризми байналхалқӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, экстремизму сепаратизм марҳила ба марҳила ташаккул дода мешавад. Аммо замоне фаро расидааст, ки Русия барои кафолати ҳузури худ дар ҳудуди Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар баробари алоқаҳои ҳарбӣ, инчунин бо мақсади таъмини рушди иқтисодии минтақа алоқаҳои иқтисодиро низ бояд ташаккул диҳад.

[1] Ҳамон ҷо. С.78.

**Узбекистон.** Узбекистон аз миёни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷанги шаҳрвадии Тоҷикистон ва аз миёни давлатҳои пасошӯравӣ баъди Русия мавқеи дуюмро ишғол намудааст. Чунин фаъолнокии сиёсии Узбекистон бо як қатор омилҳои асоснок карда мешавад: ҳамсарҳад будани Тоҷикистону Узбекистон, дар сарҳади байнидавлатӣ мавҷуд будани ҳудудҳои баҳсноки марзӣ, мавҷудияти диаспораҳои этникӣ дар ҳар ду кишвар; вобастагии иқтисодӣ; манфиатдор будани роҳбарияти онвақтаи Узбекистон аз рукуди исломгароён, ки дар натиҷаи ба сари қудрат омадани онҳо барои режими Узбекистон таҳдиди ҷиддӣ ба шумор мерафт. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи масоили Осиёи Марказӣ Р.Каримов иброз медорад, ки ҷалб гардидани Тошкент ба низои сиёсии байнитоҷикон ва дар раванди амалиётҳои ҳарбии Тоҷикистон иштироки бевосита варзидани аҳолии узбектабори ҳар ду мамалакат бо мавҷудияти ҳиссаи муайяни узбекзабонҳо дар ҳудуди мамлакат ва аз лиҳози ҳудудӣ бо ҳам наздик будани онҳо асоснок карда мешавад.[1] Баъди оғози амалиётҳои ҳарбӣ роҳбарияти сиёсии Узбекистон аз як қатор оқибатҳои ногувори низоси сиёсии Тоҷикистон метарсиданд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст.

– фаъолнокии сиёсии аҳолии тоҷикзабон дар ҳудуди Тоҷикистон, ки дар зери таъсири муваффақияти исломгароҳо ва миллатгароҳо метавонистанд барои мухторияти сиёсию фарҳангии Бухоро ва Самарқанд мубориза оғоз намоянд;

– идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва мураккаб гардидани вазъият дар минтақа метавонист боиси зиёд гардидани шумораи гурезагон гардад, ки дар натиҷа вайрон гардидани тавозуни этникии Узбекистонро ба миён меовард;

– дар натиҷаи идома ёфтани низои сиёсӣ хатари табдил ёфтани он ба низои этникӣ низ имконпазир буд, ки дар натиҷа на танҳо барои Узбекистон, балки барои тамоми минтақа мушкилиҳои сиёсӣ эҷод

[1] Каримов Р. Треугольник Узбекистан-Афганистан-Таджикистан как очаг напряженности в Центральной Азии [Электронный ресурс] URL: http://www.ca-c.org/journal/cac-04-1999/st_07_karimov.shtml (дата обращения: 20.01.2017)

менамуд. Зеро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳудудҳои маъмурию давлатӣ бо ҳудудҳои этникӣ мувофиқат намекунанд.[1]

Узбекистон аз ҳама бештар аз ташкилёбии режими исломӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҳарос менамуд. Зеро дар ин муддат фаъолгардии мухолифини динӣ дар ҳудуди Узбекистон ба мушоҳида мерасид ва онҳо аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ба таври қатъӣ саркӯб карда мешуд. Чунин омилҳои Узбекистонро маҷбур менамуд, ки яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон гардад. Аммо баъзан нақши Узбекистонро дар низои сиёсии Тоҷикистон ба таври гуногун баҳогузорӣ менамоянд: баъзан онро иштирокии амалиётҳои ҷангӣ, баъзан ҷониби манфиатдор ва ҳамчун миёнарав дар раванди баргузории гутугӯҳои сулҳҷӯёна арзёбӣ менамоянд. Воқеан ҳам таҳлили адабиёти илмӣ ва матбуоти даврӣ нишон медиҳад, ки Узбекистон дар раванди ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва дар раванди баргузории гутугӯҳои сиёсӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намудааст. Як қатор омилҳоеро номбар намудан мумкин аст, ки онҳо сбаби тағйирёбии мавқеи Узбекистон гардидаанд. Аммо афзалияти бештар пайдо намудани таъсири Русия дар минтақа омили асосие мебошад, ки Узбекистонро хеле зиёд нороҳат месохт. Бинобар ин, дар марҳилаҳои минбаъдаи баргузории гутугӯҳои сиёсӣ дар муносибати байни Тоҷикистон ва Узбекистон сардӣ эҳсос мегардид. Ба ақидаи таҳлилгари ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон Д.Малишева, Узбекстон дар аввал барои баргузории гутушунидҳо бо мухолифини тоҷик бо ҳар роҳ мухолифат нишон медод ва дар ҳамон шакл баргузор гардидани гуфтушунидҳоро барои Узбекистон таҳдиднок арзёбӣ менамуд.[2] Каме дертар вай мавқеи худро тағйир дода, ба таври расмӣ ҳамчун нозири гуфтушунидҳо гардид. Аммо ҳамчун нозир Созишномаи уммии истиқрори сулҳро, ки 27-уми июни соли 1997 ба имзо расид, дастгирӣ накард ва ба ин ҳуҷҷати сиёсӣ ҳамчун кафили сулҳ имзо нагузошт. Баъди гузашта чанд муддат ба Гурӯҳи сулҳҷӯён

---

[1] Малышева Д.Б. Региональный аспект конфликта в Таджикистане / Д.Б.Малышева // Центральная Азия и культура мира. – 1997. – №1. –С.74.
[2] Ҳамон ҷо. –С.77.

ворид гардида, дар амал татбиқ намудани созишномаҳои басташударо дастгирӣ намуд.[1]

**Афғонистон.** Дар низои сиёсии Тоҷикистон таъсири Афғонистон хеле калон аст. Пеш аз ҳама, сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистон зиёда аз 1100 км. ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, Тоҷикистон аз лиҳози фарҳангӣ ва этникӣ бо Афғонистони алоқаи зич дорад. Дар ҳудуди Афғонистон ба ғайр аз пуштунҳо тоҷикон ва узбекҳо ҳиссаи бештари аҳолиро ташкил медиҳанд.

Гузашта аз ин, дар ибтидои солҳои 1990 вазъияти сиёсии ҳам Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон якранг буд. Дар Афғонистон баъди хориҷ шудани неруҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ҷанги шаҳрвандӣ дар шакли рақобати гурӯҳҳои муҷоҳидин, ки асосан аз рӯи меъёри этникӣ аз ҳам ҷудо гардида буданд (муҷоҳидони пуштун, тоҷик ва узбек), дубора аланга гирифт. Дар Тоҷикистон бошад баъди фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ мухолифати сиёсӣ барои ба даст овардани қудрат миёни гурӯҳҳои минтақавӣ сурат гирифт. Дар шароити ноороми сиёсӣ ҳамсоя будан бо Афғонистони аз лиҳози сиёсӣ ноором хеле хатар ба шумор мерафт.

Дар шароити ҷанги дохилӣ ва заифии ҳокимияти марказӣ дар Афғонистон миқдори хеле зиёди яроқу аслиҳаи ғайриқонунӣ ҷамъ гардида буд. Бинобар ин, дар ибтидои солҳои 1990 Афғонистон барои гурӯҳҳои ғайриқонунии Тоҷикистон ба бозори хариду фуруши ғайриқонунии яроқу аслиҳа табдил меёбад. Дар ибтидои соли 1992 иштирокчиёни гирдиҳамоии зиддиҳукуматӣ ба таври фаъол аз ҳисоби яроқҳои аз Афғонистон воридшуда бо аслиҳа ва дигар лавозимоти ҳарбӣ таъмин гардиданд. Чунин ҳолат яке аз сабабҳои ноустувор гардидани вазъияти сиёсӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёфт.[2]

Аз ибтидои соли 1992 сар карда гурезагони тоҷик ба хоки Афғонистон паноҳ бурданд, ки тибқи баъзе сарчашмаҳо шумораи онҳо 80 ҳаз. нафар нишон дода мешавад. Инчунин дар ин муддат мухолифини тоҷик низ баъди саркуб гардидан аз ҷониби Фронти

---

[1] Узбекистан в гражданской войне Таджикистана [Электронный ресурс]. URL: http:// tajikwar.ru/gosudarstva-uchastniki/uzbekistan/ (дата обращения: 24.10.2016)

[2] Искандаров К. Влияние афганского кризиса на ситуацию в Таджикистане [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/journal/14-1998/st_07_iskanderov.shtml (дата обращения: 20.01.2017).

халқӣ ба шимоли Афғонистон паноҳ бурданд. Исломгароёни тоҷик дар ҳудуди Афғонистон аз ҷониби ҳаммаслакони худ дастгирӣ ёфта, бо мақсади ҳамла намудан ба Тоҷикистон бо онҳо машқҳои ҳарбӣ анҷом медоданд ва бо яроқу аслиҳаи зарурӣ таъмин мегардиданд. Ҳатто баъзе аз гурӯҳҳои муҷоҳидон якҷоя бо мухолифни тоҷик бар зидди ҳукумати Тоҷикистон ва сарҳадбонони рус, ки дар марзи Тоҷикистону Узбекистон ҷойгир буданд, меҷангиданд.[1] Ҳатто дар баъзе сарчашмаҳо гуфта мешавад, ки дар амалиётҳои ҷангӣ мухолифини тоҷикро қисме аз низмиёни афғон ҳамроҳӣ менамуд. Аммо барои исботи чунин вазъият далелҳо вуҷуд надоштанд. Аммо тарғиботи зиддиафғоние, ки аз ҷониби сохторҳои ҳарбии Русия дар ҳудуди Тоҷикистон амалӣ мегардид бо далели аз ҷониби гурӯҳҳои ғайриқонунӣ мушакборон намудани сарҳади Афғонистону Тоҷикистон асоснок карда мешуд.[2]

Ҳукумати Афғонистон дар муқоиса бо дигар ҳамсоядавлатҳо даъвои афзалияти минтақавиро надошт, баръакс таваҷҷӯҳи вай ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо ҷанги дохилии худи Афғонистон ва масъалаи ҳаллу фасл гардидани тақсими ҳокимият дар дохили он алоқамандӣ пайдо намуда буд. Ба ақидаи В.Х. Пряхин, ҷалби Афғонистон ба низои байни тоҷикон аз як қатор омилҳо вобаста буд, ки дар миёни онҳо фишори Исломобод ва аз ҷониби неруҳои хориҷӣ дар дохили мамлакат тарғиб гардидани экстремизми динӣ аҳамияти аввалиндараҷа доштанд.[3]

Тағйирёбии вазъияти сиёсӣ дар Афғонистон, махсусан баланд гардидани таъсири ҳаракати Толибон дар ҳудуди ин мамлакат, дар соли 1994 мухолифини тоҷикро маҷбур намуд, ки бо ҳукумати Тоҷикистон гуфтушунидҳоро оғоз намояд. Аммо моҳи сентябри соли 1996 аз ҷониби Толибон ишғол гардидани шаҳри Кобул барои

---

[1] Афганистан – участник гражданской войны в Афганситане [Электронный ресурс]. URL: http://tajikwar.ru/gosudarstva-uchastniki/afganistan/ (дата обращения: 08.06.2016)

[2] Искандаров К. Влияние афганского кризиса на ситуацию в Таджикистане [Электронный ресурс]. URL: http://www.ca-c.org/journal/14-1998/st_07_iskanderov.shtml (дата обращения: 20.01.2017).

[3] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.58.

мустаҳкамтар гардидани раванди оштии миллӣ заминаҳои иловагӣ ба вуҷуд овард.

**Эрон.** Дар ибтидои солҳои 1990 муҳаққиқони эронӣ муносибатҳои Тоҷикистону Эронро бо дарназардошти алоқаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, забонӣ ва динӣ афзалиятнок арзёбӣ намудаанд.[1] Эрон ҳеҷ гоҳ ба таври кушоду равшан мавқеи исломгароёни тоҷикро, ки кӯшиши сохтани давлати исломиро менамуданд, ҷонибдорӣ намекард ва барои хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон талош меварзид. Васеъ гардидани миқёси ҷанг ва ҳудуди ҳамсоядавлатҳо ворид шудани он боиси ноамн гардидани ҳудудҳои шимолу шарқии Эрон мегардид, ки чунин вазъият бо манфиатҳои миллии вай мухолифат менамуд. Оғози мубориза҆ҳои мусаллаҳона дар Тоҷикистон Эронро маҷбур намуд, ки барои муътадил намудани вазъияти баамаломада чораҷӯӣ намояд. Эрон аз рӯзҳои аввали муборизаҳои мусаллаҳона ба монанди Русия яке аз иштирокчиёни фаъоли гуфтушунидҳо ба шумор меравад. Ҳанӯз тирамоҳи соли 1992 ҷониби Эрон бо Русия оид ба танзими низои байнитоҷикон машварат анҷом доданд.

Эрон наметавонист дар ҳудуди Тоҷикистон барои сохтани давлати мазҳабӣ кӯшиш намояд. Зеро агар чунин мешуд Ҳукумати Тоҷикистон аз дохили мамлакат ва ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон аз хориҷи мамлакат, ки роҳи бунёди давлати дунявиро пеш гирифта буданд, дар муқобили Эрон қарор мегирифтанд. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди давлати дунявӣ аз ҷониби ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ пайдо намуда буд.[2]

Ҳамин тариқ, Эрон дар муносибат бо ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон мавқеи хеле ҳасосро ишғол намуда, сиёсати худро дар муносибат бо Тоҷикистон эҳтиёткорона амалӣ менамуд. Зеро агар Эрон мухолифини тоҷикро бечуну чаро дастгирӣ менамуд, муносибати худро бо Русия, ки шарики стратегиаш маҳсуб меёфт,

[1] Горский В.В. Ирано-таджикские отношения [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/rus/stat/2005/05-04-05.htm (дата обращения: 07.06.2016)
[2] Пряхин В.Ф. Региональные конфликты на постсоветском пространстве (Абхазия, Южная Осетия, Нагорный Карабах, Таджикистан). – М.: Изд-во «ГНОМ и Д», 2002. – С.53.

вайрон месохт. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, солҳои 1993-1998 Эрон мухолифини тоҷикро бо паноҳгоҳ таъмин намуд. Чунин ҳолат бо он вобаста буд, ки неруҳои сиёсии Эрон дар муносибат бо низои сиёсии байни тоҷикон манфиатҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамуданд. Масалан, дар он давра агар Вазорати корҳои хориҷии Эрон асосан бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ мекарда бошад, пас хазинаҳои афзалиятноки динӣ ва як қатор сохторҳои қудратии Эрон, ки дар мансабҳои калидии онҳо консерваторон фаъолият менамуданд, бо мухолифини тоҷик ҳамкорӣ доштанд. Аммо чунин алоқаҳо хеле эҳтиёткорона ба роҳ монда мешуд, то ки муносибати Теҳронро бо Душанбе вайрон насозанд.[1] Ҳарчанд аз лиҳози идеологӣ арбобони сиёсии Эрон бо мухолифини тоҷик наздикӣ дошта бошанд ҳам, Теҳрон бо дилхоҳ ҳукумати Тоҷикистон, ки иқтидори воқеии танзими низои сиёсиро дошт, омодаи ҳамкорӣ буд. Ҳамин тариқ, Эрон дар раванди баргузории гуфтушунидҳои байни тоҷикон яке аз миёнаравҳо ва нозирони расмӣ ба шумор мерафт. Аз соли 1997 бошад яке аз мамлакатҳои кафили иҷроиши Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Дар баробари ИДМ инчунин СММ низ дар танзим ва ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва махсусан ташкили оштии милии тоҷикон нақши барҷаста дорад. СММ дар тули баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир нақши миёнаравиро иҷро намуда, дар мавридҳои душвори низоӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавқеи онҳоро ба ҳам наздик созад. «Барои таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон, СММ формулаи одӣ, аммо воқеиеро интихоб менамояд, ки мақсади он барҳам задани мухолифатҳои ҳарбӣ мебошад»[2].

Иштироки СММ дар танзими низои сиёсии Тоҷикистон дар ду марҳилаи асосӣ сурат гирифтааст. Марҳилаи якум: омодагии фаъолияти СММ барои таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ва оғози амалиётҳои сулҳофарӣ (1992-1994). Марҳилаи дуюм: амалиётҳои фаъоли сулҳофарӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби СММ (1995-1997).

---

[1] Горский В.В. Ирано-таджикские отношения [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/rus/stat/2005/05-04-05.htm (дата обращения: 07.06.2016)

[2] Абдуллоев К., Фрейзер С. Насколько прочен мир в Таджикистане: 5 лет спустя. –М., 2003. – С.14.

Бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1992 аъзои Созмони Миллали Муттаҳид набуд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ 2 марти соли 1992 дар ҷаласаи 46-уми Маҷмааи умумии СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон расман узви комилҳуқуқи ин созмони байналмилалӣ эълон мегардад.[1] Дар ибтидои соли 1992 вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноором буд ва Ҳукумати мамлакат аз фурсати муносиб истифода намуда, баъди аъзо гардидан дар ин созмони бонуфуз дар нимаи дуюми соли 1992 СММ-ро барои иштирок дар таҳкими амният даъват намуд. Бори якум 29 сентябр ва бори дуюм 15 октябри соли 1992 бо ташаббуси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаров Акбаршо барои иштироки СММ дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон даъват ба амал оварда шуд. Ниҳоятан баъди таҳлили вазъияти дохилии мамлакат Котиби Генералии СММ Бутрос Гали 29 октябри соли 1992 барои сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмон қарор қабул намуд.[2]

Раиси Шӯрои Амнияти СММ бо такя ба қарори Котиби Генералии созмон 30 октябри соли 1992 арзномаеро ба имзо расонид, ки дар он ҷонибҳои низоъро ба қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ва оғози музокироти сиёсӣ даъват менамуд. Дар қароре, ки ҷаласаи Шӯрои Амнияти СММ «Дар бораи вазъияти Тоҷикистон» қабул намуд, дар робита бо идомаи ёфтани ҷанг ва бад гардидани вазъияти сиёсии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи он аллакай садҳо нафар ҷони худро аз даст додаву ба мамлакат хисороти зиёди моддӣ расонида шуда буд, изҳори нигаронӣ зоҳир гардид. Ҳамзамон Шӯрои Амнияти СММ аз қарори Котиби Генералии ин созмон изҳори қаноатмандӣ намуда, бо мақсади қонеъ намудани талаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими низоъ ва ҳалли он сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмонро ташкил намуд.

[1] Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. / Под общ. ред. Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.168.
[2] Абдуллоев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диалоге / И.Абдуллоев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б.Гафурова. Гуманитарные науки. – 2013. – №1 (34). – С.100-101.

СММ дар марҳилаи аввали фаъолиятҳои худ дар самти таъмини сулҳу субот, ташкили комиссияҳои сулҳофар ва бо ин мақсад ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар созмону ташкилотҳо амалиётҳои зиёдеро анҷом дода буд. Пеш аз ҳама, бо ташаббуси намояндагони расмии СММ се даври гуфтушунид миёни ҳукумат ва мухолифин дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон ва Исломод ташкил карда мешавад.

Даври аввали гуфтушунидҳо 5-19 апрели соли 1994 бо иштироки намояндаи махсуси Дабири Кули СММ дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар кори он намояндагони расмии Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Русия ва Узбекистон ба сифати нозир иштирок намуданд. Дар раванди баргузории даври аввали гуфтушунидҳо масъалаҳои асосии баҳснок миёни ҳукумат ва мухолифин матраҳ гардиданд ва дар заминаи он протокол дар бораи таъсиси Комиссияи якҷоя оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирон ба имзо расид. СММ хеле зиёд кӯшиш менамуд, ки рафти баргузории гуфтушунидҳо бе монеа баргузор гарданд.

Инчунин дар ин марҳила як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ барои танзими вазъияти низоӣ ба имзо расонида мешавад, ки дар самти назорати он нақши СММ барҷаста мебошад. Масалан, даври дуюми гуфтушунидҳо аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд, ки дар он ҷонибҳо консепсияи созишномаи сулҳро омода намуда буданд. Аммо ҷонибҳои даргир натавонистанд ба созиши умумӣ оянд. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки тобистони соли 1994 амалиётҳои ҳарбии ҷонибҳо дубора фаъол гарданд. Бархӯрди неруҳо чи дар дохили мамлакат ва чи дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба амал меомаданд. Бо дарназардошти чунин вазъият намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ баъди анҷом додани вохӯрӣ бо ҷонибҳои даргир ва бо машварату тавсияҳои зиёд рӯзҳои 12-17 сентябри соли 1994 вохӯрии навбатии даври дуюми гуфтушунидҳоро боз дар шаҳри Теҳрон баргузор намуд. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбӣ созишномаеро ба имзо расониданд. Дар чунин шароити ҳассос Бутрос Гали дар бораи фиристодани 15 нозири ҳарбии СММ қарор

қабул намуд ва барои риояи талаботи созишномаи мазкур нозирони ҳарбии СММ ба муддати як моҳ ба Тоҷикистон фиристода шуданд. Ҳамзамон, як гурӯҳ кормандони Котиботи СММ бо мақсади таъсис додани Намояндагии СММ дар Тоҷикистон ба мамлакат ташриф оварданд ва паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор доданд.

Даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои низоъ бо роҳбарии Намояндаи махсуси СММ Р. Пирис-Баллон ташкил карда мешавад, ки он рӯзҳои 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод баргузор мегардад. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо муҳлати Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбиро дароз намуданд ва барои назорати иҷроиши он Протокол дар бораи таъсиси комиссияи якҷоя ба имзо расониданд.

Бояд гуфт, ки марҳилаи дуюми иштироки СММ дар раванди ҳалли низои Тоҷикистон марҳилаи хеле ҳассос ба шумор меравад. Марҳилаи мазкур солҳои 1995-1997 фаро гирифта, ташкили давраҳои ниҳоии гуфтушунидҳо ва танзими вазъияти муташанниҷи сиёсӣ дар ин марҳила амалӣ карда шудааст. Бо мақсади барҳам задани амалиётҳои ҳарбие, ки дар мамлакат идома дошт, Намояндаи махсуси СММ Р.Пирис-Баллон бо ҷонибҳои низоъ як қатор машваратҳои корӣ анҷом дода буд. Ниҳоятан аз 22 май то 1 июни соли 1995 даври чоруми гуфтушунидҳо дар шаҳри Алма-Ато баргузор мегардад, аммо дар он ҷонибҳо ин дафъа низ ба созиш омада наметавонанд. Бо дарназардошти чунин вазъият Намояндаи махсуси СММ аз 2 то 17-уми августи соли 1995 ба шаҳрҳои Москва, Душанбе ва Кобул як қатор сафарҳои корӣ анҷом медиҳад. Дар натиҷаи чунин сафарҳо имкон даст медиҳад, ки аз ҷониби Э.Раҳмонов ва С.А.Нурӣ «Протокол дар бораи меъёрҳои асосии таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расад. Дар ҳуҷҷати мазкур дар бораи меъёрҳои асосии танзими низои сиёсӣ шартҳои дуҷониба ҷойгир карда шуда буд ва хулосаи он чунин буд, ки гуфтушунидҳои минбаъда бояд сабаби имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мешуданд.

Моҳи майи соли 1996 бинобар сабаби ба вуқуъ омадани амалиётҳои ҳарбӣ дар ноҳияи Тавилдара вазъияти сиёсӣ боз дубора муташанниҷ мегардад. Дар натиҷаи он одамони зиёд ба ҳалокат мерасанд ва алоқаи пойтахт бо яке аз минтақаҳои калонтирини мамлакат қатъ мегардад. Бо дарназардошти чунин вазъият 21-уми майи соли 1996 Шӯрои Амнияти СММ арзномаеро пахш менамояд, ки дар он риоя нагардидани созишномаи оташбас садо медиҳад ва аз ҷонибҳои низоъ талаб карда мешавад, ки барои фаъолияти нозирони сулҳофари СММ имконият фароҳам оваранд.

Бо дарназардошти вазъияти баамаломада рӯзҳои 8 то 21-уми июли соли 1996 дар шаҳри Ашқобод даври навбатии гуфтушунидҳо баргузор карда мешавад, ки дар он диққати асосӣ ба масъалаи оташбас дода мешавад. Ҷонибҳо оид ба масъалаи дароз намудани муҳлати «Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиётҳои ҳарбӣ» қарор қабул намуданд ва барои дар нуқтаҳои даргири ноҳияи Тавилдара ҷойгир намудани нозирони ҳарбии СММ розигӣ доданд.

Бояд гуфт, ки аз моҳи майи соли 1996 гуфтугуи сиёсӣ ба буҳрони ҷиддӣ гирифтор гардида буд. Дар ин давра ҷонибҳои низоъ нисбат ба якдигар нобоварии махсусе зоҳир менамуданд ва аз ин рӯ бо ташаббуси СММ ва дигар миёнаравҳои минтақавӣ онҳо ба баррасии масъалаҳои сиёсие пардохтанд, ки сабабҳои асосии низои сиёсиро ташкил менамуданд. Дар ин раванд, дар баробари СММ, нақши Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун миёнаравҳои минтақавӣ хеле барҷаста мебошанд. Бо ташаббуси онҳо рӯзҳои 10-11-уми декабри соли 1996 дар маҳаллаи Хосдеҳи Афғонистон вохӯрии ҷонибҳои низоъ баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ Раҳмонов Э. ва С.Нури ду ҳуҷҷати муҳимро ба имзо расониданд: 1) арзномаи якҷоя оид ба идома додани фаъолияти нозирони сулҳофари СММ ва хабардор намудани ҷомеа аз натиҷаҳои гуфтушунидҳои расмӣ; 2) созишнома оид ба қатъи амалиётҳои ҳарбӣ ва оташбас.

Баъди машваратҳои мураккаб ва тӯлонӣ ниҳоятан 23-юми декабри соли 1996 дар шаҳри Москва дар ҳузури В.С.Черномирдин –

Раиси Ҳукумати ҳамонвақтаи Федератсияи Русия ҷонибҳо дар бораи вазифаҳо ва салоҳиятҳои Комиссияи оштии миллӣ Созишнома ва Протокол ба имзо расониданд. Ҷонибҳои низоъ дар асоси пешниҳодҳои Намояндаи махсуси СММ Г.Меррем ва тавсияҳои Русия ба созиш омаданд. Котиби Генералии СММ созишномаеро, ки дар нишасти мазкур ба даст омада буд, баҳои баланд дода, онро ҳуҷҷати тақдирсоз муаррифӣ намуда буд.

Даври шашуми гуфтугӯҳо моҳи январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон оғоз гардид, ки дар он як қатор ҳуҷҷатҳо дар бораи масоили сиёсии мамлакат қабул гардиданд. Бо мақсади ба даст омадани натиҷаҳои мусбӣ 20-21 феврали соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Э. ва сарвари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.Нурӣ дар шаҳри Машҳад вохӯрӣ баргузор намуданд. Дар ин вохӯрӣ Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ тасдиқ карда шуд ва инчунин протоколи иловагӣ ба Протоколи «Вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расонида шуд.

Ба амал омадани чунин шароити муосид боиси он гардид, ки моҳи майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври ниҳоии гуфтугӯҳо ташкил ва гузаронида шавад. Ин навбат ҷонибҳо Протокол дар бораи кафолати дар амал татбиқ намудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Инчунин ҷонибҳо аз СММ дархост ба амал оварданд, ки дар самти иҷроиши Созишномаи мазкур кафолатҳои худро пешниҳод намояд ва аз Шӯрои Амнияти СММ дархост намуданд, ки бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда нозирони сулҳофари иловагӣ равона созад.

Хулоса 27-уми июни соли 1997 намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президент Э.Ш.Раҳмонов ва намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо сарварии С.А.Нурӣ дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Дар созишномаи мазкур инчунин намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ ва ҳамзамон роҳбари нозирони сулҳофари ин созмон Г.Меррем низ имзо

гузошт. Бо имзо гардидани созишномаи мазкур яке аз низоъҳои мураккаби фазои пасошӯравӣ хотима ёфт.

Ҳамин тавр, дар раванди ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон давлатҳои узви ИДМ ва созмонҳои байналмиллалӣ чун СММ ва САҲА нақши босазо гузоштаанд. Онҳо бодарназардошти вазъияти муташанниҷи сиёсӣ ба сифати миёнарав баромад намуда, ҷонибҳои даргирро пайваста ба гуфтугӯ даъват намудаанд. Онҳо дар раванди ташкили гуфтушуниди ҷонибҳои низоъ ва дар самти ба имзо расидани созишномаҳои гуногуни сулҳҷӯёна саҳми худро гузоштаанд. Инчунин назорати иҷро ва риояи шартҳои созишномаҳои мазкур низ аз ҷониби созмонҳои мазкур анҷом дода шудааст.

## 2.3.Масъалаи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ: натиҷа ва мақоми таърихии он

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз мегардад. Бояд дар назар дошт, ки 27 июни соли 1997 Созишномаи умумӣ ба имзо расида бошад ҳам, ин ҳанӯз маънои онро надошт, ки аллакай сулҳи тоҷикон таъмин гардидааст. Зеро Созишномаи мазкур дар шаҳри Маскав ба имзо расонида шуда буд, аммо дар мамлакат амалиётҳои ҳарбӣ ва бархӯрди гурӯҳҳои мусаллаҳ тез-тез ба амал меомаданд. Яке аз талаботҳои асосии Созишномаи мазкур ташкили Комиссияи оштии миллӣ буд, ки дар кори он намояндагони Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик бояд ширкат меварзиданд. Комиссияи мазкур ҷанги шаҳрвандиро бояд ба сулҳи шаҳрвандӣ табдил медод. Аммо намояндагони мухолифин ҳанӯз ҳам берун аз мамалакат қарор доштанд. Бинобар ин, аввалин коре, ки дар самти таъмини сулҳ анҷом дода мешавад, ин ба Ватан баргардонидани он намояндагони мухолифине ба шумор мерафт, ки аъзои Комиссияи оштии миллӣ маҳсуб меёфтанд. Ба ҳамаи мушкилиҳои ин раванд нигоҳ накарда ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақому

манзалати хосси таърихӣ дорад. Ин ҳуҷҷатест, ки ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ҳусни хотима бахшида, раванди сулҳофариро устувор гардонида тавонист.

Бояд ёдовар шуд, ки раванди ташкил ва баргузор намудани гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил бо мушкилиҳои зиёд амалӣ карда шудааст. Дар аксар маврид вохӯриҳо ва гуфтушунидҳо дар фазои хеле мураккаб шуда мегузаштанд. Баргузории ин гуфтугуҳои сиёсӣ дар шароити ҷангӣ сурат мегирифт. Ҳар замон неруҳои мусаллаҳи ҷонибҳои даргир бо ҳам муқовимат менамуданд ва дар ҷомеа ноороми ҳукмфармо буд. Бинобар ин, раванди гуфтушунидҳо хеле бо мушкилиҳои зиёд ташкил карда шудаанд ва ниҳоятан он бо имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба анҷом мерасад. Аммо имзо гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз маънои хотима ёфтани ҷангу хунрезиро надошт. Чи гунае ки дар боло қайд гардид, дар мамлакат неруҳои сиёсӣ ва дастаҳои силоҳбадасти мухолифин ҳанӯз ҳам хеле фаъол буданд. Акнун навбати дар амал татбиқ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ расида буд. Таҳлили таҷрибаи сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки дар амал татбиқ намудани талаботи созишномаи мазкур аз марҳилаи баргузории гуфтушунидҳо ҳам вазнинтар буд. Зеро дар ин давра ҳукумат ва роҳбарияти мухолифнро лозим меомад, ки неруҳои худро зери назорати қатъӣ қарор дода, фаъолияти онҳоро дар доираи қонунҳои амалкунандаи мамлакат ба роҳ монанд. Инчунин, масъалаҳои баргардонидани гурезгон ба Ватан, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ташаккули ҳокимияти конститутсионӣ, амалӣ намудани авфи умумӣ ва умуман таъмини сулҳу субот ва роҳандозӣ намудани ваҳдати миллӣ ва оштии миллӣ бояд амалӣ карда мешуд.

Музокироти сулҳи тоҷикон, ки давраи аввалаш 5 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав оғоз гардида, даври охиринаш 27 июни соли 1997 дар ҳамон ҷо анҷом ёфта буд, яксон ва ҳамвор набуд. Бисёр воқеъ шудааст, ки раванди музокирот ва баъдтар фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ба бунбасте медаромад ва ҳайатҳои

музокиракунанда ва аъзои КОМ гумон мекарданд, ки муқовимату мухолифат аз сар гирифта мешавад. Вале, хушбахтона, роҳбарони ҷонибҳои сулҳи тоҷикон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, муассисаҳои масъули сиёсати хориҷии тарафҳо бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил сари вақт ҳозиру нозир мешуданд, гуфтугӯ мекарданд ва душвортарин мушкилотро бо як нишаст ҳаллу фасл намуда, тамоми масъулиятро бар дӯши худ мегирифтанд. Масалан, ҳалли саҳмияи 30%, имзои Протоколи сиёсӣ, иҷозаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсии бар асоси динӣ ташкилшуда ва ғ. масъулияти сангине буданд, ки гумон аст, ки ба ҷуз шахсияти миллии фавқуллодае, монанди Эмомалӣ Раҳмон каси дигаре онро ба зима мегирифт[1].

Дар давраи амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷонибҳо ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида буданд. Ҳатто баъди сипарӣ гардидани се сол, яъне дар соли 2000-ум ҳанӯз ҳам дар мамлакат дастаҳои гуногуни ҷиноӣ ва силоҳбасдаст амалҳои ҷиноӣ содир менамуданд. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин лаҳзаҳои душвортарин, ки дастаҳои ҷудогонаи мухолифине, ки ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ба тарафдорони худ итоат намекарданд, роҳу усулҳои гуногуне пайдо намуда, ҳалли бисёр масъалаҳоро ба дӯши худ мегирифт. Аз ҷумла, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2000 бо мақсади омӯхтани вазъияти ноҳияҳои Ленин (ноҳияи Рӯдакӣ), Кофарниҳон (Ваҳдат) ва минтақаи Қаротегин (Рашт) бо Амри махсуси худ Комиссияи ҳукуматӣ таъсис медиҳад, ки он барои андешидани тадбирҳо баҳри минбаъд муътадил гардонидани вазъ, фароҳам овардани шароити мусоид барои солимгардонии вазъи криминалӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши хеле муҳим бозидааст.[2] Комиссияи мазкур бо қумандонҳои саҳроии минтақаҳои мазкур вохӯриҳо гузаронида, аксари онҳоро ба корҳои мулкӣ сафарбар намудаанд. Инчунин дар

---

[1] Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи тоҷик дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2007. –№1 (14). –С.79.
[2] Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С.126-127.

рафти фаъолияти худ комиссия корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода, қисми зиёди дастаҳои силоҳбадастро барои супоридани силоҳҳои худ сафарбар намудаанд.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ дар самти ислоҳоти сиёсӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал оварда мешаванд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ аз соли 1998 то соли 2000 махсусан дар самти ташаккули системаи бисёрҳизбӣ ислоҳот гузаронида мешавад. Пеш аз ҳама, ба хотири иҷроиши талаботи Созишномаи умумӣ фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон», ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ мамнуъ эълон гардида буданд, иҷозат дода мешаванд. Дар соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (23 майи соли 1998) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13 ноябри соли 1998) қабул мегарданд. Қонунҳои мазкур муносибати байни ҳизбҳои сиёсиро ба танзим дароварда, мавқеи онҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо, салоҳият ва вазифаҳои онҳор муайян менамуд ва дар самти ташаккули системаи бисёрҳизбӣ заминаи хуб фароҳам меовард. Дар ин давра фаъолияти Ҳизби ягонагии халқии Тоҷикистон барои амалҳои зиддиконститутсионӣ ва Ҳизби адолатхоҳ барои мувофиқат накардан бо қонунҳои амалкунандаи мамлакат мамнуъ эълон карда мешаванд. Ҳамчунин дар ин давра бо мақсади гузаронидани ислоҳот дар заминаи системаи бисёрҳизбӣ аввал райъпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия ва сипас интихоботҳои президентӣ ва парлумонӣ баргузор карда мешаванд[1].

Аз рӯзҳои аввали фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсияи мамлакат пайваста баррасӣ мегардид. Ҷонибҳо дар атрофи як қатор масъалаҳо ҳеҷ ба мувофиқа расида наметавонистанд. Масъалаи асосие, ки кори Комиссияро дар ин самт мушкил гардонида буд, ин масъалаи ҳазф

---

[1] Абдуллоев И.Р. Из истории реформирования политической системы в Таджикистане / И.Р.Абдуллоев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2013. – №3 (55). – С.230.

намудани мафҳуми «дунявӣ» аз моддаи якуми Конститутсия ба шумор мерафт. Намояндагони мухолифин хеле зиёд кушиш менамуданд, ки мафҳуми «дунявӣ» аз матни конститутсия партофта шавад. Аммо ҷониби ҳукумат барои нигоҳ доштани он талош меварзиданд. Танҳо баъди сипарӣ гардидани ду сол ҷонибҳо дар масъалаи тағйиру иловаҳо ба конститутсия бо дарназардошти нигоҳ доштани мазмуни дунявии мамалакат ба мувофиқа расиданд ва 30 июни соли 1999 дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи матни конститутсия тасдиқ карда шуд. Дар ҷаласаи парлумон инчунин 26 сентябр рӯзи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ муайян карда шуд.

Рӯзи 26 сентябри соли 1999 раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кончтитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар моддаҳои 28, 49, 54 ва 65 тағйиротҳо ворид карда мешаванд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии умумихалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои раъйпурсиро эълон намуда, қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои мардуми мамлакат табрик намуд. Акнун, минбаъд мувофиқи конститутсияи нав ҳизбҳои динӣ метавонистанд озодона дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолият намоянд. Инчунин барои ташкили парлумони дорои ду палата низ шароит фароҳам оварда шуда буд. Инчунин дар ин раъйпурсӣ муҳлати салоҳияти Президент аз 5 сол то 7 сол дароз карда мешавад.

Як ҳолати дигарро низ ба инобат гирифтан зарур аст, ки баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи меъёрҳои қонуни асосӣ ҳизби сиёсии дорои характери динӣ озодона метавонист фаъолият намояд. Баъди баргузории ин маъракаи сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миёни давлатҳои ИДМ ягона мамлакате ба шумор мерафт, ки дар ҳаёти сиёсии он ҳизби динӣ амал менамуд.[1] Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати дунявӣ эълон

[1] Саъдуллоев И.И. Роль Комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. – Душанбе, 2006. – С.75.

намуда бошад ҳам иҷозати фаъолияти ҳизби сиёсии динӣ хилофи он дониста мешуд. Аммо ба хотири дар амал татбиқ намудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва таъмини сулҳу ваҳдат дар қаламрави кишвар ҳукумат дар ин самт нисбат ба мухолифин гузашт намуда буд, ки ин гуна санъати ҳалли масъалаи сиёсӣ на ба ҳар сарвари сиёсӣ муяссар мегардад.

Ҳамин тариқ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 сентябри соли 1999 фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва 3 декабри соли 1999 фаъолияти Ҳизби демократии Тоҷикисонро расман иҷозат медиҳад. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ин аввалин қадамҳои Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба саҳнаи сиёсат дониста мешавад. Минбаъд онҳо имкон пайдо намуданд, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат на бо роҳи зӯрӣ ва амалиётҳои ҳарбӣ, балки дар доираи қонунҳои амалкунандаи мамлакат фаъолият намоянд.

3-юми сентябри соли 1999 ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати 13-ум баргузор мегардад, ки дар он дар баробари баррасии як қатор масъалаҳои алоҳида, инчунин рӯзи баргузории интихоботи президентӣ низ муайян карда мешавад. Мувофиқи қарори қабулнамудаи Маҷлиси Олӣ 6 ноябри соли 1999 дар мамлакат бояд интихоботи президентӣ баргузор мегардид. Бори аввал дар таърихи навини Тоҷикистон Иттиҳоди мухолифини тоҷик имкон пайдо намуда буданд, ки номзади худро барои иштирок дар интихоботи президентӣ пешбарӣ намоянд. Барои иштирок дар интихоботи президентӣ чаҳор номзад пешбарӣ гардида буд: Эмомалӣ Раҳмон аз Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, Сайфиддин Тураев аз Ҳизби адолатхоҳи Тоҷикистон, Султон Қувватов аз Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Давлат Усмон аз Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президентӣ» номзадҳо барои роҳ ёфтан ба интихобот 5% овозҳои интихобкунандагон, ё ин ки имзои зиёда аз 145 000 нафарро бояд ҷамъоварӣ менамуданд.[1]

---

[1] Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 4 ноября 1999 г.

Комиссияи марказии интихобот 1 ноябри соли 1999 эълон намуд, ки номзадии Эмомалӣ Раҳмон ва Давлат Усмон ба рӯйхати номзадҳои интихоботӣ ворид карда шуда, ду номзади дигар бинобар сабаби ҷамъоварӣ накардани шумораи муайяни имзоҳо ба рӯйхат ворид карда нашуданд. Ниҳоятан рӯзи 6 ноябри соли 1999 интихоботи президентӣ дар фазои демократӣ ва ором баргузор мегардад. Эмомалӣ Раҳмон бо гирифтани аксари овозҳо ғолибият ба даст меорад ва барои 7 соли дигар ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мегардад. Чунин натиҷаи интихобот бори дигар аз он шаҳодат медод, ки мардуми кишвар ба неруҳои мухолифин дигар боварӣ надоштанд ва заҳмату талошҳои Эмомалӣ Раҳмонро нодида гирифта наметавонистанд. Зеро дар дохили мамлакат мардум медид, ки ин марди шариф барои таъмини сулҳу субот ва аз байн бурдани хунрезӣ чи корҳо ва чи гуна қаҳрамониҳое анҷом дода истодааст.

Шояд Иттиҳоди мухолифни тоҷик муваффақиятҳои Эмомалӣ Раҳмонро дида дар ҳарос афтода буданд, ки пеш аз баргузории интихоботи президентӣ нисбат ба масъалаи бақайдгирии номзадҳо эътироз баён намуда, ҳатто бойкот эълон намуданд. Онҳо фаъолияти худро дар кори Комиссияи оштии миллӣ пурра қатъ намуданд. Ҳарчанд бо пешниҳоди намояндаи махсуси Котиби генаралии СММ Иво Петров Комиссияи оштии миллӣ барои ҳалли вазъияти бамаломада Гуруҳи корӣ таъсис дода бошанд ҳам, дар ин самт кореро анҷом дода натавонистанд. Як рӯз пеш аз баргузории интихоботи президентӣ, яъне 5-уми ноябри соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифни тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нӯрӣ вохӯрӣ баргузор намуда, масъалаи мазкурро баррасӣ менамоянд. Дар охири вохӯрӣ онҳо ҳуҷҷати алоҳидаеро таҳти унвони «Протокол дар бораи кафолатҳои сиёсӣ дар давраи омодагӣ ва баргузории интихоботи парлумонӣ»-ро ба имзо мерасонанд. Баъди баргузории интихоботи президентӣ ва чигунае, ки дар боло қайд гардид, баъди ғолибият ба даст овардани Эмомалӣ Раҳмон, Иттиҳоди

мухолифини тоҷик рӯзи 8-уми ноябр фаъолияти худро дар Комиссияи оштии миллӣ идома медиҳанд.

10 декабри соли 1999 баъди баррасиҳои тӯлонӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» бо таҳрири нав аз ҷониби парлумон қабул карда мешавад. Мувофиқи қонуни нав дар интихоботи парлумонии навбатӣ, ки қарор буд 27 феврали соли 2000 баргузор гардад, 63 ҷой барои палатаи поёнии парлумон ҷудо карда мешуд. Ниҳоятан 27 феврали соли 2000 интихоботи парлумонӣ барои интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагон шуда мегузарад. Бақайдгирии номзадҳо 6 феврал ба анҷом мерасад ва мувофиқи ахбороти Комиссияи марказии интихобот 331 номзад ба қайд гирифта шуда, онҳо барои 63 курсии парлумонӣ мубориза мебаранд. Яъне панҷ нафар барои як ҷой. Дар рӯзи баргузории интихоботи парлумонӣ ҳеҷ воқеае рух намедиҳад ва ин маъракаи сиёсӣ дар фазои ором баргузор мегардад.

1 марти соли 2000 Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ натиҷаҳои интихоботро эълон менамояд. Бинобар маълумоти Комиссияи марказии интихобот, дар интихобот 93,23% овоздиҳандагон ширкат меварзанд. Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон 33 ҷой, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 7 ҷой, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон 2 ҷойро соҳиб мегарданд. Номзадҳое, ки мустақилона худро пешбарӣ намуда буданд, дар ҳашт ҳавзаи интихоботӣ ғолиб меоянд, аммо натиҷаи ду ҳавзаи онро бинобар сабаби роҳ додан ба қоидавайронкунӣ аз эътибор соқит менамоянд. Дар 13 ҳавзаи интихоботии боқимонда ҳеҷ як номзад аксарияти овозҳоро соҳиб шуда наметавонанд, ки дар натиҷа дар ҳавзаҳои мазкур 12 март баргузории даври дуюми интихоб таъин мегардад. Дар даври дуюми интихобот Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон 7 ҷойи дигарро соҳиб мегардад. Ҳамин тариқ, Ҳизби сотсиалистӣ, Ҳизби демократӣ ва Ҳизби адолатхоҳ натавонистанд, ки 5% овозҳоро соҳиб шаванд ва аз ин рӯ, онҳо дар парлумони навтаъсис ҳеҷ ҷойро соҳиб нагардиданд.

23 марти соли 2000 интихоботи Маҷлиси миллӣ баргузор мегардад ва мувофиқи конститутсия 25 нафар узви палатаи болоии парлумон аз ҷониби маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб мегарданд.

26 марти соли 2000 роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ҳамзамон раиси Комиссияи оштии миллӣ дар ҳузури хабарнигорон, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои кафили сулҳ охирин ҷаласаи Комиссияи оштии миллиро баргузор намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров намояндагӣ менамуд. Дар ҷаласаи мазкур рафти иҷроиши талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда мешавад. Ҷонибҳо эътироф менамоянд, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз масъалаҳои дар Созишнома нишондодашуда ҳалли худро пайдо накрадаанд ва аз ин рӯ, минбаъд мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли онҳо бояд чораҷӯӣ намоянд. Ҳамин тариқ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1 апрели соли 2000 фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ қатъ карда шуда, ҳайати он пароканда карда мешавад.

Таҳлили раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои миллати тоҷик ҳуҷати сарнавиштсос ва тақдирсоз маҳсуб меёбад. Маҳз дар доираи талаботи ин ҳуҷҷат ҷонибҳо тавонистанд миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз вартаи нобудӣ раҳо бубахшанд. Ҳамчунин дар раванди ба даст овардани оштии миллӣ мардуми шарифи Тоҷикистон низ, ки соҳиби фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастанд, баъди гузашти чанд соли тираву тор дарк намуданд, ки ҷанги ҷомеаи онҳо ҷанги таҳмилӣ буда, ба ғайр аз харобиву вайронӣ ба онҳо чизеро муҳайё намекунад. Ин нукта дар паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муносибати сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бахшида шуда буд, хеле хуб инъикос ёфта буд: «Омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири

халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир. Ин аст, ки мо бо ифтихор ва сарфарозӣ мегӯем: ҳарчанд, ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад»[1].

Низои сиёсии тоҷикон дар назди наслҳои имрӯзу оянда сабақҳоеро гузошт, ки бо дарназардошти онҳо имкони дурӣ ҷустан аз низоъҳои сиёсӣ ва пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот имконпазир мегардад.

– ҷанги шаҳрвандӣ метавонад ба парокандагии давлат, вайрон гардидани механизми идоракунии давлатӣ ва маҳви миллат оварда расонад;

– ҷанги шаҳрвандӣ метавонад системаҳои ягонаи молиявию иқтисодӣ ва хоҷагидориро пурра аз байн бубарад;

– дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ҳеҷ як ҳизби сиёсӣ ва ё неруи сиёсӣ наметавонад ба воситаи ҷанг ғолибият ба даст оварад;

– танҳо гузашт намудан ва ба созиш омадан метавонад ҷанги шаҳрвандиро аз байн бубарад[2].

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумӣ оҳиста-оҳиста вазъияти сиёсию иқтисодии мамлакат рӯ ба беҳбудӣ мениҳад, ки дар ин самт хизматҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург мебошад. Аз охири соли 1997 то соли 2000 ба ҳамаи мушкилиҳои амалишавии Созишномаи

---

[1] Паёми табрикӣ ба муносибати сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. ш.Душанбе, 26-уми июни соли 2000. [Маводи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/9635 (санаи истифодабарӣ: 05.02.2017)

[2] Набиева Н. Роль ООН в урегулировании межтаджикского конфликта // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. –№3/3. –С.99.

умумӣ нигоҳ накарда, барои баркарор намудани иқтисодиёти фалаҷгардида ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии мардум талош меварзад. Пеш аз ҳама, зикри як қатор иншоотҳои муҳими стратегӣ хеле муҳиманд. Аз қабили, бунёди шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Қулма – Қароқурум, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, оғози сохтмони нерӯгоҳи барқии Сангтӯда, туннели Анзоб ва дигарон ба ин мисол шуда метавонанд.

Оштии миллӣ ва боварии тарафайн ҷонибҳои ба ҳам муқобилро ба як миллати воҳид табдил дод ва барои барқарор намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Чи гунае, ки дар боло қайд гардид, оштии миллӣ, ки пойдории он дар заминаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҳувайдо гардид, барои гузаронидани як қатор чорабиниҳои муҳими сиёсии мамлакат ва ҷомеаи Тоҷикистон шароити боамн фароҳам овард. Аз ҷумла, баргузор гардидани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, баргузории интихоботи президентӣ ва парлумонӣ, ташаккул ёфтани системаи бисёрҳизбӣ ва роҳандозӣ гардидани парлумони касбӣ чорабиниҳое буданд, ки дар назди мардуми тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиҳони ҷиддиеро пеш мегузоштанд. Тоҷикистон ва миллати тоҷик тавонист, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ хиради азалии худро исбот намуда, иродаи қавии худро ба ҷаҳониён нишон диҳад. Бинобар ин, дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистон тавонист худро ҳамчун давлати мустақили боамн ва шарики тиҷоративу стратегӣ муаррифӣ намояд. Ҳамчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ба ислоҳоти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигариста, онро ҳамчун давлати демократӣ дарёфтанд, ки барои ба даст овардани эътимоди байналхалқӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷик аҳамияти бузурги байналмиллалӣ дошт.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ то соли 2000, яъне дар як муддати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ ҳамкорӣ оғоз менамояд. Аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ, Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки Осиё,

Бонки исломии тараққиёт ва ғ. Тоҷикистонро ҳамчун шарики иқтисодӣ мепазиранд ва ҳамкории худро оғоз менамоянд.

Марҳилаи начандон тӯлонии таърихӣ собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати созандаву бунёдкор, ватандӯсту ватанпарвар, соҳибтамаддуну фарҳангӣ ва сулҳхоҳу таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи воқеан муосири демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд[1].

Таҷрибаи бобарори сулҳи тоҷикон ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар расидани он дастоварди бузурги дипломатияи муосири тоҷик низ ба шумор мерафт. Мақомоте, ки сиёсати хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва роҳбарияти онро амалӣ мекарданд, давраи ташаккулро аз сар мегузарониданд. Чунончӣ, дарвоқеъ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар ҷойи холӣ ба вуҷуд омада буд. Аммо ба он муяссар гардид, ки дар кӯтоҳтарин фурсат ҳайати дастгоҳи марказии худро пурра намояд.[2] Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои сиёсати хориҷии он бо сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон на танҳо сиёсати сулҳу оштии миллиро дар мамлакат пеш гирифтанд ва онро бомуваффақият амалӣ гардониданд, балки ба субут ҳам расониданд, ки метавонанд бо мухолифони сиёсиашон дар шароити низоми бисёрҳизбӣ ва парлумонӣ дар идораи ҳукумат ҳамкорӣ намоянд. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон исбот кард, ки душвортарин масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро метавон аз тариқи муколамаву музокира ва бо роҳи мусолиҳатомез ҳал кард.[3]

Хулоса баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав оғоз гардида, мустаҳкамгардии пояҳои ваҳдати миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Конфронси байналхалқӣ бахшида ба панҷумин солгарди

[1] Ваҳдат ҷавҳари ҳастии миллат ва омили рушди устувори кишвар. Душанбе, 2016. – С.4.
[2] Назаров Т. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. –Душанбе, 2001. –С.153.
[3] Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи тоҷик дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2007. –№1 (14). –С.80.

